**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ**
**АКАДЕМИЯ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ТДУ 343.98+343.983 9575.3)
ТКБ 67.99 (2) 94+67.99 (2) 8 (2 тоҷик)
А – 63

**Анварзода Самандар Анвар**

# АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАНЗИМКУНАНДАИ ИСТИФОДАБАРИИ НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
аз рӯйи ихтисоси: 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
Раҳимзода Рамазон Ҳамро,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон

**Душанбе – 2025**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ .............. 3**

**МУҚАДДИМА ........................................................................... 4-22**

**БОБИ 1. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ИСТИФОДАБАРИИ НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ .................................... 23-65**

1.1. Мафҳуми натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ........... 23-52
1.2. Ташаккул ва инкишофи асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ................................ 53-65

**БОБИ 2. МЕХАНИЗМИ ИСТИФОДАБАРИИ НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ ........................................................................... 66-153**

2.1. Ҷамъоварии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ то оғози парвандаи ҷиноятӣ ........................................................ 66-89
2.2. Истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳангоми тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ........................................ 90-101
2.3. Истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар рафти мурофиаи судӣ ................................................... 102-129
2.4. Мушкилоти асосии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ........................... 130-153

**БОБИ 3. МУКАММАЛНАМОИИ НИЗОМИ НАЗОРАТӢ ВОБАСТА БА ИСТИФОДАБАРИИ НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ ........................................................................ 154-195**

3.1. Назоратбарии идоравӣ ҷиҳати истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷониби мақомоти амаликунандаи он ..................................................... 154-173
3.2. Назорати прокурорӣ бобати риоя ва иҷрои қонунҳо вобаста ба истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ........ 174-195

**ХУЛОСА ........................................................................... 196-201**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ ........................................................................ 202-205**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО) ........................................... 206-228**
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ........................................................................... 229**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ГМҶ** – Гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**ИҶШС** – Иттиҳоди ҷумҳуриҳои шуравии сотсиалистӣ

**КИҶҶ ҶТ** – Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ ҶТ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМҶ ҶТ** – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМҶ ФР** – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия

**КҶ ФР** – Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия

**КМҶ ҶШС** – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии шуравии сотсиалистӣ

**КМҶ ҶҚ** – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон

**КҶ ҶШСФР** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии шуравии сотсиалистӣ Федеративии Россия

**ҚФ** – Қонуни федералӣ

**ПБО** – Парвандаҳои бақайдгирии оперативӣ

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид

**ҶШСФР** – Ҷумҳурии шуравии сотсиалистӣ Федеративии Россия

**ҶФО** – Ҷумҳурии Федеративии Олмон

**ФОҶ** – Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ

**ЧОҶ** – Чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ

**ғ.** – ғайра

**с.** – сол

**с.** – саҳифа

**қ.** – қисм

**б.** – банд

**м.** – модда

**н.** – ноҳия

**ш.** – шаҳр

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ҷинояткорӣ зуҳуроти ҳаёти иҷтимоӣ буда, сатҳи он доимо тағйирпазир аст. Давлат тавассути мақомоти дахлдор ва аҳли ҷомеа метавонад муқовиматро алайҳи ҷинояткорӣ пурзӯр намуда, сатҳи онро паст намояд. Вазъи ҷинояткорӣ наметавонад ҳар як шаҳрванди фаъоли мамлакатро ба ташвиш наорад. Ҷинояткорӣ метавонад барои рушди муътадили ҷомеа ва давлат монеаи ҷиддӣ бошад.

Таҳлили вазъи ҷинояткорӣ дар ҷумҳурӣ дар солҳои 2016-2021 нишон дод, ки он тамоюли пасту баландшавӣ дошта, дар умум 111 187 ҷиноят (2016 – 21 756, 2017 – 22 018, 2018 – 21 957, 2019 – 21 996, 2020 – 23 460) ба қайд гирифта шуда, кушодашавии онҳо бошад, беҳтар гардидааст. Аз ҷумла, фоизи кушодашавии ҷиноятҳо дар солҳои 2016 – 87,1 фоиз, 2017 – 83,3 фоиз, 2018 – 83,6 фоиз, 2019 – 85,7 фоиз, 2020 – 83 фоизро ташкил додааст [13]. Дар солҳои 2021 – 24 118, 2022 – 22 481, 2023 – 21 319 ва 2024 – 22 315 ҷиноятҳо ба қайд гирифта шудаанд. Фоизи кушодашавии ҷиноятҳо мутаносибан дар солҳои 2021 / 80,4; 2022 / 76,7; 2023 / 75,5 ва 2024 / 76,81 ташкил дод [170; 171; 172].

Аз ин лиҳоз, мақомоти дахлдори давлатӣ якҷо бо аҳли ҷомеа уҳдадоранд дар муқовимат бо ҷинояткорӣ чораҳо ва роҳу усулҳои заруриро андешанд. Ин чораҳои иқтисодӣ, сиёсӣ-иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқӣ шуда метавонанд. Дар байни чораҳои ҳифзи ҳуқуқӣ ҷойи намоён ва муҳимро самтҳои ба ҳам наздику пайвасти ҳуқуқи ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ ва фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ишғол менамоянд.

Асоси фаъолияти мазкурро санадҳои махсуси меъёрии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд, ки тартиби ошкор намудан, огоҳонидан, гирифтани маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо ва минбаъд ифшо намудани онҳоро муайян менамоянд. Муқарраротҳои мазкур алгоритми ҷустуҷӯ ва муайян кардани шахсонеро муқаррар месозанд, ки дар омодасозӣ, банақшагирӣ ё содир намудани кирдорҳои ғайриқонунӣ ҷалб шудаанд.

Ғайр аз ин, меъёрҳои мазкур тартиби кофтукови шахсонеро муайян менамоянд, ки аз мақомоти тафтишотӣ, судӣ ё аз иҷрои қарорҳои судӣ саркашӣ мекунанд.

Нуктаи асосӣ дар он аст, ки иҷрои фаъолияти мазкур ва иштирок дар он танҳо ба сохторҳои давлатии махсус ваколатдор иҷозат дода мешавад. Ба чунин сохторҳо мақомоте дохил мешаванд, ки чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мегузаронанд, шуъбаҳои тафтишотӣ, муфаттишон, мақомоти прокуратура, инчунин мақомоти судӣ ва судяҳо. Ҳуқуқи оғоз кардани парвандаи ҷиноятиро танҳо мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо доранд. Беҳтар гардонидан ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти номбаршуда ҳамеша вазифаи афзалиятноки давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (минбаъд – ФОҶ) пеш аз ҳама барои дастрас намудани маълумоти воқеӣ ва супоридани онҳо ба мақомоти ваколатдор хизмат мекунад, ки ин маълумот метавонад ҷараёни дигар намудҳои фаъолияти мурофиавии ҷиноятиро дар доираи парвандаи ҷиноятии оғозшуда муайян намояд.

Барои он ки натиҷаҳои ФОҶ дуруст истифода бурда шаванд, лозим аст, ки ба як қатор меъёрҳои санадҳои зерқонунӣ мурочиат намуд, ки дар онҳо нишондодҳои мушаххас муқаррар карда шудаанд [15; 16; 17].

Натиҷаҳои ФОҶ дар ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматӣ (гузоришҳо, маълумотномаҳо, ахбороти оперативӣ дар бораи ҷиноятҳо ва ҳодисаҳо, санадҳо, ҳисоботҳо ва ғайраҳо) инъикос мегарданд. Ба ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматӣ ашё (предметҳо) ва ҳуҷҷатҳое, ки дар натиҷаи гузаронидани ЧОҶ ба даст дароварда шудаанд, метавонанд замима карда шаванд. Дар сурате, ки агар дар доираи ФОҶ чорабиниҳои оперативӣ-техникӣ гузаронида шаванд, он гоҳ натиҷаҳои ФОҶ мумкин аст дар барандагони моддии (физикии) иттилоот инъикос гарданд (сабтҳои овозӣ ва видеоӣ, плёнкаҳои расмгирӣ, наворҳои кино, дискҳои магнитию лазерӣ (флэшкаҳо)  ва ғайраҳо).

Маълумоти дар ҷараёни фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҷамъовардашуда дар ҳамаи марҳилаҳо - аз чорабиниҳои оперативӣ то тафтишот ва баррасии судӣ истифода мегарданд. Дар ин маводҳо маълумот дар бораи шахсони кофтуковшаванда ва асоснокии пайдоиши далелҳо сабт мегардад. Ҳамчунин шахсоне, ки аз ҳолатҳои марбут ба парванда огоҳ мебошанд, бояд зикр карда шаванд. Илова бар ин, бояд маълумот дар бораи ҷойгиршавии олоту воситаҳои барои содир кардани ҷиноят истифодашуда оварда шавад. Маълумот дар бораи маблағи пулӣ ва молу мулке, ки ғайриқонунӣ ба даст оварда шудааст, низ дохил карда мешавад. Ғайр аз ин, ҳуҷҷатҳо ва ашёҳое ҷамъоварӣ мешаванд, ки метавонанд воқеияти содир гардидани ҷиноятро тасдиқ кунанд. Дар баробари ин, ҳолатҳое сабт мегарданд, ки ба ҳаҷм ва пайдарҳамии гузаронидани амалҳои тафтишотӣ таъсир мерасонанд. Дар асоси маълумоти мазкур, интихоби тактикаи самараноктарини гузаронидани чунин амалҳои тафтишӣ ва коркарди усулҳои беҳтарини он аз рӯйи парвандаи ҷиноятии мушаххас таъмин мегардад.

Истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ, ки барои тайёр намудан ва гузаронидани амалҳои тафтишӣ равона карда шудаанд, асосан бо ҳалли масъалаҳои ташкилӣ-тактикӣ, ба монанди таъсис додани гуруҳҳои тафтишотӣ-оперативӣ, ҷалби мутахассисон, интихоби воситаҳои техникии криминалистӣ ва дигар воситаҳои техникӣ, муайян намудани ҷой, вақт ва тактикаи амалҳои тафтишӣ ва ғайраву ҳоказо алоқамандӣ дорад.

Ҳамзамон, дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 махсусан ишора карда шудааст, ки ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ҳамчун фаъолияти муҳимми мусоидаткунанда ба мурофиаи ҷиноятӣ, ки пинҳонӣ ва яктарафа анҷом меёбад, муносибат намуда, дар оянда ҷанбаҳои мурофиавии ин фаъолият коркард шуда, натиҷаи онро тибқи қоидаи далеловарӣ бо қонунгузорӣ ба расмият

медарорад, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ мавриди истифода қарор дода шавад [18].

Бинобар ба инобат гирифтани нуқтаҳои зикршуда баррасии илмӣ-амалии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, ки ба таҳлили илмӣ-амалии асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ бахшида шудааст, мубрам, асоснок ва саривақтӣ мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар низоми омода намудани кадрҳои баландихтисоси риштаи ҳуқуқшиносӣ фанни таълимии «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» мақоми махсусро дорад. Маҳз, инкишофи фанни таълимӣ ва илми фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, васеъ ва дуруст истифода бурдани дастовардҳо ва ҷузъиёти қонунгузории соҳавӣ, амалияи ҳуқуқтатбиқнамоии мақомоти судӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам оварданд, то ин ки дар самтҳои номбаршуда маводи таълимии баландсифат омода карда шавад.

Дар ин ҷода, таълифоти Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, генерал-полковники милитсия Раҳимзода Р.Ҳ. эътироф мегарданд, ки айни замон, махзани бузурги таълимӣ ва илмӣ-амалӣ шинохта шудааст. Рушд ёфтани илм ва амалияи ФОҶ маҳз бо қалам ва дастовардҳои назарраси муаллифи номбурда ба аксарият имконият дод, то ин ки дар ин самт дастовардҳои бузург ба даст оянд. Ба қалами муаллиф якчанд китобҳои дарсӣ [53; 54; 55; 56; 57; 58] бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва якчанд монографияҳо [59; 60; 61; 62; 63; 64] эҷод шудаанд.

Ҳамзамон, саҳми назаррас доранд дар баррасии дигар масъалаҳои калидии истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ ва ҷанбаҳои дигари ин самти фаъолият олимони Федератсияи Россия. Сар карда аз таълифот дар самти таълими-методӣ, илмӣ-амалӣ ва воситаҳои дахлдор [46; 33; 34; 47; 69], тадқиқотҳои диссертатсионии докторӣ (муаллифони ватанӣ низ) [141; 152; 153; 154], тадқиқотҳои диссертатсионии номзадӣ [158; 142; 149;

144; 147; 155; 156; 138; 139; 146; 145; 150; 151; 157], аз бою ғанӣ будани илм шаҳодат медиҳад.

Инчунин, як қатор тадқиқотҳои монографӣ [38; 52; 28; 41; 67; 39; 77; 73; 68; 31; 70] низ ба нашр расидаанд, ки дар сатҳи дахлдор тадқиқ шудани мавзуи мазкур шаҳодат медиҳанд.

Новобаста аз ҷой доштани иқтидори муайяни илмӣ, таълимӣ ва амалӣ дар ҷодаи таҳлили маҷмуии асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар ҷумҳурӣ ва берун аз он, мавзуи мазкур заруратро тақозо менамояд барои гузаронидани таҳлили маҷмуии илмӣ-амалии мавзуи интихобгашта.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028», мавзуи илмӣ-тадқиқотии «Проблемаҳои амалия ва назарияи модернизатсияи фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2021-2025)», ки аз буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии назди кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро омӯзиши маҷмуии асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ; коркарди таклифҳо ва пешниҳодоти мушаххаси дорои мазмуни илмӣ-амалӣ ва мукаммалсозии институти мазкур дар ҷодаи мукаммалнамоии қонунгузории соҳавии ватанӣ, ташкил медиҳад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Ҷиҳати ноил гардидан ба мақсади гузошташуда, ҳалли вазифаҳои зерин саривақтӣ ва заруранд:

– мушаххаснамоии мафҳуми натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар илм ва амалия;

– таҳлил ва муайян намудани ташаккул ва инкишофи асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ;

– таҳлил ва исбот намудани ҷамъоварии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ то оғози парвандаи ҷиноятӣ;

– омӯзиш ва таҳлили асосҳои истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳангоми тафтиши парвандаи ҷиноятӣ;

– муайян намудани истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар рафти мурофиаи судӣ;

– таҳқиқи мушкилоти асосии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ;

– таҳлили назоратбарии идоравӣ ҷиҳати истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷониби мақомоти амаликунандаи он;

– таҳқиқи илмӣ-амалии назорати прокурорӣ бобати риоя ва иҷрои қонунҳо вобаста ба истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ;

– коркард ва пешниҳоди самтҳои асосии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие ташкил менамоянд, ки танзими асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва мукаммалнамоии онро тақозо менамоянд.

**Мавзуи таҳқиқот.** Ба сифати мавзуи таҳқиқот меъёрҳо ва муқаррароти қонунгузории амалкунандаи ҷумҳурӣ оид ба асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоии он дар фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ баромад менамояд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионии интихобгашта тибқи муқаррароти нақшаи таълифи диссертатсия омода шуда, макони бевоситаи таҳқиқот ин кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии

Тоҷикистон мебошад. Давраи таҳқиқот солҳои 2021-2025-ро дар бар мегирад ва тавассути ду зермарҳила ба анҷом расонида шудааст.

Дар зермарҳилаи якум (солҳои 2021-2022) адабиёти дахлдор, маводи илмӣ, таълимӣ ва амалӣ ҷамъоварӣ гардида, имтиҳонҳои номзадӣ, дигар масъалаҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ баррасӣ гардида, мавзуи интихобгашта дар ҷаласаи кафедраи кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва ҷонибдорӣ гардида, сипас дар ҷаласаи Шурои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.

Дар зермарҳилаи дуюм (солҳои 2023-2025) мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин барасмиятдарории матни таҳқиқоти диссертатсионӣ, нашри натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва муҳокимаи пурраи он дар ҷаласаи кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди диссертатсия ба шурои диссертатсионии дахлдор ба анҷом расид.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки бевосита дар қисмати дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмии диссертатсия пурра оварда шудаанд ва дигар олимон-мутахассисони соҳавӣ, ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар рафти таълифи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур усулҳои диалектикӣ, инчунин, ҷиҳати баррасии минбаъдаи вазифаҳои гузошташудаи муаллиф бо истифода аз равишҳо ва усулҳои расмӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, оморӣ ва дигар усулҳои илмии умумӣ ва махсус, истифода намудааст.

Методологияи дар рафти таълифи таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобгашта ва истифодашуда имкон дод, ки мавзуи мазкур дар сатҳи дахлдор таҳқиқ гардида, хулосаҳои назариявӣ ва амалӣ исботи хешро ёбанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар ҷараёни таълиф ва коркарди як қатор фикру ақидаҳо, таҳлили масоили асосҳои ҳуқуқии истифодабарии

натиҷаҳои ФОҶ, аз ҷониби диссертант бо зиёда аз 110 корманди оперативӣ, 35 прокурор ва 74 муфаттиш / таҳқиқбаранда (дар маҷмуъ 219 нафар) мусоҳиба анҷом дода шудааст. Инчунин, миқдори дахлдори натиҷаҳои коркардҳо, ки дар таълифоти дахлдори муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ истифода шудааст, мавриди таҳлил ва истифода қарор дода шудааст.

Диссертант вобаста ба асоснокии андешаҳои муаллифонааш аз махзанҳо ва бойгонии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти оморӣ, маълумотномаҳо, ҳисобот ва дигар маводи таҳлилиро васеъ истифода бурдааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аввалин таҳқиқоти монографӣ дар ҷумҳурӣ мебошад, ки масъалаҳои назариявӣ ва амалии асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ-ро дар бар мегирад. Бояд иброз намуд, ки дар чунин сатҳ таҳқиқоти монографӣ ва таҳқиқоти диссертатсионӣ вобаста ба мавзуи интихобнамудаи диссертант дар ҷумҳурӣ таълиф ва ба ҳимояи ошкоро пешниҳод карда нашудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

1. Дар зери мафҳуми натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ маълумоте фаҳмида мешавад, ки мақомоти ваколатдор дар рафти чорабиниҳои оперативӣ ба таври расмӣ сабт менамоянд. Амалҳои мазкур дар асоси қонун бо мақсади ошкор кардани ҷиноятҳо ва ҳалли дигар вазифаҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ иҷро карда мешаванд. Ба чунин маълумот иттилоот дар бораи иштирокчиёни амалиёт, инчунин маълумот дар бораи шахсоне дохил мешаванд, ки аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пинҳон мегарданд.

2. Истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ – амали мақомоти тафтишоти пешакӣ, прокурор, судя (суд) бо маводи оперативии ғайримахфигардида ва пешкашкардашудаи мақомоти

амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҷиҳати санҷишу баҳогузории асоснок ва қонунии онҳо ва истифодабариашон дар ҷараёни исбот бо парвандаи ҷиноятӣ мебошад.

3. Раванди ташаккулёбӣ ва инкишофи асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, инчунин, ҷараёни таъсиси механизми устувори амалигардонии он дар таҷрибаи мурофиаи судии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки дар натиҷаи тадбирҳои дар ин самт андешидашуда, институти истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи низоми муқовимат ба ҷинояткорӣ ба вуҷуд омадааст. Таърихи институти мазкур, ки дар кишварамон зиёда аз ним аср давом дорад, зарурату самаранокии онро тасдиқ мекунад, зеро иқтидори мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии дар натиҷаҳои он инъикосгардида тавассути механизми истифодабариашон дар рафти мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ихтиёри мақомоти тафтишоти пешакӣ, прокурор ва судя (суд) дастрас шуда, ба онҳо имконият медиҳад уҳдадорӣ ва вазифаҳояшонро дар сатҳи талабгардидаи қонун иҷро намоянд.

4. Институти истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ҷойи муқаррарро ишғол карда, аҳаммияти дахлдор дорад, бо ҳамин дурнамои рушдро дастрас намудааст ва бо вуҷуди камбудиҳои назариявӣ ва амалӣ ҷиҳати функсиягардониаш дар низоми мазкур ва зуҳуроти зудтағйирёбии замони муосир бо хатару окибатҳояш, масъалаи мукаммалнамоии институти номбурда ҳадафи аввалиндараҷаи давлат ба шумор меравад.

5. Ҷамъоварии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ – маҷмӯи амалҳои корманди оперативӣ оид ба гирд овардану ғун кардан ва ба расмият даровардани маълумоти воқеӣ дар бораи мавҷуд будани ҳодисаи ҷиноят мебошад, ки зимни гузаронидани чорабиниҳо ва дигар ҳаракатҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дастрас шудаанд ва онҳо барои пешгирӣ, ошкор ва

тафтиши ҷиноятҳо аҳаммият дошта, бо риояи талаботи қонунгузории оперативӣ-ҷустуҷӯӣ барои пешниҳод кардан ба мақомоти тафтишот, прокурор ва судя (суд) нигаронида шудаанд.

6. Вобаста ба ин, хусусияти марҳилаи то оғози парвандаи ҷиноятӣ дар он мебошад, ки давраи мазкур дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ибтидоӣ буда, дар ин марҳила ҷамъоварии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ оид ба ҳодисаи ҷиноят аз ҷониби мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мустақилона ё бо дархости мақомоти ҳифзи ҳуқуқи дахлдор тавассути гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба роҳ монда мешавад. Маълумоти бадастомада натиҷаи гузаронидани чорабиниҳои махсуси оперативӣ мебошанд. Пас аз санҷиш ин маълумот ба муфаттиш супорида мешавад, ки ӯ дар асоси онҳо метавонад парвандаи ҷиноятиро оғоз намояд.

7. Хусусияти хоси марҳилаи тафтишоти пешакие, ки дар рафти он натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ истифода бурда мешаванд, дар он ифода мегардад, ки он бо парвандаи ҷиноятии оғозгардида ҷараён мегирад ва дар давраи мазкур амалҳои тафтишотӣ ва чорабиниҳои санҷишӣ бо мақсади исботкунӣ гузаронида мешаванд. Ҳамин тариқ, барои мурофиаи судии минбаъда таҳкурсии исботи айб ташкил дода мешавад.

8. Истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳангоми тафтиши парвандаи ҷиноятӣ аз тарафи муфаттиш ва таҳқиқбаранда бо санҷиш ва баҳогузории асоснокӣ ва қонунӣ будани ин маводи пешкашгардидаи мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ оғоз мегардад. Дар сурати мувофиқат кардани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба талаботи қонунгузории оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ онҳо барои исбот бо парвандаи ҷиноятӣ истифода бурда мешаванд ва бо роҳи гузаронидани амалҳои тафтишотӣ ба далелҳои исботкунанда табдил мегарданд, ки метавонанд минбаъд дар баробари дигар далелҳои дастрасшудаи

мақомоти тафтишоти пешакӣ бо маводи парвандаи ҷиноятӣ ба мурофиаи судӣ пешкаш гарданд.

Вобаста ба ин хусусияти баррасии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар марҳилаи тосудӣ дар он мебошад, ки дар аксари ҳолатҳо онҳо аввалин маротиба ба саҳми муфаттиш ва таҳқиқбаранда пешниҳод мегарданд ва дар марҳилаи мазкур масъалаи "тақдири" минбаъдаи онҳо ҷиҳати коршояму кофӣ ва дурнамои судӣ доштанашон аз ҷониби шахсони мансабдори зикргардида ва дар ҳолатҳои пешбинигардидаи қонун – прокурору судя, ҳал карда мешаванд.

9. Мурофиаи судӣ баъди тафтишоти пешакӣ баргузор гардида, мавқеи марҳилаи асосӣ ва хотимавиро ишғол менамояд. Маҳз дар ҳамин давра суд маводи ҷамъовардашудаи мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакиро баррасӣ менамояд ва бар замми ин тафтиши судиро анҷом медиҳад. Ҳамзамон, суд тибқи муқаррароти қонунгузории мурофиавӣ натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро дар ҳалли масъалаҳои пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ, хусусан ҷараёни исбот истифода мебарад. Бинобар ин, аҳаммияти мурофиаи судӣ ҳамчун марҳилаи охирин дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ, ки бо қабули қарорӣ хотимавии пешбиникардашудаи қонун анҷом дода мешавад, басо назаррас аст. Камбудиҳо, норасогиҳо ва хатогиҳое, ки дар марҳилаи тосудӣ, яъне пеш аз оғози парвандаи ҷиноятӣ ва ҳангоми тафтиши он вобаста ба натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва истифодабарии онҳо дар мурофиаи судии ҷиноятӣ роҳ дода шудаанд ва саривақт бо механизми назоратбарии идоравӣ ва назорати прокурорӣ бартараф нашуда бошанд, дар суд бояд ошкор шуда, оид ба ислоҳ кардани онҳо чораҳои мушаххас андешида шаванд.

10. Таҳлили асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ нишон медиҳад, ки бо вуҷуди он дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон функсияи "назоратбарии судӣ" вуҷуд надошта бошад ҳам, фаъолияти суд оид ба иҷрои вазифаҳои

муқарраргардидаи қонун функсияи назоратбариро низ дар бар мегирад. Дар марҳилаҳои таҳқиқу тафтиши пешакӣ ва мурофиаи судӣ мақомоти суд назоратбарии судиро тавассути ваколатҳои зерин ба амал мебарорад:

1) Маводи пешниҳодшуда аввал аз ҷиҳати қонунӣ ва асоснокӣ санҷида мешаванд. Ин ҳуҷҷатҳо ҳангоми баррасии дархостҳои мақомоти ваколатдор ҷиҳати гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ ё амалҳои тафтишотӣ истифода мегарданд. Чунин амалҳо метавонанд ба ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон дахл дошта бошанд. Дархостҳо барои гузаронидани онҳо аз ҷониби шуъбаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, мақомоти таҳқиқ ё муфаттишон пешниҳод мешаванд;

2) Пас аз анҷоми тафтиши пешакӣ ва таҳқиқоти минбаъда, прокурор парвандаи ҷиноятиро ҳамроҳ бо хулосаи айбдоркунӣ ба суд ирсол менамояд. Дар ин марҳила судя бо тамоми маводи аз ҷониби тарафҳо пешниҳодшуда шинос мешавад. Иттилооти дар ҷараёни фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҷамъоваришударо судя алоҳида мавриди баррасӣ қарор дода, мутобиқати онҳоро ба меъёрҳои қобили қабул будан ҳамчун далелҳо баҳогузорӣ менамояд. Суд ҳамчунин назорат мекунад, ки ҳар як амали мурофиавӣ бо қонун мутобиқат дошта бошад;

3) Назорати судӣ баррасии муроҷиатҳо, шикоятҳо ва аризаҳои воридшуда аз шаҳрвандон ва ташкилотҳоро дар назар дорад, ки бо поймол шудани ҳуқуқҳояшон ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҷараёни мурофиаҳои судӣ алоқаманд мебошанд. Пас аз баррасии муроҷиатҳо, судя чораҳои дахлдор андешида, барои бартараф намудани қонунвайронкуниҳои ошкоргардида тадбирҳои зарурӣ меандешад.

11. Сарчашмаи мушкилоти асосии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи судии ҷиноятиро ба ду гурӯҳи зерин ҷудо кардан мумкин аст:

1) Мувофиқат накардани ҳуҷҷатноккунонии натиҷаҳои чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯии гузаронидашуда, тарзи барасмиятдарории онҳо ба талаботи қонун;

2) Вайрон кардани қонуният ҳангоми фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки ба сифати натиҷаҳои он таъсироти манфӣ мерасонад.

Ҳолатҳои зикргардида метавонанд ҷиҳати ҷараёни истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ мушкилӣ ба миён оранд ё ин ки тамоман истифодабарии натиҷаҳоро ғайриимкон намоянд.

12. Назоратбарии идоравӣ воситаи муҳимми таъмини қонуният на танҳо дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, балки дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, аҳаммияти дахлдор дорад. Хусусияти назоратбарии идоравӣ дар он тавсиф меёбад, ки вазифаи мазкур аз ҷониби мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ сурат мегирад. Яъне ин функсия феълан худназоратбарӣ мебошад, зеро он дар дохили идора – мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ баргузор мегардад. Аз матни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ" бар меояд, ки назоратбарии идоравӣ аз тарафи роҳбарони амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ барои риояи қонуният ҳангоми ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ иҷро мешавад. Бо дарназардошти оне, ки ба ғайр аз ин муқаррарот дар Қонуни мазкур ҷиҳати назоратбарии идоравӣ дигар муқаррарот дида намешавад, сохтори мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба инобат гирифта, роҳбарони онро ба ду зина ҷудо кардан мумкин аст: роҳбарони бевоситаи воҳиди оперативӣ ва роҳбарияти мақомоте, ки дар сохтораш воҳиди оперативӣ вуҷуд дорад.

Назоратбарии идоравӣ яке аз вазифаҳои роҳбарикунандаи мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба шумор

меравад. Бинобар он, ки мақомоти мазкур ҳангоми фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ тарзу усулҳо ва воситаҳои ғайриошкоро истифода мебарад, маълумот оид ба рафти ҷорабиниҳои он ва натиҷаҳояшон тибқи талаботи қонун барои атрофиён ноайён ва пӯшида мебошад. Аз ин ру, эҳтимолияти вайронкунии қонун дар ҷараёни фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷониби воҳидҳое, ки чорабиниҳои онро амалӣ менамоянд, меафзояд. Маҳз ин ҳолат назоратбарии идоравиро ҷиҳати фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва хусусан истифодабарии натиҷаҳои он аз ҷониби мақомоти амаликунандаи фаъолияти мазкур талаб менамояд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки фикру андешаҳо, хулосаҳои назариявии муаллифро, ки дар натиҷаи таълифи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба даст оварда шудаанд, метавон дар омӯзиш ва таҳлили минбаъдаи асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар фаъолияти илмӣ, таълимӣ ва амалии муассисаҳои таълимӣ, илмӣ ва мақомоти дахлдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ истифода бурд. Натиҷаҳои илман асосноккардашудаи муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар фаъолияти мақомоти қонунгузорӣ, судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ низ истифода бурдан имконият дорад.

Маводи илман асоснок ҳамчун сарчашма дар фаъолияти таълимӣ вобаста ба фанҳои таълимии «Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ», «Криминалистика», «Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ», ва курсҳои махсус, ки дар кафедраҳои дахлдори факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тадрис дода мешаванд, метавонанд истифода шаванд.

Таклифҳои муаллиф, ки вобаста ба фаъолияти касбӣ дахл доранд, метавонанд дар дарсҳои хизматӣ, дар курсҳои такмили ихтисос ва курсҳои бозомӯзии кормандони мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи кишвар, инчунин, дигар кормандони мақомоти дахлдори давлатӣ васеъ истифода бурда шаванд.

**Дарачаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар раванди таълим ва илми кафедраҳои дахлдори факултетҳои Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, кафедраҳои дахлдори факултетҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон васеъ истифода бурда мешаванд. Қисмате аз тавсияҳои муаллиф дар фаъолияти касбии мақомоти прокуратура ва судии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати кофтукови ҷиноятии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати тафтишотии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар он тавсиф меёбад, ки паҳлуҳои гуногуни мавзуи мазкур дар шакли маҷмуи таҳлил гардида, як қатор фикру хулосаҳои муаллиф тибқи нақшаи омоданамоии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ва самтҳои мухталифи масоили ҷойдоштаи илм ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоии мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи кишвар, ки дар самти асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ тибқи муқаррароти пешбининамудаи қонунгузории соҳавӣ, баррасӣ карда шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф шуда, якчанд маротиба дар ҷаласаҳои он мавриди муҳокима қарор гирифта, сипас ба ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия шудааст. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кор ва бахшҳои дахлдори конференсияҳои зерини ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар шакли фишурда, маъруза, мақола ироа ва нашр гардидаанд:

**а) байналмилалӣ:**

- 25-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо: конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ, ш. Душанбе, 26 майи соли 2023;

- 15-солагии Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъият ва дурнамо: конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ, ш. Душанбе, 03 декабри с. 2024;

- IV-умин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он», ш. Душанбе, 18 апрели соли 2025.

**б) ҷумҳуриявӣ:**

- конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Нақши ислоҳоти милитсия дар пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва амалҳои ҷиноятӣ: таҳлил ва муқоиса», ш. Душанбе, 14 декабри соли 2023;

- конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масоили мубрами назария ва амалияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ш. Душанбе, 04 октябри соли 2024;

- конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои муосири огоҳонидан, кушодан ва тафтиши ҷиноятҳо. Роҳҳои асосии амалишавии онҳо», ш. Хуҷанд, 03 апрели соли 2025.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Оид ба муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар рӯйхати Феҳристи нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар дигар нашрияҳои интишор шудаанд. Ҳаҷми умумии интишороти довталаб зиёда аз 3,56 ҷузъи чопӣ мебошанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба мавзуъ ва объекти таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои гузошташуда мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо)

ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсияро 217 саҳифа ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ИСТИФОДАБАРИИ НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ

## 1.1. Мафҳуми натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ

Дар шароити имрӯза аҳамияти асосҳои ҳуқуқие, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро танзим мекунанд, зиёд шуда истодааст. Ин асосҳои ҳуқуқӣ барои танзими муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар вақти ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ ба вуҷуд меоянд, заруранд. Бе мавҷудият ва такмили чунин асосҳо беҳтар намудани фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, махсусан бахшҳои оперативии онҳо, имконнопазир аст. Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ равона шуда, дар айни замон барои беҳтар гардонидани низоми идоракунии худи ин соҳа заминаи заруриро муҳайё мекунанд. Аз ин рӯ, вақтҳои охир, аз ҷониби субъектони фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати такмил додани меъёрҳои қонунгузории оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, мутобиқгардонии онҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ пайваста кор бурда мешавад [62].

Ҳуқуқ яке аз воситаҳои асосии идоракунӣ мебошад. Худи фаъолияти идоракунӣ барои амалӣ намудани меъёрҳои ҳуқуқ нигаронида шудааст. Дар илми ҳуқуқ, мафҳуми ҳуқуқ ҳамчун воситаи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ шарҳ дода мешавад. Бо ёрии ҳуқуқ, рафтори иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ ба талабот ва меъёрҳои муайянкардаи қонун мутобиқ мегардад. Дар муқоиса бо фаъолияти идоракунӣ, институтҳои ҳуқуқӣ устувортар мебошанд. Афзалияти идоракунӣ бошад, дар қобилияти зуд ва самаранок амал кардан аст.

Динамикаи идоракунӣ инчунин динамикаи соҳаҳои танзими ҳуқуқиро муайян мекунад. Ҳамаи соҳаҳои идоракунии иҷтимоӣ бо қонун ба танзим даровarda мешаванд. Аммо на ҳамаи муносибатҳои

идоракунӣ дар соҳаҳои мушаххас хусусияти ҳуқуқӣ доранд. Сабаби ин ҳолат дар он аст, ки баъзе муносибатҳо ба таври ҳуқуқӣ танзим шуда наметавонанд ё танзими ҳуқуқии онҳо нопурра мебошад.

Меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳои муайяни ҷамъиятиро муайян мекунанд, дар рафти идоракунӣ амалӣ мешаванд. Ҳамин муносибатҳо худи объекти танзими ҳуқуқӣ мебошанд. Ҳуқуқ барои ташкил ва ба низом даровардани раванди идоракунӣ кӯмак мекунад. Бо истифодаи ҳуқуқ, идоракунӣ асоснок ва саривақтӣ мешавад, унсурҳои он пайвастагӣ ва тартиби зарурииро пайдо мекунанд.

Ҳуқуқ инчунин дар муайян намудани мақсадҳо, вазифаҳо, салоҳиятҳо ва муносибатҳои мақомоти идоракунӣ ва шахсони мансабдор нақши муҳим мебозад. Агар ба ҷанбаҳои ҳуқуқии идоракунӣ аҳамияти зарурӣ дода нашавад, самаранокии он паст шуда, ҳолатҳои бесарусомонӣ ва бемасъулиятӣ ба вуҷуд меоянд.

Функсияҳои ҳуқуқ дар таъсир расонидан ба рафтори одамон бо роҳи муқаррар кардан ва ҳифзи меъёрҳои иҷтимоӣ ифода мешаванд [72, с. 205-206]. Дар доираи ин функсияҳо муайян карда мешавад, ки ҳуқуқ то кадом андоза метавонад ба ҳаёти одамон дахолат кунад. Ҳарчанд ҳуқуқ ба одамон озодӣ медиҳад, ин маънои онро надорад, ки вазифаи он пурра маҳдуд кардани рафтори одамон аст. Баръакс, ҳуқуқ ба одамон шароит фароҳам меорад, ки озодона амал кунанд, вале ин озодӣ танҳо бо зарурати эҳтиром кардани озодии дигарон маҳдуд мешавад. Масалан, Д.В. Гребелский қайд мекунад, ки чораҳои махсуси мубориза бо ҷинояткорӣ дорои «асоси возеҳи ҳуқуқӣ» мебошанд [95, с. 55].

Солҳои охир масъалаҳои асосҳои ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аҳамияти махсус пайдо намудааст. Дар робита ба ин, корҳои зиёди илмӣ ба миён омаданд, ки масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Ин тадқиқотҳо

тавсияҳои илмиро барои беҳтар намудани фаъолияти мазкур ва такмил додани ҷанбаҳои гуногуни он пешниҳод мекунанд[138], [139], [141].

Гребелский Д.В. вобаста ба дараҷаи танзими тадбирҳои мубориза зидди ҷинояткорӣ асосҳои ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба маънои васеъ ва маҳдуд дида баромад [36]. Дар маънои васеъ, асосҳои ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун маҷмӯи қоидаву муқаррароти расмии дар қонунҳо муқаррargардида фаҳмида мешаванд. Ин қоидаҳо мақомоти оперативиро вазифадор мекунанд, ки чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро гузаронанд ва инчунин рафтори иштирокчиёни дигар муносибатҳои ҳуқуқиро танзим намоянд, ки ба ин раванд таъсир мерасонанд. Дар маънои маҳдуд бошад, ин мафҳум танҳо низоми қоидаҳоеро ифода мекунад, ки бевосита тартиби истифодаи нерӯҳо, воситаҳо ва усулҳои махфии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро муайян намуда, татбиқи чорабиниҳои оперативиро ба танзим медароранд.

Синилов Г.К., ки ба омӯзиши ҳамаҷонибаи ин масъала машғул шудааст, меъёрҳо ва институтҳои ҳуқуқии марбутаро чунин тасниф менамояд: «муқаррарсозанда ва танзимкунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва шахсоне, ки «ин фаъолиятро ба роҳ намемонанд ва ё ба танзим намедароранд, балки дар он татбиқшавиро меёбанд» [71, с. 44-58] тақсим намудааст.

Дар адабиёти махсуси ҳуқуқӣ вобаста ба асосҳои ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ фикрҳои гуногун баён гардидаанд, ки ҳоло ҳам инкишоф ёфта истодаанд.

Як қатор муҳаққиқон, ба монанди Бобров В.Г., Климов И.А. ва Вербова В.Т., чунин таснифотро пешниҳод намудаанд, ки аз ҷиҳати моҳият ва мазмун бо ҳам шабеҳанд:

“меъёрҳои қонунҳо ва санадҳои қонунгузорӣ, ки асосҳои умумии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ташкил медиҳанд ва барои татбиқи чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар самти мубориза бо ҷиноятҳо замина мегузоранд;

меъёрҳои қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ, ки масъалаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва тактикии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии мақомоти корҳои дохилиро мустақиман танзим мекунанд;

меъёрҳои махсуси қонунгузорӣ ва санадҳои зерқонунӣ, ки масъалаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва тактикии мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккилро ба таври махсус танзим менамоянд".

Дар баробари ин Климов И.А. чаҳор сатҳҳои зерини асосҳои ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ҷудо мекунад: "конститутсионӣ, қонунгузорӣ, зерқонунӣ, идоравӣ" [109, с. 73].

Моҳияти асосии андешаҳои зикршуда аз он иборат аст, ки асоси ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ маҷмуи муайяни меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад. Ин ақида комилан дуруст аст ва онро инкор кардан душвор мебошад. Вале бояд гуфт, ки танзими ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ танҳо бо мафҳуми асосҳои ҳуқуқӣ маҳдуд намегардад.

Шумилов А.Ю. ба таври дуруст қайд мекунад, ки асосҳои ҳуқуқӣ танҳо қисми марказӣ ва муҳимтарини танзими ҳуқуқии ин намуди фаъолияти давлатӣ мебошанд. Истилоҳи «асоси ҳуқуқӣ», ки қонунгузор истифода мебарад, аз ҷиҳати мазмун ба мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» хеле наздик аст, ҳарчанд ин ду мафҳум як чиз нестанд.

Дар назарияи давлат ва ҳуқуқ мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» ҳамчун шаклҳои махсуси расмӣ-ҳуҷҷатӣ фаҳмида мешавад, ки давлат онҳоро қабул ё эътироф намуда, ба онҳо аҳамияти ҳуқуқӣ ва ҳатмияти умумӣ медиҳад.

Ҳангоми муайян кардани сарчашмаҳои ҳуқуқие, ки пешгирии ҷиноятҳоро дар доираи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ танзим мекунанд, бояд ба инобат гирифт, ки онҳо қисми ҷудонашавандаи тамоми сарчашмаҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ мебошанд. Ин сарчашмаҳо фаъолияти милитсияи амнияти ҷамъиятӣ ва

милитсияи ҷиноятиро низ танзим мекунанд. Вазифаи асосии онҳо бевосита пешгирии ҷиноятҳоест, ки ба салоҳияти ин мақомот дохил мешаванд [126, с. 3].

Асосҳои ҳуқуқӣ ва сарчашмаҳои меъёрии ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба таври зерин тасниф кардан мумкин аст: гурӯҳи якумро Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ ташкил медиҳанд; гурӯҳи дуюм -Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ»; гурӯҳи сеюм - дигар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; гурӯҳи чорум - санадҳои меъёрии мақомоти давлатӣ, аз қабили амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ, санадҳои Маҷлиси Олӣ ва шартномаҳои байналмилалӣ; гурӯҳи панҷум - санадҳои идоравӣ ва байниидоравие, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ қабул мешаванд.Ин гурӯҳҳои санадҳои ҳуқуқӣ дар маҷмуъ асоси ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ташкил медиҳанд.

Дар танзими ҳуқуқии пешгирии ҷиноятҳо Конститутсия аҳамияти махсус дорад. Он ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро мувофиқи меъёрҳои байналмилалӣ эълон ва ҳифз мекунад. Тибқи моддаи 1-и Конститутсия, Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд эътироф шудааст. Ин меъёр заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ буда, барои танзими дурусти тамоми фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла пешгирии ҷиноятҳо аҳамияти муҳим дорад.

Моддаи 42 ҳама шахсонро вазифадор мекунанд, ки Конститутсия ва дигар қонунҳоро, риоя кунанд, ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намоянд. Муқаррароти номбурдаи Конститутсия умуман тартиботи ҳуқуқӣ ва қонунӣ будани тамоми фаъолияти пешгирикунандаро пешакӣ муайян мекунад. Тибқи м.5 Конститутсияи ҶТ: “Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд” [4].

Мазмуни ин меъёрҳо нишон медиҳад, ки “фаъолияти пешгирии ҷиноятҳо аҳамияти бузурги иҷтимоӣ дорад. Ҳамаи субъектҳои дахлдор вазифадоранд, ки фаъолияти худро бо ҳадафи ҳифзи инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ аз таҳдидҳои ҷиноятӣ амалӣ намоянд” [45, с. 7].

Конститутсия ҳамчун қонуни асосӣ танҳо самтҳои асосӣ ва стратегияи фаъолияти мақомоти давлатиро муайян мекунад. Дар асоси он соҳаҳои гуногуни ҳуқуқӣ ташаккул меёбанд. Ин соҳаҳо метавонанд анъанавӣ бошанд ё вобаста ба тағйирот дар иқтисодиёт, ҷомеа, сиёсат ва фарҳанг нав пайдо шаванд.

Мақомоти давлатӣ бо мақсади татбиқи принсипҳои Конститутсия санадҳои ҳуқуқии гуногун, аз ҷумла қонунҳоро таҳия ва қабул мекунанд.

А.П. Коренев қайд мекунад, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳамчун қоидаҳои ҳатмии рафтор ҳамеша дорои шартҳои мушаххаси татбиқи худ мебошанд. Ин меъёрҳо ба муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсир расонда, муносибатҳои ҳуқуқии байни иштирокчиёни муайянро ба вуҷуд меоранд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунҳо, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафҳои иштироккунандаи муносибатҳои идоракуниро муайян мекунанд. Инчунин онҳо оқибатҳоеро пешбинӣ менамоянд, ки дар сурати иҷро накардан ё нодуруст иҷро кардани ин қоидаҳо ба вуҷуд меоянд [44, с. 25].

Ҳамин тавр, меъёри ҳуқуқӣ танҳо дар ҳолате метавонад ба муносибатҳои ҷамъиятӣ фаъолона таъсир расонад, ки ҳамаи унсурҳои сохтории он ба таври мантиқӣ ба ҳам алоқаманд бошанд. Аён аст, ки мавҷуд набудани яке аз ин унсурҳо ба фаъолияти оперативии мақомоти корҳои дохилӣ дар самти пешгирӣ ва мубориза бо ҷинояткорӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Бо дарназардошти талаботи м. 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: “Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил

медиҳанд” [4] бояд қайд кард, ки фаъолияти назорати идоравӣ аз болои воҳидҳои мубориза зидди ҷинояткории муташаккил низ бояд ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ бошад. Дар ин замина, сарфи назар кардани баъзе ҳолатҳои пешбинишуда дар стандартҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ғайриимкон аст.

Тибқи муқаррароти моддаи 38-и Оинномаи Суди байналмилалии СММ, сарчашмаҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ инҳо мебошанд:

“- конвенсияҳои умумӣ ва махсуси байналмилалӣ;

- урфу одатҳои байналмилалӣ, ки таҷрибаи умумиро инъикос мекунанд ва ҳамчун меъёри ҳуқуқӣ эътироф шудаанд;

- принсипҳои умумии ҳуқуқ, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ қабул намудааст” [1].

Принсипҳо ва меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва шартномаҳои байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон мақоми гуногуни ҳуқуқӣ доранд. Дар ҳолати ихтилофи меъёрҳо, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ нисбат ба меъёрҳои қонунгузории дохилӣ афзалият дошта, ҳатман татбиқ мешаванд, вале ин чунин ҳолат нисбати принсипҳо ва меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи байналмилалӣ татбиқ намегардад [1], [2].

Мутобиқи қ.3 м.14 Конститутсияи ҶТ: “маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад” [4]. Дуюм, ки «ҳар инсон ба эҳтироми ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ, дахлнопазирии манзил ва мукотиба хуқуқ дорад ... ба истиснои ҳолатҳое, ки дар қонун пешбинӣ шудааст ва дар ҷомеаи демократӣ ба манфиати амнияти миллӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ё некӯаҳволии иқтисодии кишвар, барои мухофизати тартибот ва пешгирӣ кардани ҷиноят, барои пешгирӣ

кардани бесарусомонӣ ва ҷинояткорӣ, барои ҳифзи саломатӣ ё ахлоқ ва ё ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои дигарон зарур аст» [3].

Дар байни санадҳои дигари ҳуқуқии байналмилалӣ, ки дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ аҳаммияти махсус доранд, метавон инҳоро номбар намуд:

- Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (1966);
- Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (1966);
- Шартнома оид ба паҳн накардани силоҳи ядроӣ (1968);
- Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак (1989);
- Конвенсияи СММ зидди коррупсия (2003).

Ҳамчунин, 18 декабри соли 1991 Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид «Эъломияи принсипҳо ва Барномаи амалҳои СММ дар соҳаи пешгирии ҷинояткорӣ ва адолати судии ҷиноятӣ»-ро қабул намуд. Дар ин санад қайд шудааст, ки "давлат бояд ба афзоиши имкониятҳо ва қобилиятҳои ҷинояткорон бо тақвияти фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва низоми адлияи ҷиноятӣ муқобилат намояд. Дар барнома ҳамчунин роҳҳои мушаххаси зиёд кардани имкониятҳои моддӣ-техникӣ ва молиявӣ барои амалӣ намудани ин ҳадафҳо ба таври равшан нишон дода шудаанд" [140, с. 48].

Дар доираи мавзӯи мавриди омӯзиши мо тавсияҳои Конфронси ҷаҳонии вазирони корҳои дохилӣ оид ба мубориза бо ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ (Неапол, 1994) аҳамияти махсус доранд. Дар ин конфронс ба беҳтар кардани ҳамкории байналмилалӣ дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ диққати ҷиддӣ дода шудааст. Аз ҷумла пешниҳод шудааст, ки усулҳои махсуси ҷамъоварии иттилоот, ба мисли амалиёти махфӣ, дар асоси созишномаҳои байналмилалӣ иҷозат дода шаванд. Ғайр аз ин, тавсия дода мешавад, ки созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба ба имзо расонида шаванд, то ки барои аъзои гурӯҳҳои

ҷиноятӣ ҳангоми ҳамкорӣ бо мақомоти тафтишотӣ ва пешниҳод намудани шаҳодат шароити мусоид ва ҳавасмандкунанда фароҳам оварда шавад.

Тавсияҳои Лион (1996), ки аз ҷониби сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои «Ҳаштгона» қабул шудаанд, низ муҳиманд. Дар ин тавсияҳо аҳамияти истифодаи усулҳои махсус, ба монанди назорати электронӣ ва амалиёти махфӣ, махсусан қайд гардидааст. Дар баробари ин, санади мазкур давлатҳоро ба такмил додани қонунгузории дохилӣ дар ин самт, таҳкими ҳамкории байналмилалӣ ва табодули таҷриба дар татбиқи чунин тадбирҳо бо назардошти эҳтироми ҳуқуқи инсон даъват менамояд.

Аз нигоҳи ҳуқуқи байналмилалӣ, Конвенсияи СММ зидди ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, ки моҳи декабри соли 2000 қабул шудааст, аҳамияти махсус дорад. Дар ин санади байналмилалӣ барои аввалин бор усулҳои махсуси фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, аз ҷумла назорати электронӣ, интиқоли таҳти назорат ва амалиёти махфӣ ба таври расмӣ пешбинӣ шудаанд (моддаи 20-и Конвенсия).

Санадҳои байналмилалии зикршуда принсипҳои муҳимро муайян мекунанд, ки ҳуқуқҳои асосии инсонро кафолат дода, масъулияти шаҳрвандон ва давлатҳоро дар таъмини ин ҳуқуқҳо таъкид менамоянд. Ин принсипҳо бояд ҳатман дар таҳияи қонунгузории миллӣ, банақшагирӣ, татбиқ ва назорати чораҳои пешгирии ҷиноятҳо ба инобат гирифта шаванд.

Дар байни сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии пешгирии ҷиноятҳорӣ Кодекси ҷиноятии ҶТ мавқеи асосиро ишғол мекунад.

Меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ на танҳо вазифаи муҳофизатӣ, балки вазифаи пешгириро низ иҷро мекунанд. Онҳо аз як тараф одамонро аз оқибатҳои амали ғайриқонунӣ огоҳ мекунанд ва аз тарафи дигар содир намудани ҷиноятҳои такрориро пешгирӣ менамоянд. Татбиқи ин вазифаҳо тавассути пешбинӣ намудани манъкунӣ ва иҷозатҳо дар

қонунгузории ҷиноятӣ таъмин мегардад, ки дар қисми умумии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври муфассал инъикос ёфтаанд.

Бо мақсади таъмини ҳифзи шахсоне, ки метавонанд ҷабрдидаи ҷиноят гарданд, КҶ ҶТ назар ба қонунгузории қаблӣ (КҶ ҶШС Тоҷикистон) ҳолатҳоеро, ки ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд ба таври васеъ муқаррар намуда, ба доири чунин ҳолатҳо ғайр аз "мудофиаи зарурӣ, расонидани зарар ҳангоми дастгир намудани ҷинояткор, зарурати ниҳоӣ, инчунин, маҷбуркунии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ, таваккали асоснок ва иҷрои фармон ё амр" -ро низ дохил намудааст (м.м. 40-45 КҶ ҶТ).

Тақрибан чунин ҳолатҳо дар Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия (минбаъд – КҶ ФР) [19] низ мустаҳкам шудааст. Ба ақидаи Тяжкова И., "меъёрҳои мазкур барои он равона шудаанд, ки шаҳрвандонро ба муқовимати фаъолона ба ҷинояткорӣ ташвиқ намоянд".

Дар баробари ин, заминаи ҳуқуқиро барои фаъолияти пешгирикунанда бо шахсони ба қонун мухолиф, инчунин меъёрҳо оид ба низоми ҷазо, таъини ҷазо ва ғайра фароҳам меоваранд. Ин намуди пешгирӣ «пешгирии хусусӣ» номида мешавад.

Ба ибораи дигар, қонунгузорӣ барои шахсоне, ки ҷиноят содир намудаанд ё аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо озод шудаанд, тартиботи махсусро пешбинӣ менамояд. Масалан, институти доғи судӣ барои истифодаи чораҳои пешгирӣ нисбат ба шахсоне, ки пештар ҷазои ҷиноятиро адо кардаанд, асос мешавад.

Инчунин, м.м. 32 ва 34 КҶ ҶТ ба масъалаҳои ҷавобгарӣ барои тайёрӣ ба ҷиноят, сӯиқасд ба он ва ихтиёран даст кашидан аз содир намудани ҷиноят бахшида шудаанд.

Дар қисми махсуси КҶ ҶТ низ як силсила меъёрҳое ҷой дода шудаанд, ки моҳияти асосии онҳо пешгирии содиршавии кирдорҳои

муайяни барои ҷамъият хавфнок ба ҳисоб меравад. Ба гурӯҳи ин меъёрҳо, масалан, ҷавобгарӣ барои таҳдид намудан, даъват ё ҷалби шахс ба ҷиноят, содир кардани амалҳои зиддиҷамъиятӣ ва муомилоти ғайриқонунии силоҳ ва ғайра дохил мешаванд.

Аз нигоҳи пешгирӣ, боби 27-и КҶ ҶТ, ки ҷиноятҳои иқтисодиро танзим мекунад, аҳамияти хос дорад. Ин боб бо дарназардошти тағйир ёфтани муносибатҳои иқтисодии ҷомеа таҳия шуда, барои кирдорҳо ба монанди соҳибкории ғайриқонунӣ, бақайдгирии ғайриқонунии замин, фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, соҳибкории сохта, қонунигардонии маблағу моликияти ғайриқонунӣ, гирифтани кредити ғайриқонунӣ, истифодаи ғайриқонунии тамғаи молӣ, рекламаи бардурӯғ, муфлисшавӣ ва саркашӣ аз супоридани андоз ҷавобгариро пешбинӣ менамояд.

Ғайр аз ин, дар КҶ ҶТ як қатор меъёрҳои ба истилоҳ ҳавасмандкунанда мавҷуданд, ки имконияти озод намудани шахсони ҷиноят содиркардаро пешбинӣ мекунанд. Чунин меъёрҳо дар ҳолатҳои даст кашидан аз ҷинояти пешбинишуда татбиқ мешаванд [74, с. 64].

Дуюм, меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми ҷиноят ва нишонаҳои онро дақиқ мекунанд. Бо ёрии ин меъёрҳо муайян мегардад, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бояд ба кадом амал ё беамалии шахсон равона шавад.

Сеюм, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми ҷинояти вазнин ва махсусан вазнин зикр шудааст. Ин имкон медиҳад, ки дар ҳолатҳои фавқулода бе қарори пешакии суд чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гузаронида шаванд. Ин чораҳо ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандонро, аз ҷумла сирри мукотиба, сухбатҳои телефонӣ, почта ва дигар иртиботро маҳдуд мекунанд. Ҳамчунин, дар чунин ҳолатҳо дахлнопазирии манзил низ мумкин аст маҳдуд гардад.

Инчунин, мафҳуми ҷинояти вазнин дар фаъолияти оперативӣ аҳамияти муҳим дорад. Қонун чунин чораҳоро танҳо дар ҳолати ошкор, пешгирӣ ва кушодани ҷиноятҳои вазнин иҷозат медиҳад.

Чорум, дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ намудҳои аниқи кирдори ҷиноятӣ муқаррар шудаанд. Ин ба милитсияи ҷиноятӣ имкон медиҳад, ки доираи шахсон ва объектҳои таъсири профилактикӣ ва хизматрасонии оперативиро дуруст муайян кунанд.

Ҳамин тавр, баъзе моддаҳои КҶ ҶТ, масалан дар бораи дуздӣ ё сохтакории ҳуҷҷатҳо ва муҳрҳо, барои воҳидҳои дахлдори милитсия самти мушаххаси корро муайян мекунанд. Ин меъёрҳо зарурати назорати коргоҳҳо, устохонаҳо ва матбааҳоро, ки чунин маҳсулот истеҳсол мекунанд, пешбинӣ менамоянд.

Ҳамчунин моддаҳое, ки ҷавобгариро барои вайрон кардани қоидаҳои нигоҳдорӣ, интиқол ва истифодаи маводи тарканда, зудсӯз ва маҳсулоти пиротехникӣ муқаррар мекунанд, барои мақомоти милитсия вазифаҳои мушаххас мегузоранд. Ба ҳамин гурӯҳ моддаҳо оид ба дуздӣ ё тамаъҷӯии маводи радиоактивӣ, муомилоти ғайриқонунӣ бо силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, маводи тарканда ва воситаҳои таркиш, инчунин ғайриқонунӣ истеҳсол кардани силоҳ низ дохил мешаванд.

Инчунин меъёрҳои мушаххасе дар бораи ғайриқонунӣ истеҳсол кардан, харидан, нигоҳ доштан, интиқол додан ё фурӯши маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ, инчунин дуздӣ ё тамаъҷӯии онҳо мавҷуданд, ки барои фаъолияти профилактикии мақомоти милитсия равона шудаанд.

Ҳамчунин муҳим аст, ки ҳангоми фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ қоидаҳои ҳуқуқии марбут ба «зарурати ниҳоӣ» ба назар гирифта шаванд. Зеро дар ҷараёни иҷрои вазифаҳои оперативӣ метавонад ҳолате ба миён ояд, ки барои пешгирӣ кардани хатар ба шахсият, ҷамъият ё давлат, ба шахсони дигар зарар расонида шавад. Аммо чунин ҳолат танҳо дар сурате иҷозат дода мешавад, ки пешгирии хатар ба тарзи

дигар имконнопазир бошад ва зарари расонидашуда нисбат ба зараре, ки пешгирӣ мешавад, камтар бошад.

Дар рафти ташкили дастгоҳи ғайриошкор (махфӣ) низ меъёрҳои алоҳидаи қонуни ҷиноятӣ истифода мешаванд. Масалан, ҳангоми гузаронидани суҳбатҳои ҷалбкунӣ метавон ҳолатҳоеро татбиқ кард, ки имконияти сабук кардани ҷазоро ба шахси ҷалбшуда фароҳам меоранд.

Ғайр аз ин, қонуни ҷиноятӣ масъулияти шахсони мансабдорро низ пешбинӣ мекунад, агар онҳо ҳангоми назорати фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ қонунгузориро вайрон кунанд. Чунин ҳолатҳо маҳз дар рафти назорати идоравӣ ошкор карда мешаванд.

Ҳолатҳои халалдор сохтани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон, ҷамъоварӣ ё паҳнкунии ғайриқонунии иттилоот, вайрон намудани сирри мукотиба, гуфтугӯҳои телефонӣ, ирсоли паёмҳои почта, телеграф ё дигар шаклҳои иртибот, инчунин воридшавии ғайриқонунӣ ба манзили шаҳрвандон, рад кардани ғайриқонунӣ ба шаҳрванд додани маълумоте, ки бевосита ба ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ таъсир мерасонад, агар гуноҳи ӯ дар содир кардани ҷиноят исбот нашуда бошад, ҳамчун халалдор шудани Қонун «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» эътироф шуда мумкин аст боиси оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ гардад.

Дар ҳолати риоя нашудани принсипи конспиратсия ва талаботи ҳифзи маълумоти марбут ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, шахсони мансабдоре, ки ба иттилооти сирри давлатӣ дастрасӣ доранд, метавонанд бинобар ифшои чунин маълумот ё гум кардани ҳуҷҷатҳои сиррӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб карда шаванд [132, с. 60-65].

Ҳамин тариқ, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон санади ягона ё алоҳидае, ки пешгирии ҷиноятҳоро танҳо тавассути фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ танзим намояд, пешбинӣ нагардидааст.

Қоидаҳое, ки ин намуди фаъолиятро танзим мекунанд, дар санадҳои гуногуни ҳуқуқӣ ҷой дода шудаанд. Ин санадҳо ба соҳаҳои

мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ мансубанд ва ба таври мустақим ё ғайримустақим ба пешгирии ҷиноятҳо таъсир мерасонанд.

Аз ин сабаб, барои омӯзиши асосҳои ҳуқуқии пешгирии ҷиноятҳо дар доираи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ зарур аст, ки ҳамаи меъёрҳои марбут ба ин мавзӯъ аз санадҳои гуногуни ҳуқуқӣ ҷамъоварӣ ва таҳлил карда шаванд. Ин санадҳо на танҳо ба ҳуқуқи ҷиноятӣ ва фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, балки ба дигар бахшҳои ҳуқуқ низ дахл доранд. Самаранокии ин чораҳо аз интихоби дуруст ва истифодаи оқилонаи воситаҳои ҳуқуқии танзимкунанда вобаста мебошад.

Дар баробари ин, хусусияти асосии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар самти пешгирии ҷиноятҳо дар он аст, ки он асосан берун аз доираи муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ гузаронида мешавад. Аз ин сабаб ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои субъектон ва объектҳои чунин фаъолиятро қоидаҳои идоравӣ пурра муайян карда наметавонанд [94, с. 23-27].

Лекар А.Г. зарурати танзими ҳуқуқии пешгирии чиноятҳоро асоснок намуда, навишта буд, ки «дар рафти пешгирии зуҳурот ва ҷиноятҳои ғайриҷамъиятӣ шахсони мансабдор ... ҳатман ба доираи ҳуқуқҳои шахсӣ ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи шахсон дахолат мекунанд» [115, с. 34-35]. Ҷиҳати дастгирии Лекар А.Г., Богданов Б.Е. ва Масленников Е.И. қайд кардаанд, ки “набудани рӯйхати дақиқ ва заминаҳои ҳуқуқие, ки имкон медиҳанд чораҳои оперативӣ-профилактикӣ нисбат ба шахсони алоҳида татбиқ карда шаванд, метавонад хавфи воқеии вайрон шудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳоро ба вуҷуд оварад” [25]. Аз ин рӯ, ба назари мо, ин гуна дахолат, ки то ҳол танзим нашудааст, на танҳо заруру асоснок, балки қонунӣ ҳам бояд бошад.

Дар солҳои охир масъалаи тартиб ва шартҳои пешниҳоду истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (минбаъд – ФОҶ) дар амалияи мақомоти оперативӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ яке аз мавзӯъҳои муҳим ва мубрами ҳуқуқтатбиқнамоӣ гардидааст.

Тахти натиҷаҳои ФОҶ, маълумотеро меноманд, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ба даст оварда шудаанд. Ин маълумот дар бораи нишонаҳои ҷинояте мебошад, ки ё тайёр шуда истодааст, ё содир шуда истодааст ва ё аллакай содир шудааст. Ҳамчунин ба натиҷаҳои ФОҶ маълумот дар бораи шахсоне дохил мешавад, ки ҷиноятро омода мекунанд, онро содир менамоянд ё аллакай содир кардаанд, инчунин шахсоне, ки аз мақомоти таҳқиқот, тафтишот ва суд пинҳон шудаанд. [136, с. 25-28].

Бояд ба инобат гирифт, ки гарчанде сухан дар бораи истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо ва баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ меравад, бояд донист, ки чунин истифодабарӣ ҳам бо меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» [9] (минбаъд – Қонуни ФОҶ) ва ҳам бо меъёрҳои КМҶ ҶТ ба танзим даровapда шудаанд. Қонуни ФОҶ раванди гирифтан, сабт кардан, пешниҳод намудани маълумоти оперативие, ки барои тафтишот ва суд аҳаммият доранд, ба танзим медарорад. КМҶ ҶТ бошад, ҷараёни пешниҳод намудан, санҷидан, баҳо додан ва истифода бурдани чунин маълумотро дар мурофиаи ҷиноятӣ таъмин менамояд [46, с. 6-7], [28], [26].

Натиҷаҳои ФОҶ мутобиқи муқаррароти м.м. 7 ва 11 Қонуни ФОҶ мумкин аст дар самтҳои зерин истифода бурда шаванд:

1. Барои тайёр ва амалӣ гардонидани чорабиниҳо ва амалҳои: а) оперативӣ-ҷустуҷӯӣ; б) тафтишӣ; в) судӣ;

2. Барои гузаронидани ЧОҶ ҷиҳати: а) ошкор кардани ҷиноят; б) огоҳонидани ҷиноят; в) пешгирӣ кардани ҷиноят; г) кушодани ҷиноят; д) ошкор ва муқаррар намудани шахсони ҷиноятро тайёркунанда, содиркунанда ва содиркарда; е) ҷустуҷӯӣ шахсони аз мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва суд пинҳонгашта; ё) ҷустуҷӯӣ шахсони аз адои ҷазо саркашинамуда; ж) ҷустуҷӯӣ шахсони бедарак гумшуда;

3. Барои муайян намудани номгӯй ва ҷойи молу мулки аз ҷониби суд мусодирашаванда;

4. Барои муайян намудани шахсияти ҷасадҳои ношинохта;

5. Ба сифати асос барои оғози парвандаи ҷиноятӣ;

6. Барои исботи ҳолатҳое, ки марбут ба парвандаи ҷиноятӣ мебошанд;

7. Барои истифода бурдан ба сифати далел дар парвандаи ҷиноятӣ;

8. Барои иҷозати дастрасӣ ба маълумоте, ки дорои сирри давлатӣ мебошанд;

9. Барои иҷозат додан ба иҷрои корҳои марбут ба хатар барои ҳаёт, саломатии инсон ва муҳити зист;

10. Иҷозати иштирок дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ё дастрасӣ ба маводҳое, ки дар натиҷаи он ба даст омадаанд;

11. Иҷозати барқарор намудан ё давом додани ҳамкорӣ бо шахсони муайян ҳангоми омодагӣ ва татбиқи чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ;

12. Иҷозат додан ба анҷом додани фаъолияти хусусии детективӣ ва муҳофизав;

13. Барои пешниҳод кардан ба давлатҳои дигар.

Самтҳои номбаршударо мушаххасан баррасӣ менамоем.

Натиҷаҳои фаъолияти ФОҶ метавонанд ҳамчун асос барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ истифода шаванд. Ин натиҷаҳо ба мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ё суд пешниҳод мегарданд ва мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҳамчун далел эътироф шуда метавонанд. Дар ин ҳолат қоидаҳои марбут ба ҷамъоварӣ, санҷиш ва баҳодиҳии далелҳо бояд риоя шаванд. [119, с. 54-57].

Пешниҳоди натиҷаҳои ФОҶ ба мақомоти дахлдор танҳо бо қарори роҳбари мақомоте, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро анҷом додааст, сурат мегирад. Тартиби пешниҳоди натиҷаҳо дар санадҳои идоравии дахлдор муайян карда шудааст.

Барои он ки натиҷаҳои ФОҶ дуруст истифода бурда шаванд, лозим аст, ки ба як қатор меъёрҳои санадҳои зерқонунӣ муроҷиат намуд, ки дар онҳо нишондодҳои мушаххас муқаррар карда шудаанд. Ба ин мисол шуда метавонад Дастурамал «Дар бораи тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва ё ба суд». Дар низоми ВКД ин Дастурамал бо Фармони ВКД аз 12 июли соли 2010, № 16 тасдиқ шудааст [15].

Санади мазкур натиҷаҳои ФОҶ-ро чунин муайян менамояд: ин далелҳои шайъӣ дар бораи аломатҳои ҷинояти тайёршаванда, содиршаванда ё содиршуда, дар бораи шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноят тайёрӣ мебинанд ё онро содир менамоянд ё ин ки, содир намудаанд ё аз мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва суд пинҳон гаштаанд, аз адои ҷазо саркашӣ намудаанд, бедарак гум шудаанд ва, ҳамзамон, ҳодисаҳо ва кирдорҳое, ки боиси таҳдиди амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегарданд ва аз ҷониби воҳидҳои оперативӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни ФОҶ ба даст оварда шудаанд.

Натиҷаҳои ФОҶ дар ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматӣ (гузоришҳо, маълумотномаҳо, ахборотҳои оперативӣ дар бораи ҷиноятҳо ва ҳодисаҳо, санадҳо, ҳисоботҳо ва ғайраҳо) инъикос мегарданд. Ба ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматӣ ашё (предметҳо) ва ҳуҷҷатҳое, ки дар натиҷаи гузаронидани ЧОҶ ба даст даровардa шудаанд, метавонанд замима карда шаванд. Дар сурате, ки агар дар доираи ФОҶ чорабиниҳои оперативӣ-техникӣ гузаронида шаванд, он гоҳ натиҷаҳои ФОҶ мумкин аст дар барандагони моддии (физикии) иттилоот инъикос гарданд (фонограммаҳо, наворҳои видеоӣ, кино, плёнкаҳои расмгирӣ, наворҳои расмгирӣ, дискҳои магнитию лазерӣ (флэшкаҳо), қолабҳо ва ғайраҳо).

Натиҷаҳои ФОҶ ин категорияи иттилоотӣ мебошад ва истифодабарии онҳо барои таъмини иттилоотии баррасии масъалаҳои зерин нигаронида шудааст:

– **фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ** – барои тайёр намудан ва амалӣ намудани амалҳои тафтишӣ ва судӣ; мусоидат намудан барои исбот аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ. Дар ин сурат натиҷаҳои ФОҶ метавонанд ба сифати сабаб ва асос барои оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ баромад кунанд;

– **фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ** – барои гузаронидани ЧОҶ дар самти ошкорсозӣ, огоҳонидан, пешгирӣ ва кушодани ҷиноятҳо; ошкор ва муқаррар намудани шахсони ба фаъолияти ҷиноятӣ дастдошта; ҷустуҷӯи шахсоне, ки аз мақомоти таҳқиқ, тафтиш ва суд пинҳон шудаанд; ҷустуҷӯи шахсони бедарак гумшуда;

– **фаъолияти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ** – барои ҷустуҷӯи шахсоне, ки аз адои ҷазо пинҳон шудаанд; огоҳонидани бадқасдона вайрон намудани низоми адои ҷазо ва ғайра;

Натиҷаҳои ФОҶ, ки барои тайёр намудан ва амалӣ гардонидани чорабиниҳои оперативӣ, амалҳои тафтишӣ ва судӣ пешниҳод карда мешаванд, бояд дорои маълумот дар бораи шахсони аз мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва суд пинҳоншуда, оид ба манбаъҳои исбот, дар бораи шахсоне, ки ба онҳо ҳолат ва далелҳои барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта маълуманд, дар бораи макони воқеъ будани олот ва воситаҳои ҷинояти содиршуда, оид ба маблағҳои пулӣ ва ашёҳои қиматноке, ки бо роҳи ҷинояткорӣ ба даст оварда шудаанд, дар бораи ашё ва ҳуҷҷатҳое, ки бо предмети исбот алоқамандананд, инчунин, ҳатман дорои маълумот дар бораи дигар далелҳо ва ҳолатҳо бошанд, ки онҳо имконият медиҳанд ҳаҷм ва пайдарҳамии гузаронидани амалҳои тафтиширо муайян созанд, интихоби тактикаи самараноктарини гузаронидани чунин амалҳои тафтишӣ ва коркарди усулҳои беҳтарини онро аз рӯйи парвандаи ҷиноятии мушаххас таъмин намоянд.

Истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ (иттилооти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ), ки барои тайёр намудан ва гузаронидани амалҳои тафтишӣ равона карда шудаанд, асосан бо ҳалли масъалаҳои ташкилӣ-тактикӣ, ба монанди таъсис додани гурӯҳҳои тафтишотӣ-оперативӣ, ҷалби мутахассисон,

интихоби воситаҳои техникии криминалистӣ ва дигар воситаҳои техникӣ, муайян намудани ҷой, вақт ва тактикаи амалҳои тафтишӣ ва ғайраву ҳоказо алоқамандӣ дорад.

Истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ ҷиҳати амалӣ гардонидани амалҳои тафтишӣ, пеш аз ҳама, дар бақайдгирии иттилооти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ ифода мегардад. Чунин ахборот имконият медиҳад, ки:

– доираи шахсоне, ки ҷиҳати парвандаи ҷиноятӣ дорои маълумоти зарурӣ мебошанд, муайян карда шаванд ва онҳо ба ҳайси шоҳид бо интихоб намудани тактикаи беҳтарини мақсаднок пурсиш карда шаванд;

– дар ҷойгиршавии иморат ва мавқеи ҳуҷраҳо хуб сарфаҳм рафта, ҷойҳои воқеъгаштаи ашёи кофтуковшаванда аниқ муайян карда шаванд;

– кирдорҳои зиддиҳуқуқии шахсоне, ки нисбаташон амалҳои тафтишӣ гузаронида мешаванд, инчунин, ҳаракатҳои номатлуби дигар шахсони манфиатдор пешбинӣ ва пешгирӣ карда шаванд (мисол: рафтори таҷовузкоронаи онҳо, ҳаракатҳои алоқаманд бо кӯшиши аз ҷониби дастгиршуда ё ҳабсшуда пинҳон шудан, нест кардани далелҳо, таъсиррасонии рӯҳӣ ба шахсоне, ки барои шинохтан ё рӯбарӯкунӣ ҷалб карда шудаанд ва ғайраҳо).

Дар КМҶ ҶТ [7] оид ба имконияти истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар тайёр намудан ва гузаронидани амалҳои тафтишӣ муқаррароти махсус пешбинӣ шудааст. Алалхусус, м. 84 КМҶ ҶТ пешбинӣ мекунад, ки натиҷаҳои фаъолияти мазкур танҳо дар сурати мувофиқ будани тартиби ҷамъоварии онҳо ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ метавонанд ба ҳайси далел қабул карда шаванд.

Гарчанде дар як қатор меъёрҳои дигари КМҶ ҶТ муқаррароти бевосита дар бораи истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар тайёр намудан ва гузаронидани амалҳои тафтишӣ пешбинӣ нашуда бошанд ҳам, лекин маънидодкунии мантиқии онҳо имконият медиҳад чунин хулоса барорем, ки натиҷаҳои ин фаъолият бечуну чаро барои пурзӯр намудани асоси исбот васеъ истифода бурда мешавад. Мисол: тибқи м. 190 КМҶ

ҶТ (Асосҳо барои гузаронидани кофтуков) барои гузаронидани кофтуков, асоси зарурӣ мавҷуд будани маълумоти кофӣ дар бораи эҳтимоли ҷойгиршавии олоти ҷиноят, ҳуҷҷатҳо, ашё ё дигар маводи арзишманде мебошад, ки барои баррасии парванда аҳаммияти муҳим доранд. Ҳамчунин, кофтуков метавонад бо мақсади пайдо ва муайян намудани шахси дар кофтуков қарордошта гузаронида шавад.

Ё ин, ки тибқи м. 191 КМҶ ҶТ ёфта гирифтани ашё ва ё дигар ҳуҷҷатҳои муайяне, ки барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммият доранд, дар он маврид ва ба он шарте гузаронида мешавад, ки «дар куҷо ва дар дасти кӣ будани онҳо маълум бошад».

Яқин аст, ки чунин маълумот мумкин аст на танҳо дар доираи мурофиаи ҷиноятӣ, балки дар доираи мурофиаи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ низ дастрас карда шаванд.

Имконияти истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ ҷиҳати тайёр намудан ва гузаронидани амалҳои тафтишӣ, ҳамчунин, аз ҳуқуқҳои муфаттиш ва прокурор бармеояд, ки онҳо ба дастгоҳҳои оперативӣ супоришҳои иҷроишашон ҳатмибударо аз рӯйи парвандаҳои дар пешбурдашон қарордошта медиҳанд.

Имконияти истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ, ҳамчунин, дар рафти тайёр ва амалӣ намудани амалҳои судӣ низ пешбинӣ гардидааст.

Гуфтаҳои боло аз муқаррароти қ.қ. 4 ва 5 м. 41 КМҶ ҶТ бар меоянд, ки тибқи он "таҳқиқбаранда вазифадор аст супоришҳои суд, судя, прокурор, мақомоти тафтишоти пешакиро дар бораи анҷом додани амалҳои алоҳидаи тафтишӣ, дар бораи татбиқи чораҳои таъмини амнияти шахсони дар мурофиаи ҷиноятӣ иштироккунанда иҷро намояд. Дастурҳои суд, судя, прокурор, мақомоти тафтиши пешакӣ, сардори мақомоти таҳқиқ барои таҳқиқбаранда ҳатмӣ мебошанд" [7].

Ё ин, ки тибқи сархати 3 қ. 2 м. 86 КМҶ ҶТ (Ҷамъ овардани далел) таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, инчунин суд, ҳуқуқ доранд, ки аз мақомоти иҷрокунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳуҷҷатҳо ва

ашёҳоеро талаб намоянд, ки барои таҳқиқ ва баррасии парвандаи ҷиноятӣ аҳамияти махсус доранд.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки пешниҳод намудани маводи оперативӣ-хизматӣ ба шахсони номбаркардашуда беҳадду канор намебошад. Чунин маҳдудият аз мазмуни сархати 8 м. 39 КМҶ ҶТ бармеояд, ки он ваколати муфаттишро ба танзим даровардааст. Аз ҷумла, дар он омадааст, ки муфаттиш ҳуқуқ дорад бо маводи оперативӣ-ҷустуҷӯие, ки бо парвандаи тафтишшаванда алоқаманд аст, **мутобиқи қонунгузорӣ шинос шавад**. Ибораи «мутобиқи қонунгузорӣ» чунин маъно дорад, ки корманди оперативӣ ҳангоми ба муфаттиш пешниҳод намудани маводи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ талаботи Қонуни ФОҶ ва дигар қонунҳои самтию соҳавиро ба назар гирифта, дар ҳолатҳои зарурӣ (масалан: бо мақсади ифшо нагардидани сирри давлатӣ, махфӣ нигоҳ доштани шахсияти шахсони ба мақомоти ФОҶ ба таври махфиёна мусоидаткунанда ва ғайра) онҳоро пешкаш наменамоянд.

Натиҷаҳои ФОҶ-ро мумкин аст барои тайёр намудан ва гузаронидани ҳама намуди ЧОҶ, ки дар м. 6 Қонуни ФОҶ пешбинӣ шудааст ва, инчунин, ҳангоми амалӣ намудани дигар ҳаракатҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ истифода бурд (масалан: ҳангоми муҳосира, камингирӣ, таъқиб, дастгиркунӣ ва ғайра). Мисол: натиҷаҳое, ки вобаста ба гузаронидани воридсозии оперативӣ ба даст оварда шудаанд, мумкин аст барои гузаронидани харидории санҷишии оперативӣ истифода бурда шаванд.

Ташкил ва тактикаи гузаронидани ЧОҶ бо дарназардошти хислат ва мазмуни ахбороти мушаххаси оперативӣ муайян карда мешаванд.

Натиҷаҳои ФОҶ метавонанд барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ҳамчун асос хизмат намоянд. Мутобиқи сархати 5 қ. 1 м. 140 КМҶ: “асос барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ин аз ҷониби таҳқиқбаранда бевосита ба даст овардани маълумоте, ки ба аломатҳои ҷиноят ишора мекунанд” [7], ба шумор меравад.

Ба ин ҳайс, инчунин, он маълумоте, ки дар рафти амалӣ намудани ФОҶ ба даст омадаанд, дохил мешаванд. Агар дар иттилооте, ки натиҷаҳои ФОҶ-ро ташкил медиҳанд, маълумоти басанда оид ба ҷой доштани аломатҳои ҷиноят мавҷуд бошанд, он гоҳ мақомоти таҳқиқ ҳуқуқ дорад, ки мустақилона парвандаи ҷиноятиро оғоз намояд. Маълумоти ибтидоӣ дар бораи аломатҳои ҷиноят, ки дар рафти ФОҶ ба даст оварда шудаанд, бояд бо ҳуҷҷатҳои дахлдор ба расмият даровarда шаванд [119, с. 54-57], [122, 43-46].

Натиҷаҳои ФОҶ чун ба сифати сабаб ва асос барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ мумкин аст ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ё ин ки, ба прокурор барои баррасии масъала ҷиҳати оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ пешниҳод карда шавад (яке аз шаклҳои амалисозии ахбороти оперативӣ, аз он ҷумла, маводи коркарди оперативӣ баромад менамояд) [134, с. 68].

Натиҷаҳои ФОҶ, ки барои баррасии масъала ҷиҳати оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ пешниҳод мегарданд, бояд маълумоти басандаро дар бораи ҷой доштани аломатҳои ҷиноят дошта бошанд. Мисол: маълумоти пешниҳодшаванда бояд чунин ҷузъиётро дар бар гирад: макон ва замони содир шудани ҷиноят; аломатҳо ва намуди мушаххаси ҷиноят; ҳолатҳое, ки нишонаҳои ҷиноят дар онҳо ошкор шудаанд; маълумот дар бораи шахс ё шахсоне, ки ҷиноятро содир кардаанд (агар муайян шуда бошанд); маълумот оид ба шоҳидони эҳтимолии ҷиноят (агар онҳо вуҷуд дошта бошанд); ҷойи ҷойгиршавии изҳои ҷиноят, инчунин ҳуҷҷатҳо ва ашёҳое, ки ҳамчун далели шайъӣ истифода шуда метавонанд; дигар далелҳо ва ҳолатҳое, ки барои ҳалли масъалаи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ аҳамияти муҳим доранд.

Маълумоте, ки натиҷаҳои пешниҳодшавандаро дар бар мегиранд, бояд имконият диҳанд, ки дар бораи ҷой доштани ҳодиса ва зиддиҳуқуқӣ будани он хулоса бароварда шавад.

Натиҷаҳои ФОҶ, чун қоида, ҳангоми пешниҳод намудани фарзияҳои тафтишӣ ва банақшагирии тафтиши пешакӣ ба инобат

гирифта мешаванд (дар ҳолати зарурӣ нақшаҳои мувофиқанамудаи амалҳои тафтишӣ ва ЧОҶ тартиб дода мешаванд). Тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ бо роҳбаладии оперативӣ таъмин карда мешавад (он, ҳамчунин, пешниҳод намудани иттилооти оперативӣ-ҷустуҷӯиро дар бар мегирад).

Натиҷаҳои ФОҶ-ро мумкин аст барои исбот намудан аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ мутобиқи муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ки ҷамъоварӣ, санҷиш ва баҳогузории далелҳои шайъиро ба танзим медароранд, истифода бурда шаванд [82, с. 525]. Дар раванди исбот истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ манъ аст, агар онҳо ба талаботе, ки КМҶ ҶТ ба далелҳои шайъӣ пешниҳод менамояд, ҷавобгӯ набошанд.

Далелҳои шайъӣ ба талаботи ҳатмии м. 88 КМҶ ҶТ бояд аз нигоҳи мансубият, имконпазирӣ, саҳеҳ, пурра ва кифоя будан ҷавобгӯ бошад. Ин чунин маъно дорад: 1) далелҳои шайъӣ барои муқаррар намудани ҳақиқат қобилият доранд; 2) далелҳои шайъӣ аз сарчашмаҳои қонунӣ ба вуҷуд омадаанд ва дар натиҷаи истифода бурдани тарзҳои дарёфткунӣ ва мустаҳкамкунии маълумоти дахлдор, ки бо КМҶ ҶТ танзими худро ёфтаанд, ба даст даровaрда шудаанд. Аз ин чунин бармеояд, ки натиҷаҳои ФОҶ аз ибтидо дар маънои мурофиавӣ-ҷиноятиаш далелҳои шайъиро ташкил надода, фақат асос барои ба вуҷуд овардан ва ташаккул додани далелҳои шайъӣ ба ҳисоб мераванд.

Натиҷаҳои ФОҶ мумкин аст дар раванди исбот бевосита ба сифати далели шайъӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо истифода бурда шаванд (яъне, дар он ҳолате, ки ҷӣ хел онҳо дарёфт шудаанд ва ё он маълумоте, ки дар барандагони моддӣ ба сифати иттилоот мустаҳкам шудаанд), новобаста аз он, ки онҳо дар натиҷаи ФОҶ ошкор ё ғайриошкор ба даст омадааст. ммо дар ҳар ҳолат, эътирофи онҳо ҳамчун далели шайъӣ танҳо пас аз баҳодиҳии мурофиавӣ имконпазир аст. Дар ҷараёни ин баҳодиҳӣ мансубият, имконпазирӣ, саҳеҳӣ, пуррагӣ ва кифоягии ин далелҳо санҷида мешаванд. Масалан, ашёе, ки ҳамчун олоти содир кардани ҷиноят истифода шудааст ё дар худ изҳои ҷиноятро нигоҳ медорад, инчунин ашё ва ҳуҷҷатҳои дигаре, ки барои муайян кардани ҳолатҳои

ҷиноят ё кушодани он заруранд, метавонанд ҳамчун далели шайъӣ истифода шаванд.

Натиҷаҳои ФОҶ танҳо пас аз тасдиқи ҳолатҳои пайдоиши онҳо дар рафти тафтишот ва бартараф намудани шубҳаҳо оид ба ҳақиқати онҳо ҳамчун далели шайъӣ эътироф мегарданд.

Чунин муқаррарот аз мазмуни қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2014 «Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ», ки барои ҷорӣ намудани таҷрибаи якхела ва татбиқи дурусти меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ бахшида шудааст, бармеояд. Мутобиқан ба б. 4 қ. 20 қарори мазкур: Суд ва судяҳо вазифадоранд, ки ҳангоми истифодаи натиҷаҳои чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯие, ки бо маҳдуд намудани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ба сирри мукотиба, гуфтугӯҳои телефонӣ, ирсоли паёмҳои почта, телеграф, инчунин дахлнопазирии манзил ба даст оварда шудаанд, ҳамчун далел аз рӯи парвандаҳо дар сурате истифода бурда мешаванд, агар онҳо аз ҷониби мақомоти тафтиши пешакӣ ва суд тибқи меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мавриди санҷиш ва баҳодиҳӣ қарор дода шуда бошанд.

Дар қатори дигар маводҳое, ки ҳамчун далел истифода мешаванд, инчунин ҳуҷҷатҳои хаттӣ, сабтҳои аудиоӣ ва видеоӣ, аксҳо ва дигар воситаҳои нигоҳдории маълумот дохил мешаванд, ки барои ошкор намудани ҳолатҳои муҳим дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ бояд аҳамият дошта бошанд.

Онҳо метавонанд дар ҷараёни фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ёфта ё тартиб дода шаванд. Истифодаи чунин ҳуҷҷатҳо дар ҷараёни исботкунӣ бояд ба талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мутобиқ бошад.

Масалан: мутобиқи қ.5 м.11 Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ": "ҳангоми дар парвандаи ҷиноятӣ ба сифати далелҳо истифода намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-чустуҷӯӣ оид ба ҳаққонӣ будани онҳо ва ҳолатҳои ба даст овардани ин маълумотҳо шахсони мансабдори мақомоте, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро амалӣ менамоянд, метавонанд пурсиш карда шаванд" [9].

Саҳеҳии маводи видеоӣ-киноӣ ва дигар мавод мумкин аст бо роҳи пурсиши шахсоне, ки онҳоро бевосита амалӣ кардаанд, ҳамчунин бо татбиқи дигар амалҳои тафтишӣ санҷида шаванд, агар ба ин талаботи риоя намудани махфият монеъ нашавад (масалан: бо роҳи азназаргузаронии объект ё маҳалле, ки дар навори видеоӣ-киноӣ-аксӣ инъикос гардидаанд; бо роҳи пурсиши шахсоне, ки дар онҳо сабт гардидаанд; бо хулосаҳои экспертӣ-криминалистӣ; озмоиши (эксперименти) тафтишӣ ва ғайраҳо). Агар маълумот дар бораи шахсон, ки наворгирии видеоӣ-киноӣ-аксиро гузаронидаанд, махфӣ нигоҳ доштани онҳоро талаб намояд, он гоҳ дурустии (ҳақиқии) маводи пешниҳодгардида мумкин аст бо амалҳои тафтишии дар боло қайдшуда санҷида шаванд, ба истиснои пурсиши иҷрокунандагон.

Агар натиҷаҳои ФОҶ бо роҳи маҳдудкунии ҳуқукҳои конститутсионии шаҳрвандон ба маҳрамияти мукотиба, гуфтугӯҳои телефонӣ, муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигар, ҳамчунин, дахлнопазирии манзил дастрас шуда бошанд, он гоҳ онҳо ба сифати далел танҳо дар он ҳолатҳое истифода бурда мешаванд, ки агар тибқи тартиби пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дастрас ва ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ва суд пешниҳод карда шуданд ва аз ҷониби онҳо санҷида, баҳои мусбат дода шуда, ба парванда ҳамроҳ карда шуда бошад.

Тартиби ғайримахфигардонии маълумот бо мақсади дар мурофиаи ҷиноятӣ истифода бурдани онҳо – ин аз байн бардоштани маҳдудиятҳои қаблан ҷори гардида нисбат ба паҳн кардани он маълумоте, ки сирри давлатиро ташкил медоданд, ба ҳисоб меравад. Танҳо баъд аз ин

шахсони далхдор ҳуқуқи бо чунин маълумот шинос шуданро пайдо менамоянд. Муҳимтарин асоси ғайримахфигардонии натиҷаҳои ФОҶ ин тағйирёбии вазъияти объективӣ мебошад, ки дар натиҷаи он ҳифзи ояндаи маълумоте, ки сирри давлатиро ташкил медиҳад, ғайримақсаднок мебошад.

Асос барои ғайримахфигардонии натиҷаҳои ФОҶ дар чунин ҳолатҳои зерин ба миён меояд, агар:

– рафти ҳуҷҷатноккунии оперативӣ хотима ёфта бошад ва мақсади ҳуҷҷатноккунонӣ пурра ҳаллу фасли худро ёфтааст;

– рафти ҳуҷҷатноккунонии оперативӣ ба итмом нарасида, мақсади ҳуҷҷатноккунонӣ пурра дар ҳаҷми зарурӣ анҷом наёфта бошад ҳам, аммо аз ҷиҳати фаҳмиши тактикӣ ҳуҷҷатноккунонии оянда ғайримақсаднок ҳисобида шудааст;

– рафти ҳуҷҷатноккунонии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба итмом нарасидааст, вале натиҷаҳои ба даст овардашуда барои фошсозии шахси санҷидашаванда басанда ҳисобида шуда, таъхирандозии ояндаи он ба оқибатҳои ғайричашмдошт оварда расониданаш мумкин аст (аз он ҷумла, ба нест кардани натиҷаҳои ба даст овардашуда) [136, с. 25-28].

Дар ин ҳолатҳо бояд ба инобат гирифт, ки ошкор кардани маълумот дар бораи шахсоне, ки ба муҳити ҷиноятӣ ворид карда шудаанд, дар бораи кормандони штатии ғайриошкорои мақомоти амаликунандаи ФОҶ ва ҳамчунин дар бораи шахсоне, ки ба таври махфиёна (конфиденсионалӣ) ба мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мусоидат мекунанд ё мусоидат кардаанд, фақат дар ҳолатҳои истисноӣ мувофиқи ҳолатҳое, ки Қонуни ФОҶ пешбинӣ намудааст, иҷозат дода мешавад (қ. 2 м. 12 Қонуни ФОҶ). Маълумот дар бораи ин гуна шахсон танҳо бо розигии хаттии онҳо, ба истисноі ҳолатҳое, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳоро талаб мекунанд, ба прокурор ё судя пешкаш карда мешавад.

Айни замон зарурат пеш омадааст, ки мафҳуми ягона ва қобили қабули «натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» коркард гардида, ба

таври дақиқ ва равшан дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода шавад.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқоти гузаронидагиамон ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ – дастовардҳои ҳуҷҷатноккардашудаи мақомоти амаликунандаи фаъолияти мазкур мебошанд, ки мувофиқи қонунгузории соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ оид ба ҷиноятҳое, ки дар марҳилаи тайёршавӣ, содиршавӣ ё анҷомёфта қарор доранд, инчунин нисбати иштирокчиёни чунин ҷиноятҳо ва шахсоне, ки худро аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пинҳон медоранд, ҷамъ оварда шудаанд.

2. Истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ – амали мақомоти тафтишоти пешакӣ, прокурор, судя (суд) бо маводи оперативии ғайримахфигардида ва пешкардашудаи МАФОҶ, ҷиҳати санҷишу баҳогузории асоснок ва қонунии онҳо ва истифодабариашон дар ҷараёни исбот бо парвандаи ҷиноятӣ, мебошад.

## 1.2. Ташаккул ва инкишофи асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ

Агар ба таърихи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ назар намоем, мушоҳида менамоем, ки ФОҶ чун объекти батанзимдарории ҳуқуқӣ дар аввалҳои солҳои 20-уми асри XX арзи вуҷуд намудааст. Дар давраи Шуравӣ амалӣ гардонидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар КМҶ Ҷумҳурии Шӯравии Федеративии Сотсиалистии Россия (минбаъд – ҶШФСР) с.1923 (м. 93) дар шакли умум пешбинӣ шуда буд, ки имконияти аз ҷониби мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гузаронидани санҷишҳои ғайриошкорои аризаҳои беномро оид ба ҷиноятҳои тайёршаванда, содиршаванда ё содиршуда иҷозат медод. Пас аз анҷоми санҷиш ва тасдиқ шудани ҳаққонияти маълумоти бадастомада, онҳо ҳамчун асос барои оғози парвандаи ҷиноятӣ истифода мегардиданд. Дар дигар ҳолатҳо бошад, ФОҶ ҳамчун фаъолияте, ки хусусияти комилан махфӣ дорад, ҳисобида шуда, натиҷаҳои он дар ҷараёни тафтишоти парвандаҳои ҷиноятӣ истифода намегардид.

Ин қоидаҳо дар Тоҷикистон то соли 1926 амал мекарданд. Баъдан чунин тартибот дар Кодексҳои мурофиавии ҷиноятии ҶШС Ӯзбекистон (солҳои 1926 ва 1929), ки дар Тоҷикистон то соли 1935, яъне то қабули нахустин Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон татбиқ мешуданд, низ дарҷ гардиданд.

Бори аввал имкон пайдо шуд, ки натиҷаҳои ФОҶ ҳангоми ошкор, кушодан ва тафтиши ҷиноятҳо тибқи Асосҳои мурофиаи судии ҷиноятии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷумҳуриҳои иттифоқии соли 1958 истифода шаванд [49, с. 153]. Ин меъёр дар КМҶ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961 [12] боз ҳам дақиқтар тасвир гардид. Чунин натиҷаҳо ҳамчун воситаҳои махсус барои муайян кардани ҷиноятҳо ва шахсоне, ки онҳоро содир кардаанд, татбиқ мешуданд.

Моддаи 114-и КМҶ ҶШС Тоҷикистон (1961) ҳуқуқи истифодаи ЧОҶ-ро барои мақомоти таҳқиқ пешбинӣ менамуд, ки ҳадафашон ошкор кардани ҷиноятҳо ва муайян намудани гунаҳгорон буд.

Бо вуҷуди ин, дар амал татбиқи ин муқаррарот мушкил буд, зеро шарҳи дақиқи тартиби истифодаи натиҷаҳои ФОҶ дар қонунгузории он давра мавҷуд набуд. Илова бар он, равобити ҳуқуқии мақомоти тафтишот, прокуророн ва судҳо бо мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯии амниятӣ ва милитсия низ танзими зарурӣро наёфта буданд.

Дар ин замина, солҳои 60-70 аз ҷониби Прокурори генералии ИҶШС як силсила фармонҳо нашр гардиданд, ки дар онҳо дахолати прокуророну муфаттишон ба кори мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ қатъиян манъ мешуд. Ҳамчунин, фармони ВКД ИҶШС аз 19 октябри соли 1973, №325 қабул гардид, ки тибқи банди 12-и он ба роҳбарони Раёсатҳои тафтишотӣ иҷозати дастрасӣ ба маводи оперативӣ дода шуд. Вале чунин тадбирҳо танҳо хусусияти идоравӣ дошта, натавонистанд мушкилоти умумии истифодаи натиҷаҳои ғайримурофиавиро пурра ҳал намоянд.

Дар ин марҳила, олимон кӯшиш намуданд, ки равишҳои истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣро (ФОҶ) дар раванди мурофиаи ҷиноятӣ таҳия намоянд. Аввалин таҳқиқоти илмӣ дар ин самт дар солҳои 60-уми асри гузашта аз ҷониби олимон ба монанди Б.В. Бойтсов ва В.М. Барикин гузаронида шуданд. Онҳо асосан ба масъалаи ҳуҷҷатгузории натиҷаҳои ФОҶ таваҷҷуҳ зоҳир карданд.

Дар солҳои минбаъда ин мавзуъ, хусусан масъалаи қабул кардани натиҷаҳои ФОҶ, ҳамчун далели мурофиавӣ, таваҷҷуҳи бисёре аз муҳаққиқони маъруф, аз ҷумла Р.С. Белкин, А.И. Винберг, Е.А. Доля, А.М. Ларин, Л.М. Карнеева, В.Г. Самойлов ва Г.М. Минковскийро ҷалб намуд. Ин олимон масъалаи мавриди назарро амиқ омӯхта, роҳҳои

гуногуни татбиқи натиҷаҳои ФОҶ-ро дар раванди мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод намуданд.

В.Г. Самойлов солҳои 80-уми асри гузашта таъкид кард, ки ФОҶ дар амалигардонии мурофиаи ҷиноятӣ ва татбиқи дурусти қонунгузории ҷиноятӣ нақши муҳим мебозад. Ӯ пешниҳод намуд, ки кормандони оперативӣ бояд таваҷҷуҳи худро ба гузаронидани чорабиниҳои судманди оперативӣ барои ошкор кардани ҷиноятҳо равона кунанд. Дар навбати худ, муфаттишон вазифадоранд, ки натиҷаҳои чунин чорабиниҳоро дар ҷараёни тафтишоти ҷиноятҳо фаъолона мавриди истифода қарор диҳанд [66, с. 8-9].

Аммо масъалаи қабули натиҷаҳои ФОҶ  ҳамчун далели мурофиавӣ дар тӯли солҳо номуайян боқӣ мемонд. Сабаби асосии ин мушкилот дар он буд, ки қонунгузории он давра тартиби мушаххаси истифодаи ин натиҷаҳоро муайян накарда буд. Аз ин сабаб дар он давраҳо новобаста аз дигаргуниҳои васеи ҳуқуқӣ дар ҷомеа, натиҷаҳои ФОҶ дар аксар мавридҳо аз ҷониби судҳо ҳамчун далел эътироф намегардиданд.

Бешубҳа, чунин ҳолати номусоид кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар самти ошкор кардани ҷиноятҳо, бахусус ҷиноятҳои муташаккил душвор мекард. Бинобар ин, талошҳои зиёде сурат гирифтанд, ки қонунгузории ҷиноятӣ оид ба тартиби истифодаи натиҷаҳои ФОҶ такмил дода шавад.

Барои намуна, 12 июни соли 1990 Қонуни махсуси ИҶШС дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Асосҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ қабул шуд. Тибқи ин қонун, бо мақсади ҷамъоварии далелҳо, муайян намудани ҳолатҳои воқеии ҷиноят, инчунин шахсоне, ки онҳоро содир намудаанд, истифодаи сабти овозӣ, навори видеоӣ ва киноӣ иҷозат дода шуд [159]. Ҳамин тариқ, қонуни мазкур барои истифодаи натиҷаҳои ФОҶ дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ асоси ҳуқуқӣ фароҳам овард.

Илова бар ин, қонуни мазкур бо моддаи нави 35[1] пурра карда шуд, ки дар он иҷозат дода мешуд, гуфтугӯҳои телефонӣ ва дигар суҳбатҳо бо тартиби муайян ва қонунӣ сабт карда шаванд.

Бо мақсади татбиқи амалии ин муқаррароти қонун, 30 июни соли 1990 аз тарафи Вазорати адлия, Суди Олӣ, ВКД ва Кумитаи амнияти давлатии ИҶШС як дастурамали махсус тасдиқ карда шуд, ки бо Прокуратураи генералии ИҶШС мувофиқа гардида буд. Ин санад тартиби истифодаи сабтҳои аудиоӣ, видеоӣ, аксу наворбардорӣ ва сабти гуфтугӯҳои телефонӣ, инчунин истифодаи натиҷаҳои онҳоро дар рафти ошкору тафтиши ҷиноятҳо муайян мекард.

Дар асоси дастурамали мазкур, истифода намудани воситаҳои техникӣ ва криминалистӣ ҳатто дар марҳилаи қабл аз оғози парвандаи ҷиноятӣ иҷозат дода мешуд. Ба ин восита, қисми муайяни норасоиҳое, ки дар он замон дар қонунгузории мурофиавӣ ва ФОҶ мавҷуд буданд, бартараф гардиданд.

Аммо дар амал татбиқ намудани баъзе муқаррароти ин санад, махсусан имконияти васеи чорабиниҳои оперативӣ пеш аз оғози парвандаи ҷиноятӣ, ба мухолифати шадид аз ҷониби прокуророн ва судяҳо рӯ ба рӯ шуд. Инчунин, масъалаҳои назорати прокурорӣ ва тартиби мушаххаси табдил додани натиҷаҳои ФОҶ ба далелҳои мурофиавӣ дар ин дастурамал пурра ва равшан баён нагардиданд.

Танҳо баъди қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-чустуҷӯӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (с.1993) тартиби истифода бурдани натиҷаҳои ЧОҶ дар тайёр ва гузаронидани амалҳои тафтишӣ, ҳамчунин, ба сифати далел истифода бурдани онҳо аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ ба таври пурра ва саҳеҳ ба танзим даровarда шуданд [43, с. 74]. Муқаррароти мазкур дар қонунҳои минбаъда «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-чустуҷӯӣ» (аз с.1998 ва с.2011) мустаҳкам карда шуданд. Аз ҷумла, тибқи м.11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ" натиҷаҳои

ФОҶ метавонанд: “барои оғози парвандаи ҷиноятӣ ҳамчун сабаб ва асос хизмат намоянд, ба мақоми таҳқиқ, муфаттиш ё суде, ки парвандаи ҷиноятӣ дар пешбурдашон мебошад, пешниҳод карда шаванд, инчунин, барои исбот марбут ба парвандаи ҷиноятӣ тибқи муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳоро танзим менамояд, истифода шуда метавонанд” [9].

Бо қабули санади меъёрии ҳуқуқии мазкур, ки хусусияти ошкор дошт, ФОҶ пурра ба доираи танзими ҳуқуқӣ дохил гардид. Дар натиҷа, маводе, ки дар рафти чунин фаъолият ҷамъоварӣ мешуданд, аз ҷониби қонунгузор ҳамчун маводи бо тартиби қонунӣ бадастомада пазируфта шуданд. Ба ибораи дигар, масъалаи истифодаи натиҷаҳои ФОҶ дар мурофиаи ҷиноятӣ пурра ва мусбат ҳал гардид.

Қонунгузор ба таври дақиқ ифода намуд, ки маводи дар ҷараёни ФОҶ бадастомада метавонанд дар мурофиаи ҷиноятӣ бевосита пешниҳод шаванд. Ҳамзамон, маҳдудиятҳои пешинае, ки манбаи маълумотро махфӣ медоштанд, акнун барҳам дода шуданд. Акнун субъектҳои ФОҶ ҳуқуқ пайдо намуданд, ки вобаста ба зарурат мустақилона муайян намоянд, кадом маълумоти оперативӣ ва дар кадом миқдор бояд ҳамчун далел дар мурофиаи ҷиноятӣ истифода гардад.

Дар шароити кунунӣ, бо назардошти зарурати баланд бардоштани самаранокии кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (ФОҶ) дар он нақши муҳим дорад, қабули қарори махсуси Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст. Дар ин қарор бояд таҷрибаи судӣ оид ба арзёбӣ ва истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ дар раванди тафтиш ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирад. Мо низ ин пешниҳодро пурра ҷонибдорӣ менамоем.

Ҳамин тариқ, аз таърихи ташаккул ва инкишофи асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва мурофиаи

судии ҷиноятие, ки дар давоми даҳсолаҳо вобаста ба фаъолияти мазкур тадриҷан такмил дода шудааст, бармеояд, ки ин раванд асосан дар гирди мукаммалнамоии қонунгузорӣ ҷиҳати ФОҶ ҷараён гирифта, то ин ҷониб рафта истодааст ва минбаъд низ хоҳад давом дод.

Оддатан дар чунин ҳолатҳо, чуноне, ки таҷрибаи ҳуқуқӣ нишон медиҳад, то ҳалли масоили ҳуқуқӣ дар сатҳи қонунэҷодкунӣ, тавзеҳоти олимону мутахассисони ҳуқуқшинос, ки дар асоси мантиқ, қонуну қоидаҳо ва дигар воситаҳои (асбобҳои) илмӣ коркард ва пешниҳод мегарданд, барои муайян кардани мавқеи натиҷаҳои ФОҶ дар мурофиа ҷиноятӣ, алалхусус, дар ҷараёни исбот, ба субъектҳои зикргардида ёрдам мекунанд. Аммо, ин ҳолат тасодуфан бо вуҷуди зуҳуротҳои муосир ба миён омада, бояд ҳалли ҳуқуқии худро ёбад. Дар вазъияти мазкур, мо маҷбур мешавем, ки то лаҳзаи бартараф намудани нуқсон дар қонун, ҳолати мазкурро ҳамчун муваққатӣ ва ғайрирасмӣ эътироф намоем. Дастовардҳои олимону таҳқиқгарони илмӣ бояд аз ҷониби қонунгузор баррасӣ гардида, дар ҷараёни мукаммалнамоии санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда мунтазам истифода бурда шаванд.

Дар замони истиқлолият қонунгузор ҷиҳати ба танзим даровардани механизми ФОҶ натиҷаҳои хубро ноил гаштааст. Масалан, таҳлили Қонуни ФОҶ таҳрири охирон, хусусан м.м. 1, 4-6, 8-9, 11-12, 14-15, 17-18 ва 21, нишон медиҳад, ки тарзу усулҳо ва техникаи амалигардонии ФОҶ метавонанд на танҳо аз зери назари тарафи ҳимоя (м. 6 КМҶ ҶТ), балки аз муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор (аз ҷумла прокурори ваколатдор) ва суд, бо риояи сирри давлатӣ, пинҳон нигоҳ дошта шавад. Дар м. 12 Қонун “Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ”, ба маълумоти ҳизшавананда дар бораи мақомоти амаликунандаи ФОҶ инҳо мансуб дониста мешаванд: “Маълумот дар бораи қувваҳо, воситаҳо, сарчашмаҳо, усулҳо ва нақшаҳои ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативи-ҷустуҷӯии махфи истифодашаванда ва истифода

шуда ва натиҷаҳои фаъолияти оперативи-ҷустуҷӯи, маълумот дар бораи шахсони ба гурӯҳҳои муташаккили ҷинои ҷойгиркардашуда, дар бораи кормандони махфии штатии мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативи-ҷустуҷӯи ва дар бораи шахсони ба онҳо ба таври пинҳонӣ кӯмаккунанда, ҳамчунин дар бораи ташкилот ва дар бораи тактикаи гузаронидани чорабиниҳои оперативи-ҷустуҷӯи сирри давлати ҳисоб меёбанд ва ошкор кардани онҳо фақат дар асоси қарори роҳбари мақоми амаликунандаи фаъолияти оперативи-ҷустуҷӯи сурат гирифта метавонад.

Ошкор кардани маълумот дар бораи шахсони ба гурӯҳҳои муташаккили ҷинои ҷойгиркардашуда, дар бораи кормандони махфии штатии мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативи-ҷустуҷӯи ва инчунин дар бораи шахсоне, ки ба онҳо ба таври пинҳонӣ кӯмак мекунанд ё кӯмак кардаанд фақат дар ҳолатҳои истиснои бо розигии хаттии онҳо дар ҳолатҳои пешбинишудаи қонун мумкин аст.

Иҷозатномаи прокурор ё қарори суд барои ҳуқуқи гузаронидани чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва маводе, ки барои қабули чунин қарор асос гардидаанд, танҳо дар мақомоте, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро амали менамоянд, маҳфуз дошта мешаванд.

Ҳуҷҷатҳои оперативи-хизмати, ки натиҷаҳои фаъолияти оперативи-ҷустуҷӯиро инъикос менамоянд, ба мақоми таҳқиқ, муфаттиш, судя, прокурор дигар мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативи-ҷустуҷӯи бо тартиб ва дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи ҳамин Қонун дода шуда метавонанд" [9]. МАФОҶ ба меъёри мазкур такя намуда, имконият дорад сирри фаъолияташро фош накарда, ҳифз намояд.

Ҳамин тариқ, маълумот оид ба ҷузъиёти ҷараёни ФОҶ ба дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур ва КМҶ дастнорас аст. Ҳадди дастрасии прокурор ва суд низ бо меъёрҳои Қонуни болозикр муқаррар гардида, ҳамзамон бо ин салоҳияти онҳо вобаста ба соҳаи ФОҶ маҳдуд мегардад.

Дар ҳолати мазкур, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ва дигар иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ (Фасли II КМҶ ҶТ) маҷбур мешаванд, ки танҳо ба маълумоти пешниҳоднамудаи МАФОҶ ба тариқи формалӣ (руякӣ) боварӣ намоянд, ки натиҷаҳои ФОҶ дуруст ва мувофиқи талаботи қонун ба даст оварда шудаанд, зеро дар қонунгузорӣ дигар манбаъҳои санҷиши онҳо пешбинӣ нашудаанд. Амали тафтишӣ бошад, ба фикри мо на ҳама тарафҳои фаъолияту чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро санҷида мебарояд.

Маҳдудияти қонунӣ аз нуқтаи назари қонунгузор ба манфиати идоравии МАФОҶ ва иштироккунандагони он хизмат мекунанд ва қонунӣ будани фаъолияти мазкур танҳо ба зиммаи виҷдони кормандони оперативӣ ва роҳбарияти онҳо гузошта мешавад. Онҳо дар назди қонун ҷиҳати риояи накардани қонуният, вайрон кардани меъёрҳои муқарраргардидаи он ҳангоми ба амал баровардани ФОҶ тибқи мод. 23 Қонуни ФОҶ ҷавобгар мебошанд. Вазъияти ҳуқуқии мазкур ва мушкилоти вобаста ба он ба миёномада дар қонунгузории Федератсияи Россия ва дигар давлатҳо низ вуҷуд дорад ва ин масъала дар низоми ҳуқуқӣ ва ҳуқуқистифодабарии онҳо то ҳол ҳалли худро наёфтааст.

Инчунин, қобили зикр аст, ки қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар баробари дигар соҳаҳои ҳуқуқ вобаста ба тағйирёбии вазъият дар қаламрави кишвар ва зуҳуротҳои замони муосири ба миёномада мунтазам такмил мегардад, ки дар натиҷа боиси воридоти тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор мешавад. Яке аз чунин навовариҳо ин меъёри нави КМҶ ҶТ – мод. 88 (1). "*Далелҳои ғайри қобили қабул", ки* бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.05.2016, № 1306 **[7]** ба КМҶ ҶТ қабул ва ворид карда шудааст.

Тибқи муқаррароти қ. 1. м. 88 (1) КМҶ ҶТ: **"**далелҳо ғайри қобили қабул ҳисобида мешаванд, агар онҳо бо вайрон кардани талаботи Кодекси мазкур бо роҳи маҳрум кардан ё маҳдуд кардани ҳуқуқҳои

иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ки бо қонун кафолат дода шудаанд, вайрон кардани тартиби ҷамъоварии далелҳо ё дигар қоидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми пешбурди тосудӣ ё муҳокимаи судии парванда ба даст оварда шуда, ба саҳеҳияти маълумотҳои воқеии бадастовардашуда таъсир расонида бошанд ё имкони таъсиррасонӣ дошта бошанд, аз ҷумла бо:

- истифодаи шиканҷа, муносибати бераҳмона, зӯроварӣ, таҳдид, фиреб ё дигар кирдори ғайриқонунӣ;

- истифодаи гумроҳшавӣ, ки дар натиҷаи нафаҳмонидан, нопурра ё нодуруст фаҳмонидани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ ба миён омадааст;

- гузаронидани амали мурофиавӣ аз ҷониби шахсе, ки ҳуқуқи анҷом додани пешбурдро бо парвандаи ҷиноятии мазкур надошт;

- гузаронидани амали мурофиавӣ бо иштироки шахсе, ки бояд рад карда мешуд;

- ба таври ҷиддӣ вайрон кардани тартиби гузаронидани амали мурофиавӣ;

- ба даст овардани маълумот аз сарчашмаи номаълум ё сарчашмаи дигаре, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ муайян кардани он ғайриимкон аст;

- истифода бурдани усулҳои хилофи донишҳои муосири илмӣ ҳангоми исбот” [7].

Меъёри дигар дар  қ.2 м. 88 (1) КМҶ ҶТ муқаррар шудааст, ки тибқи он “қобили қабул набудани далелҳо, инчунин маҳдуд кардани истифодаи онҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ, аз тарафи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя бо ташаббуси худи онҳо ё бо дархости тарафҳо муайян карда мешаванд. Маълумоти воқеӣ дар бораи истифода шудани шиканҷа ё муносибати бераҳмона нисбати гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда, новобаста ба ворид шудани аризаи онҳо ё дархости ҳимоятгар аз нигоҳи қобили қабул будани нишондодҳои онҳо ҳамчун далел, мавриди тафтиш ва баҳодиҳӣ қарор дода мешаванд” [7].

Муқаррароти қ. 3 моддаи мазкур барои кормандони МАФОҶ аҳаммияти калон дорад, зеро дар он қонунгузор пешбинӣ мекунад, ки "ҳангоми ғайри қобили қабул ҳисобидани далел бо сабаби истифода намудани шиканҷа ё муносибати бераҳмона таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя дар доираи салоҳияти худ оид ба ҷавобгарии дахлдори шахсони ба ин амалҳо роҳдода, чораҳо меандешанд" [7].

Ба марҳилаҳои тафтишоти пешакӣ (таҳқиқ) ва мурофиаи судӣ Талаботи қ. 4 м. 88 (1) КМҶ ҶТ аҳаммияти калон дорад. Дар он пешбинӣ шудааст, ки "далелҳои ғайри қобили қабул ҳисобида шуд беэътибор дониста шуда, ба асоси айбдоркунӣ гузошта намешаванд ва барои исботи ягон ҳолати дар м. 85 Кодекси мазкур зикрёфта истифода шуда наметавонанд" [7].

Бо вуҷуди дастовардҳои дар боло зикргардида, қонунгузории амалкунандаи ҶТ дар бахши ФОҶ ҳанӯз ба ислоҳоти ҷиддӣ ниёз дорад. Ин зарурат пеш аз ҳама аз он сабаб аст, ки нақш ва мавқеи дақиқи фаъолияти мазкур дар доираи мурофиаи судии ҷиноятӣ пурра ва возеҳ муайян нашудааст. Баҳсҳо дар ин мавзуъ асосан ба натиҷаҳои ФОҶ, вазъи онҳо дар исбот алоқамандӣ доранд ва чунин нофаҳмиҳо натанҳо дар кишварамон, балки дар дигар давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ низ ҷой доранд. Вобаста ин Костенко А.Б. чунин мешуморад, ки барои ҳалли муаммои ҳуқуқии мазкур ду роҳро истифода намудан мумкин аст: якум, ҷорӣ намудани "амалҳои тафтиши ғайриошкоро"; дуюм, дар КМҶ ҶТ ворид кардани муқаррароте, ки мунтазам натиҷаҳои ФОҶ-ро ҳамчун далел эътироф мекунанд [111, с. 111].

Қобили зикр аст, ки дар КМҶ Ҷумҳурии Қазоқистон (минбаъд КМҶ ҶҚ) таҳрири соли 2014 [20] як навоварии ҳуқуқӣ дароварда шуд – ин "амалҳои тафтишии ғайриошкоро". Барои институти навтаъсисдодашудаи мурофиавӣ (мафҳуми "амалҳои тафтишии ғайриошкоро" дар б. 12 м. 7 КМҶ ҶҚ оварда шудааст), ки аз нуҳ навъи амалҳои тафтишии ғайриошкоро иборат мебошад, боби 30 ҳамин Кодекс

бахшида шуда, дар он ҳар як модда амали тафтишии алоҳидаро ба танзим медарорад. Чуноне, ки Карл А.М. қайд мекунад, ворид кардани институти зикргардида қадами аввалини қонунгузрии Ҷумҳурии Қазоқистон дар самти якҷояшавии (интегратсияи) фаъолиятҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ мебошад [108, с. 150].

Дар хусуси пешниҳоди Костенко А.Б. гуфтан ба маврид аст, ки он мантиқан асоснок бошад ҳам, аммо мо чунин мешуморем, ки барои ҷорӣ намудани яке аз ин навовариҳо дар қонунгузории оперативӣ-ҷустуҷӯи ва мурофиаи ҷиноятӣ онро ҷиҳати мутобиқгардонии мавқеи нави натиҷаҳои ФОҶ тайёр кардан лозим аст, ки ин ворид кардани тағйиру иловаҳоро пеш аз ҳама дар КМҶ ва Қонуни ФОҶ дар бар мегирад, ки ба меъёрҳои бунёдии ФОҶ ва мурофиаи ҷиноятӣ низ бояд таъсироти калон расонад, зеро ин навгунаҳои ҳуқуқӣ ба принсипҳои амаликунандаи онҳо мухолифат мекунанд. Амали тафтишие, ки ба тариқи пинҳонӣ (ғайриошкоро) сурат мегирад, бо реҷаи махфият пушонидашуда, фаъолияти муфаттиш ва таҳқиқбарандаро низ дар назари ҷомеаи шаҳрвандӣ зери шубҳа мегузаронад. Агар, дар вазъияти ҳозира чи масоил вобаста ба ФОҶ ва натиҷаҳои он ба миён меоянд, бо роҳи тафтишот, инчунин, мурофиаи судӣ ҳалли худро меёбанд ва дар сурати роҳ додан ба қонуншиканӣ МАФОҶ гунҳгор дониста мешавад, пас баъди ҷорӣ намудани “амали тафтишии ғайриошкоро” эҳтимолан муфаттиш ва таҳқиқбаранда низ сафи шахсони мансабдорони вайронкунандаи қонунро илова менамоянд.

Таклифи дуюми пешкашкардашудаи муаллиф аз ҷиҳати дар таҷрибаи ФОҶ ва мурофиаи ҷиноятии Тоҷикистон ва Россия мутобиқ гардониданаш нисбатан беҳтар аст, зеро салоҳияти МАФОҶ оид ба гузаронидани ҷорабиниҳо ба таври ғайриошкоро танҳо ба онҳо мансуб дошта, ба мақомоти тафтишоти пешакӣ дода намешавад. Инчунин, дар ҳолати мазкур обруи мақомоти тафтишоти пешакӣ, ки ҳомии адолати

судӣ мебошанд, зарар намебинад, зеро онҳо натиҷаҳои ФОҶ-ро тафтиш намуда, онҳоро барои истифодабарии минбаъда ба сифати далели исбот дар тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ва муҳокимаи он дар мурофиаи судӣ роҳ медиҳанд.

Вале, дар баробари ин фикру мулоҳизаҳо, мо сеюм роҳро пешкашу интихоб менамоем, ки мувофиқи он аҳаммияту саҳми МАФОҶ-ро паст нашуморида, тарафдори мустақилияти он буда, ҳалли масоилро дар мурофиаи ҷиноятӣ намеҷӯем, чунки такмил додани қонунгузории ФОҶ ва дуруст ба роҳ мондани сиёсати оперативӣ ҷустуҷӯӣ, аз ҷумла дар самти кор бо кадрҳои ин соҳа, ки дар маҷмуъ боиси баланд бардоштани обруи кормандони оперативӣ шуда, натиҷаҳои фаъолияташонро ҳамчун манбаи ҳақиқат дар дигар мақомот қабул карда мешавад. Дар шароити кунунии кишварамон ягона роҳи самарабахш ин такмил ва мукаммал сохтани асосҳои ҳуқуқие мебошад, ки тартиби истифодаи натиҷаҳои ФОҶ-ро ҳангоми тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ ва дар ҷараёни мурофиаи судӣ муайян мекунанд. Инчунин, пурзӯр намудани механизми назорат дар самти мазкур низ муҳим аст. Мо мутмаинем, ки чунин чораҳои маҷмӯӣ ба бартараф намудани камбудиҳои мавҷуда кӯмак намуда, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро боз ҳам самаранок мегардонад.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқоти гузаронидагиамон ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Раванди ташаккулёбӣ ва инкишофи асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, инчунин дар ин ҷараёни таъсиси механизми устувори амалигардонии он дар таҷрибаи мурофиаи судии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат мекунанд, ки дар натиҷаи тадбирҳо дар ин самт андешидашуда, институти истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи низоми муқовимат ба ҷинояткорӣ ба

вуҷуд омадааст. Таърихи институти мазкур, ки дар кишварамон зиёда аз ним аср давом дорад, заруратү самаранокии онро тасдиқ мекунад, зеро иқтидори МАФОҶ дар натиҷаҳои он инъикосгардида тавассути механизми истифодабариашон дар рафти мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ихтиёри мақомоти тафтишоти пешакӣ, прокурор ва судя (суд) дастрас шуда, ба онҳо имконият медиҳад уҳдадорӣ ва вазифаҳояшон дар сатҳи талабгардидаи қонун иҷро намоянд.

2. Институти истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ҷойи муқаррарро ишғол карда, аҳаммияти дахлдор дорад, бо ҳамин дурнамои рушдро дастрас намудааст ва бо вуҷуди камбудиҳои назаривӣ ва амалӣ ҷиҳати функсиягардониаш дар низоми мазкур ва зуҳуроти зудтағйирёбии замони муосир бо хатару окибатҳояш, масъалаи мукаммалнамоии институти номбурда ҳадафи аввалиндараҷаи давлат ба шумор меравад.

# БОБИ 2. МЕХАНИЗМИ ИСТИФОДАБАРИИ НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

## 2.1. Ҷамъоварии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ то оғози парвандаи ҷиноятӣ

Баррасии маводи ФОҶ-ро то оғози парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби прокурор ва суд (судя) аз ду нуқтаи назар омӯхтан қобили қабул аст:

а) баррасӣ намудани маводи оперативӣ-хизматӣ аз ҷониби прокурори ваколатдор ҷиҳати ба судяи ба он ваколатдодашуда пешниҳод намудани дархост барои гузаронидани ЧОҶ ва баррасӣ намудани маводи оперативӣ-хизматӣ аз ҷониби судяи дахлдор ҷиҳати додани иҷозат барои гузаронидани ЧОҶ (тибқи м.м. 8 ва 9 Қонуни ФОҶ);

б) баррасӣ намудани маводи оперативӣ-хизматӣ аз ҷониби прокурори ваколатдор ва ё судяи ба он ваколатдодашуда дар асоси арзу шикояти шаҳрвандон нисбати шахсони мансабдори мақомоти амаликунандаи ФОҶ (тибқи м. 5 Қонуни ФОҶ).

Омӯзиши ин ду ҳолат дар алоҳидагӣ барои кормандони оперативӣ, тафтишот, прокуратура ва суд аҳаммияти муҳим дорад. Ҳамзамон, ҳолати якум яке аз давраи ҳатмии мурофиаи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба ҳисоб меравад ва ҳангоми гузаронидани ЧОҶ, ки ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандро маҳдуд менамояд, дар ҳама маврид ҷой дорад. Ҳолати дуюм бошад, давраи ҳатмии мурофиаи оперативӣ-ҷустуҷӯиро ташкил намедиҳад ва он танҳо дар он мавриде ҷой дорад, ки агар нисбати ҳаракатҳои мақомоти амаликунандаи ФОҶ арзу шикоятҳои шаҳрвандон ворид гардида бошад.

*Ҳолати якум.* Мутобиқан ба м. 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», гузаронидани

чорабиниҳое, ки ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандонро маҳдуд мекунанд, танҳо бо риояи шартҳои қатъӣ иҷозат дода мешаванд.

Ба чунин чорабиниҳои оперативӣ дохил мешаванд: назорати пинҳонии мукотиба, гуфтугӯҳои телефонӣ, ирсоли хабарҳо ва дигар шаклҳои иртибот; назорати махфии манзил ва ҷойҳои истиқомат.

Барои гузаронидани чунин чорабиниҳо бояд дархости прокурори ваколатдор ва иҷозати судяи ваколатдор мавҷуд бошад.

Иҷозати мазкур танҳо дар ҳолатҳои зер дода мешавад: агар маълумот дар бораи омодагӣ, содиршавӣ ё анҷомёбии ҷиноятe, ки таҳқиқи пешакии он ҳатмист, вуҷуд дошта бошад; агар маълумоти аниқ дар бораи шахсони омодакунанда, содиркунанда ё анҷомдиҳандаи чунин ҷиноят мавҷуд бошад; агар ҳодиса ё амале муайян шавад, ки ба амнияти давлатӣ, ҷамъиятӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ё экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид менамояд [9].

Ин талаботи Қонуни ФОҶ аз м.м. 22 ва 23 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки тибқи онҳо “манзили шахс дахлнопазир аст, маҳрамияти мукотиба, суҳбати телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс таъмин карда мешавад, ба истисноии мавридҳое, ки қонун нишон додааст дар бораи ҳаёти шахсии инсон бе розигии ӯ ҷамъ намудан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани маълумот манъ аст” [4].

Чӣ тавре, ки қаблан қайд шуда буд, асоси ҳуқуқӣ барои судя ҷиҳати додани иҷозат барои гузаронидани ЧОҶ, ки боиси маҳдудшавии ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд мегарданд, қарори асоснокшудаест, ки аз ҷониби яке аз роҳбарони мақомоти дахлдори оперативӣ тасдиқ шуда бошад. Ҳамчунин, барои ин амал ҳатман дархости прокурори ваколатдор низ бояд мавҷуд бошад.

Номгӯйи роҳбарони мақомоти амаликунандаи ФОҶ, ки салоҳияти тасдиқ намудани чунин қарорро доранд, бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ муқаррар карда мешаванд. Асосан ин сардор ва муовинони

сардорони раёсатҳои мақомоти оперативии вилоятҳо, сардор ва муовинони сардорони шуъбаҳои мақомоти амаликунандаи ФОҶ дар шаҳру ноҳияҳо мебошанд.

Дар қарори номбаршуда мансаб, рутбаи ҳарбӣ ё махсус, ному насаби корманди ташаббускори чорабинӣ, ҷой ва санаи баровардани қарор, моҳияти маълумоти бадастовардашуда; аломатҳои ҷиноят, ки дар ҳаракатҳои шахс дида мешаванд (ҳатман бо нишон додани моддаи дахлдори КҶ); асоснокии зарурати гузаронидани ЧОҶ-и дахлдор; дар кадом минтақа, нисбати кадом шаҳрванд, аз рӯйи кадом тартиб гузаронида мешавад ва мухлати гузаронидани ЧОҶ қайд карда мешаванд.

Инчунин, дар қисми хулосавии қарор дар баробари ЧОҶ дархостшаванда, муқаррарот дар бораи он, ки гузаронидани чорабинии дахлдор ба кадом воҳиди оперативӣ-техникӣ вогузор мегардад, нишон дода мешавад.

Масъалаи вобаста ба маҳдуд кардани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон, аз ҷумла дахлнопазирии мукотиба, гуфтугӯҳои телефонӣ, муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва дигар намудҳои иртибот, ки тавассути воситаҳои алоқа интиқол мешаванд, дахлнопазирии манзил ҳангоми гузаронидани ЧОҶ *аз ҷониби* прокурори ваколатдори маҳалли гузаронидани чунин чорабиниҳо ё маҳалли ҷойгиршавии мақомоте, ки гузаронидани онҳоро дархост намудааст ё маҳалле, ки ҷиноят дар он ҷо тайёр ё содир шудааст ё маҳалле, ки дар он шахси таҳти коркарди оперативӣ қарордошта истиқомат мекунад ё кор мекунад ё муваққатан дар он ҷо будубош дорад ё маҳале, ки дар он шабакаи алоқаи почта ё алоқаи барқӣ воқеъ гардидаанд ва ба чунин шахс хизмат мерасонанд ва ғайра сурат мегирад.

Қарори тасдиқнамудаи роҳбари амаликунандаи ФОҶ ба воситаи мактуби имзонамудаи ӯ ба прокурори ваколатдор фиристода мешавад [103, с. 6-17]. Дар мактуб мақсад ва асоси гузаронидани чорабинӣ ва оид ба суд дархост пешниҳод намудан инъикос карда мешавад. Ба мактуб

дараҷаи махфият (махфӣ, комилан махфӣ ё фавқулода муҳим) дода, ба он шумораи маводи дахлдор замима карда мешавад.

Ба маводи пешниҳодшуда мумкин аст гузоришҳои корманди оперативӣ, ариза, баёнот, маълумотнома, санадҳо, маълумотнома-меморандум оид ба ахбороти ҷамъовардашуда нисбати шахси коркардшаванда, ҳамчунин, дар ҳолатҳои зарурӣ дигар ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматӣ (нақшаи ЧОҶ, нусхаи ахбороти шахсони мусоидаткунанда, аксҳо, сабтҳои видеоӣ, аудиоӣ ва ғ.) ҳамроҳ карда мешавад.

Ҳамзамон, пешниҳод намудани иттилоот оид ба шахсоне, ки ба муҳити ҷиноятӣ ворид шудаанд, инчунин дар бораи кормандони махфии штатии мақомоти ФОҶ ва шахсони ба онҳо пинҳонӣ кӯмаккунанда, инчунин маълумот оид ба сохтор ва тартиби фаъолияти ин мақомот, ҳамчунин маълумот дар бораи тактика, усул, қувва ва воситаҳои гузаронидани ЧОҶ қатъиян манъ аст.

Мактуб ва маводи ба прокуратура дохилшуда дар китоби алоҳидаи махфикунонидашуда ба қайд гирифта мешавад. Прокурори ваколатдор вазифадор аст, ки маводи мазкурро шахсан, бе иштироки котиб ва дар муҳлати кӯтоҳтарин баррасӣ кунад. Ҳангоми пешниҳод шудани чунин мавод прокурори ваколатдор ҳуқуқ надорад, ки аз баррасии он худдорӣ намояд.

Прокурори ваколатдор пас аз омӯзиши маводи воридшуда, дар бораи пешниҳод намудани дархост ба судяи ба он ваколатдодашуда ҷиҳати гирифтани иҷозат барои гузаронидани ЧОҶ розигии худро медиҳад ё ин, ки барои пешниҳод намудани чунин дархост розигӣ намедиҳад.

Ҳангоми розӣ шудан ҷиҳати пешниҳод намудани дархост ба суд прокурори ваколатдор ба қарори аз ҷониби мақомоти амаликунандаи ФОҶ пешниҳодшуда имзои худро гузошта, розигиашро оид ба гузаронидани ЧОҶ бо гузоштани мухр тасдиқ менамояд. Баъдан прокурори ваколатдор мактуби расмиро дар бораи дархости худ оид ба

додани иҷозат ҷиҳати гузаронидани ЧОҶ таҳия намуда, онро тавассути ташаббускори ЧОҶ ба судяи ба он ваколатдодашуда ирсол менамояд. Дар мактуби мазкур асоси ҳуқуқӣ, зарурати гузаронидани ЧОҶ-и дархостшаванда ва хоҳиши додани иҷозат барои гузаронидани он нишон дода мешаванд. Сипас, прокурори ваколатдор мактуби ба номи судяи дахлдор имзонамудаашро якҷоя бо мавод ба ташаббускори ЧОҶ бармегардонад, яъне мавод бо қарорҳо ва нусхаҳои онҳо дар прокуратура боқӣ намемонад [97, с. 55-58].

Прокурори ваколатдор барои ҳифзи маълумоте, ки дар ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматии пешниҳодшуда мавҷуданд, шароит фароҳам меоварад ва барои гум кардан ё ифшо намудани онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад (қ. 7 м. 9 Қонуни ФОҶ).

Ташаббускори гузаронидани ЧОҶ мактуби прокурори ваколатдорро бо қарори гузаронидани ЧОҶ ба судяи ба он ваколатдодашуда пешниҳод намуда, дар ҷараёни баррасии он иштирок менамояд.

Таҳти мафҳуми судяи ба он ваколатдодашуда судяе фаҳмида мешавад, ки махсус барои маводи марбут ба гузаронидани ҶОҶ-ро, ки ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро ба дахлнопазирии манзил, махфияти мукотиба, гуфтугӯҳои телефонӣ, ирсоли муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва дигар шаклҳои иттилооти тавассути воситаҳои алоқа интиқолшавандаро маҳдуд менамоянд, мавриди баррасӣ қарор дода, қарор қабул намояд.

Судяи ба он ваколатдодашуда тибқи муқаррароти сархати 7 ва 12 қ. 1 м. 35 КМҶ маводи дохилшударо омӯхта, тибқи м. $35^1$ КМҶ, яъне бо тартиби муайяннамудаи Қонуни ФОҶ онро баррасӣ менамояд.

Судяи маҳалли гузаронидани ЧОҶ ё судяи маҳалли ҷойгиршавии мақомоте, ки чунин чорабиниҳоро дархост кардааст, ваколат дорад, ки маводи вобаста ба маҳдуд намудани ҳуқуқҳои конститутсионии

шаҳрвандонро оид ба дахлнопазирии манзил, махфияти мукотиба, гуфтугӯҳои телефонӣ, ирсоли муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва дигар шаклҳои иттилооти тавассути шабакаҳои алоқа интиқолшавандаро мавриди баррасӣ қарор дода, қарори дахлдор қабул намояд. Ҳамчунин аз ҷониби судяи маҳалле, ки ҷиноят дар он ҷо тайёр ё содир шудааст ё маҳалле, ки дар он ҷо шахси таҳти коркарди оперативӣ қарордошта истиқомат мекунад ё кор мекунад ё муваққатан дар он ҷо будубош дорад ё маҳалле, ки дар он ҷо шабакаи алоқаи почта ё алоқаи барқӣ воқеъ гардидаанд ва ба чунин шахс хизмат мерасонанд ва ғайра сурат мегирад.

Судяи ваколатдор уҳдадор аст, ки маводи пешниҳодшударо шахсан, фавран ва бе иштироки котиб мавриди баррасӣ қарор диҳад. Ҳангоми ворид шудани чунин мавод, судя ҳуқуқи худдорӣ намудан аз баррасии онро надорад. Зери мафҳуми фавран баррасии мавод дарҳол баъд аз пешниҳод кардани он ба судя фаҳмида мешавад.

Тартиби баррасии маводи пешниҳодшуда муҳокимаи судиро ва ҳатто қисми омодасозии маҷлиси судиро ташкил намедиҳад. Чунки дар чунин муносибатҳои ҳуқуқии бамиёномада ҳоло тарафҳо мавҷуд нестанд. Дар ин раванд риояи принсипҳои ошкоро ва мубоҳиса пешбинӣ карда нашудаанд ва пешбинӣ шуданашон ҳам мумкин нест. Дар акси ҳол ЧОҶ-е, ки хусусияти ғайриошкоройӣ дорад, аҳаммияти худро гум мекунад [42, с. 203-204].

Судяи ваколатдор метавонад талаб намояд, ки ба ӯ дигар маводи дахлдор оид ба асосҳои гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пешниҳод карда шавад. Вале пешниҳод намудани маълумот дар бораи шахсоне, ки ба муҳити ҷиноятӣ ворид шудаанд, дар бораи кормандони махфии штатии мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, шахсони ба онҳо пинҳонӣ кӯмаккунанда ва инчунин маълумоти марбут ба сохтору тартиби фаъолияти ин мақомот иҷозат дода намешавад. Ҳамчунин маълумот дар бораи ташкил, тактика, усул, қувва ва воситаҳои

гузаронидани ЧОҶ пешниҳод карда шаванд. Чунки ин маълумот сирри давлатиро ташкил намуда, воқеан асоси гузаронидани ЧОҶ-ро инъикос наменамояд.

Аз рӯйи натиҷаҳои баррасии маводи пешниҳодшуда, судяи ба он ваколатдодашуда гузаронидани ЧОҶ дархостшавандаро, ки он ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро маҳдуд мегардонанд, иҷозат медиҳад ё гузаронидани онро рад мекунад ва дар ин бора қарори асоснок мебарорад.

Дар қисми хулосавии қарор дар баробари додани иҷозат ҷиҳати гузаронидани ЧОҶ-и дархостшаванда, ба кадом воҳиди оперативӣ-техникӣ гузаронидани ин чорабинӣ вогузор карда мешавад, нишон дода мешавад. Қарори бо муҳр тасдиқгардида дар як вақт бо баргардонидани маводи пешниҳодшуда ба ташаббускори гузаронидани ЧОҶ супорида мешавад, яъне мавод бо қарорҳо ва нусхаҳои онҳо дар суд боқӣ намемонад.

Судяи ба он ваколатдодашуда барои ҳифзи маълумоте, ки дар ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматии пешниҳодшуда мавҷуданд, шароит фароҳам меоварад ва барои гум кардан ё ифшо намудани онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад (қ.7 м. 9 Қонуни ФОҶ).

Тибқи талаботи қ. 2 м. 38 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 26 июли соли 2014, № 1095 [10], ки дар он тартиби махсуси рухсат ба сирри давлатӣ муқаррар карда шудааст, судяи ба он ваколатдодашуда дар бораи ифшо накардани сирри давлатӣ, ки ба ӯ ҳангоми иҷрои ваколат ва уҳдадориҳои мансабиаш маълум мегардад ва дар бораи тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашидани ӯ дар ҳолати ифшои онҳо огоҳонида мешавад ва дар ин бора аз ӯ забонхати дахлдор гирифта мешавад.

Муҳлати қарори судя аз рӯзе, ки он қабул мешавад, ҳисоб мегардад. Ин муҳлат аз шаш моҳ зиёд буда наметавонад. Агар дар худи қарор муҳлати дигаре нишон дода шуда бошад, ҳамон муҳлат ҳисоб

мешавад. Дар ин маврид муҳлат қатъ намегардад. Агар муҳлатро тамдид кардан лозим шавад, судя бояд дар асоси ҳуҷҷатҳои нав қарори дигар қабул кунад (иҷозати нав диҳад).

Дар сурати аз ҷониби судя рад намудани гузаронидани ЧОҶ, ки ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро маҳдуд мекунад, прокурори ваколатдор ва ё шахси мансабдори мақомоти амаликунандаи ФОҶ ҳуқуқ доранд доир ба ҳамин масъала ба суди болоӣ муроҷиат намояд [123, с. 173-176].

Радди суд ё прокурор оид ба гузаронидани ЧОҶ-и дахлдор гузаронидани онро дар ҳолати таъхирнопазир истисно намекунад. Мутобиқи қ.3 м.8 Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ": "Дар ҳолатҳои таъхирнопазир, ки мумкин аст боиси содир шудани ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин гарданд, ҳамчунин дар мавриди мавҷуд будани маълумот дар бораи ҳодисаҳо ё ҳаракати (беҳаракатие), ки ба амнияти ҷамъиятӣ, давлатӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ё экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид мекунанд, дар асоси қарори тасдиқнамудаи яке аз роҳбарони мақомоти амаликунандаи ФОҶ гузаронидани чунин ЧОҶ бо ҳатман дар оянда ба таври хаттӣ хабардор намудани прокурори ваколатдор ва судяи дахлдор дар давоми 24 соат иҷозат дода мешавад" [9].

Хабардор намудани прокурори ваколатдор ва судяи дахлдор тавассути аз ҷониби мақомоти амаликунандаи ФОҶ пешкаш намудани мактуби расмӣ ба номи онҳо, ки дар он ҳолатҳои таъхирнопазири дар қ. 3 м. 8 Қонуни ФОҶ пешбинишуда нишон дода мешаванд, амалӣ карда мешавад. Мактуби расмӣ ҳам ба суроғаи прокурори ваколатдор ва ҳам ба судяи дахлдор ирсол карда мешавад. Ҳангоми ба прокурори ваколатдор ирсол намудани мактуби расмӣ (хабар), ӯ ҷиҳати гузаронидани ЧОҶ-и дахлдор ба судя дархост пешниҳод наменамояд [112, с. 58-63].

Дар ин ҳолат низ муайян намудани прокурори ваколатдор ва судяи ба он ваколатдодашуда барои кормандони оперативӣ аҳаммияти калон

дорад, яъне, кадом прокурор ва судя бояд хабардор карда шаванд. Аз мазмуни қ. 1 м. 9 Қонуни ФОҶ бармеояд, ки кормандони оперативӣ, чун қоида, бояд ба прокурор ва судяи ҷойи гузаронидани чунин чорабинӣ ё ба прокурор ва судяи маҳалли ҷойгиршавии мақомоте, ки гузаронидани ин чорабиниҳоро дархост намудааст, муроҷиат намоянд. Ин чунин маъно дорад, ки роҳҳои дар Қонуни ФОҶ нишондодашуда пурра нестанд ва қонун дигар роҳҳоро низ иҷозат медиҳад. Масалан: барои хабардор намудани прокурори ваколатдор ва судяи дахлдор ҷиҳати гузаронидани ЧОҶ мумкин аст, инчунин муроҷиат намуд:

– ба прокурор ва судяҳои он маҳалҳое, ки ҷиноят дар он ҷо тайёр ё содир шудааст;

– ба прокурор ва судяҳои он маҳалҳое, ки дар он ҷо шахси таҳти коркарди оперативӣ қарордошта истиқомат ё кор мекунад ё муваққатан дар он ҷо будубош дорад;

– ба прокурор ва судяҳои он маҳалҳое, ки дар он ҷо шабакаи алоқаи почта ё алоқаи барқӣ воқеъ гардидаанд ва ба чунин шахс хизмат мерасонанд ва ғайра.

Тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», мақомоти дахлдор бояд дар муддати 48 соат пас аз оғози чорабинии оперативӣ иҷозати хаттии судяро гиранд. Агар чунин иҷозат дар ин муҳлат гирифта нашавад, чорабинӣ қатъ мегардад.

Гӯш кардан ва сабти гуфтугӯҳои телефонӣ танҳо дар ҳолатҳои зерин иҷозат дода мешавад: агар шахс гумонбар ё айбдоршуда дар содир кардани ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин бошад; агар шахс дар бораи чунин ҷиноят маълумоти муҳим дошта бошад.

Сабтҳои телефонӣ бояд дар шароити махсус, мӯҳршуда ва бехатар нигоҳ дошта шаванд, то ки шахсони дигар ба онҳо дастрасӣ пайдо накунанд.

Дар ҳолатҳои фавқулода, яъне агар ба ҳаёт, саломатӣ ё моликияти шахс таҳдид пайдо шавад, мақомоти оперативӣ бо розигии хаттии худи

шахс метавонанд гуфтугӯҳои телефониро сабт кунанд. Ин қарор бояд ҳатман аз тарафи роҳбари мақомоти дахлдор тасдиқ гардад. Дар бораи ин чорабинӣ дар муддати 24 соат прокурор ва судяи дахлдор хаттӣ огоҳ карда мешаванд [9]. Хабар бо мактуби расмӣ ирсол карда мешавад, ки мазмуни он дар боло қайд шудааст.

*Ҳолати дуюм.* Вобаста ба он, ки дар ҷараёни амалигардонии ФОҶ мумкин аст ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд вайрон карда шаванд, Қонуни ФОҶ низоми кафолати риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ҳангоми амалӣ намудани чунин фаъолият пешбинӣ намуда, онро дар м. 5 мустаҳкам кардааст.

Мувофиқи ин муқаррароти қонун, ФОҶ танҳо барои иҷрои вазифаҳо ва расидан ба ҳадафҳое иҷозат дода шудааст, ки дар қонуни дахлдор пешбинӣ шудаанд. Ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ, мақомоти дахлдор бояд ҳуқуққҳои инсон ва шаҳрвандро пурра риоя намоянд. Аз ҷумла, дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, сирри шахсию оилавӣ, дахлнопазирии манзил, инчунин махфияти мукотиба, гуфтугӯҳои телефонӣ ва дигар шаклҳои иртибот бояд кафолат дода шаванд.

Барои вайрон намудани талаботи қайдшуда КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро барои ғайриқонунӣ ҷамъ ё паҳн кардани маълумот оид ба ҳаёти шахсӣ, ки сирри шахсӣ ё оилавии шахси дигарро дар бар мегирад, бидуни иҷозати ӯ (м. 144); ошкор намудани маълумот оид ба беморӣ ё дигар натиҷаҳои таҳқиқи тиббии бемор аз ҷониби корманд бидуни зарурати хизматӣ (м. 145); вайрон кардани маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти телеграфӣ ё дигар мухобирот (м. 146); ғайриқонунӣ даромадан ба манзил бар хилофи хоҳиши шахси дар он истиқоматкунанда, яъне вайрон намудани дахлнопазирии манзил (м. 147); сӯиистифода аз ваколати мансабӣ (м.314); сохтакории далелҳо (м. 359) муқаррар кардааст.

Қонуни ФОҶ (м. 5) номгӯйи ду гурӯҳи мақомоте, ки шахси таҳти коркарди оперативӣ қарордошта метавонад ба он муроҷиат (шикоят) намояд, муқаррар намудааст (чунин тартиби шикоят намудан аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» аз 23 июли соли 2016, № 1339 бармеояд).

*Ба гурӯҳи якум* дохил мешавад мақомоти амаликунандаи ФОҶ-е, ки бевосита маълумотро дар бораи шаҳрванд ба даст овардааст, яъне мақомоте, ки нисбати шаҳрванд ЧОҶ-ро бевосита гузаронидааст. Дар ин ҳолат, шахс метавонад ба мақомоти дахлдор муроҷиат кунад, агар гуноҳи ӯ дар содир кардани ҷиноят тибқи қонун исбот нашуда бошад. Яъне, агар нисбати ӯ кушодани парвандаи ҷиноятӣ рад шуда бошад, ё парванда бо сабаби набудани ҳодисаи ҷиноят ё таркиби ҷиноят дар кирдори ӯ қатъ шуда бошад. Агар ӯ далел дошта бошад, ки нисбаташ фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гузаронида шудааст ва ин ҳолатро вайрон кардани ҳуқуқҳояш шуморад, метавонад аз мақомоти мазкур асосҳои гузаронидани чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯиро пурсон шавад. Ҳамчунин ӯ ҳуқуқ дорад маълумоти дар бораи худ ҷамъоваришударо талаб кунад. Дар ҳолати муроҷиат намудан ба мақомоти амаликунандаи ФОҶ-е, ки бевосита маълумотро дар бораи шаҳрванд ба даст овардааст, пешниҳод намудани маълумот ба ӯ бо талаботи пинҳонкорӣ ва фош нагардидани сирри давлатӣ маҳдуд гардонида шудааст. Ин чунин маъно дорад, ки ба шаҳрванд мумкин аст танҳо маълумот дар бораи гузаронидани ЧОҶ нисбати ӯ пешкаш карда шавад. Дар маълумот танҳо намуд ва асоси гузаронидани ЧОҶ, инчунин воҳиди оперативӣ, ки чунин ЧОҶ-ро нисбати ӯ гузаронидааст, дарҷ карда мешавад. Яъне, ба шаҳрванд маводи оперативӣ (ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматӣ) пешкаш карда намешаванд. Ба шаҳрванд маълумот дар он ҳаҷм ва бо он мазмуне пешниҳод карда мешавад, ки сарчашма ва тарзи гирифтани чунин маълумот номаълум боқӣ монад.

Маҳдудият нисбат ба пешниҳод намудани маълумот бо он асоснок карда мешавад, ки иттилоот дар бораи ташкил, тактика, методикаи

ФОҶ, дар бораи шахсони ба мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мусоидаткунанда ва ғайра сирри давлатиро ташкил медиҳанд ва ифшо намудани онҳо танҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонун мумкин мебошад. Аз ин сабаб, қонунгузор қайд намудааст, ки ба шаҳрванд маълумот ба он шарте пешниҳод намуда мешавад, ки ифшои сирри давлатиро истисно намояд.

*Ба гурӯҳи дуюм* дохил мешаванд: а) мақомоти болоии амаликунандаи ФОҶ; б) прокурор; в) суд (судя). Яъне, агар шахс чунин шуморад, ки ҳаракатҳои мақомоти амаликунандаи ФОҶ боиси вайрон намудани ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ гардидааст, ҳуқуқ дорад нисбати ин ҳаракатҳо ба мақомоти номбаршуда шикоят кунад.

Асосан ба ин се намуди мақомот шаҳрванд дар он ҳолате бо шикоят мурочиат менамояд, ки агар талаби ӯ дар бораи додани маълумоти дархосткардааш аз ҷониби мақомоте, ки нисбати шаҳрванд ЧОҶ-ро бевосита гузаронидааст, рад карда шавад ё агар шахси мазкур пиндорад, ки маълумот дар ҳаҷми пурра ба вай дода нашудааст.

Қонун барои исбот кардани шикоят аз шаҳрванд ягон талаботи махсус намекунад. Агар мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пешниҳоди маълумотро ба шаҳрванд рад кунанд ё маълумотро ба таври нопурра диҳанд, шаҳрванд метавонад шикоят кунад. Дар ин ҳолат, тибқи Қонуни мазкур, мақомоти дахлдори оперативӣ бояд худашон асоснок будани рад кардани пешниҳод ё нопурра додани маълумотро исбот кунанд.

Ҳангоми ба мақомоти болоии амаликунандаи ФОҶ шикоят намудани шаҳрванд арзи ӯ бо он тартибе, ки барои баррасии мурочиати шахс ба мақомоти амаликунандаи ФОҶ-е, ки бевосита маълумотро дар бораи шаҳрванд ба даст овардааст, пешбинӣ шудааст, баррасӣ карда мешавад [105, с. 135-141]. Яъне, дар ин ҳолат низ ба шаҳрванд танҳо маълумот дар бораи намуд ва асоси гузаронидани ЧОҶ, инчунин воҳиди оперативӣ, ки чунин ЧОҶ-ро нисбати ӯ гузаронидааст, пешниҳод карда, ба ӯ ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматӣ пешкаш карда намешаванд. Яъне, ба

шаҳрванд маълумот дар он ҳаҷм ва бо он мазмуне пешниҳод карда мешавад, ки аз он сарчашма ва тарзи гирифтани чунин маълумот маълум нагардад.

Агар шаҳрванд ба мақомоти прокуратура ё суд шикоят кунад, мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ вазифадоранд, ки бо талаби прокурори ваколатдор ё судяи ваколатдоршуда ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматиро пешниҳод намоянд. Ин ҳуҷҷатҳо бояд маълумотеро дар бар гиранд, ки қаблан ба аризадиҳанда дода нашудаанд, то шикоят ҳамаҷониба баррасӣ шавад. Дар айни замон, ҳуҷҷатҳои махсуси оперативӣ, ки маълумотро оид ба шахсони воридшуда ба муҳити ҷиноятӣ, кормандони махфии мақомоти оперативӣ, шахсони махфиёна кӯмаккунанда, инчунин усулҳо, воситаҳо ва тарзу равиши фаъолияти оперативиро дар бар мегиранд, бояд махфӣ нигоҳ дошта шаванд ва ба прокурору судя дастрас нагарданд.

Баррасии шикоят аз ҷониби прокурори ваколатдор ё судяи ба он ваколатдодашуда ва иҷро намудани қарори онҳо тибқи қонунгузорӣ амалӣ гардонида мешавад. Прокурори ваколатдор ва ё судяи ба он ваколатдодашуда салоҳият доранд асоснок ё беасос будани радди пешниҳод намудани маълумоти заруририро ба аризадиҳанда муайян намоянд. Агар прокурор ва ё судя ба хулоса оянд, ки рад кардани пешниҳоди маълумот ё дар ҳаҷми пурра пешниҳод нанамудани он асоснок мебошад, он гоҳ аз ҷониби онҳо қарори дахлдор дар бораи рад намудани қонеъ гардонидани шикоят бароварда мешавад.

Ва баръакс, дар ҳолати беасос эътироф намудани қарори мақомоти амаликунандаи ФОҶ оид ба радди пешниҳод намудани маълумоти зарурӣ ба аризадиҳанда, прокурор ё судя метавонад мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯиро вазифадор созад, ки ба аризадиҳанда маълумоти дахлдорро пешниҳод намояд. Ҳаҷми чунин маълумот бояд дар қарори прокурор ва ё суд нишон дода шавад [123, с. 173-176].

Прокурор ва ё судя қарори худро бояд асоснок намуда, дар он мавқеи расмии худро дар бораи қонунӣ будани оғози парвандаи баҳисобгирии оперативӣ, дар бораи нисбати шахс гузаронидани ЧОҶ муайян намояд ва ба ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматии пешниҳодшуда баҳои ҳуқуқӣ диҳад.

Прокурор ва судя, ки шикоятро баррасӣ менамоянд, ҳуқуқ надоранд аризадиҳандаро бо ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматӣ шинос намуда, мазмуни онҳоро ба ӯ пешкаш намоянд. Дар акси ҳол, чунин ҳаракатҳо таркиби ҷинояти бо м. 311 КҶ ҶТ пешбинишударо (ифшои сирри давлатӣ) ташкил менамояд.

Қарорҳое, ки аз тарафи прокурор ё судя қабул шудаанд, ба роҳбари мақомоти дахлдори фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки нисбат ба қарор ё амалаш шикоят ворид шудааст, фиристода мешаванд. Ин қарорҳо инчунин метавонанд ба мақомоти болоӣ ё шахсони мансабдори болоии мақомоти мазкур фиристода шаванд.

Агар шахс ё мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо қарори қабулкардаи прокурор ё судя розӣ набошанд, метавонанд ба прокурори болоӣ ё суди болоӣ шикоят кунанд.

Бо мақсади таъмин намудани риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар м. 5 Қонуни ФОҶ муҳлати нигаҳдории маводи оперативӣ муқаррар карда шудааст [78, с. 169-170]. Аз ҷумла, мутобиқи қ.6 м.5 Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ”: “маводи дар натиҷаи гузаронидани ЧОҶ бадастомада нисбати шахсоне, ки гуноҳи онҳо мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун дар содир кардани ҷиноят исбот нашудааст, дар муддати шаш моҳ баъд аз лаҳзаи қабули қарор дар бораи рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ ва ё қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ нигоҳ дошта, сипас нобуд карда мешаванд, агар манфиатҳои хизматӣ ё адолати судӣ тартиби дигарро талаб накунанд. Фонограмма ва маводи дигари дар натиҷаи гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ ва гуфтугузорҳои дигари бадастомадаи шахсоне,

ки нисбати онҳо парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда нашудааст, дар давоми шаш моҳ аз лаҳзаи қатъ гардидани гӯш кардан нобуд карда мешаванд ва дар ин хусус протоколи дахлдор тартиб дода мешавад. Суди (судяи) дахлдор се моҳ пеш аз нобуд кардани маводе, ки натиҷаҳои ЧОҶ-ро инъикос менамоянд ва ин чорабиниҳо дар асоси қарори он гузаронида шудаанд, хабардор карда мешавад” [9].

Барои дигар гурӯҳи шахсоне, ки объекти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошанд (яъне, таҳти коркарди оперативӣ қарор доранд), муҳлати нигоҳ доштани маводи оперативӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилии идораҳо муайян мегардад.

Агар мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (ё шахсони мансабдори онҳо) ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ё ташкилотҳоро вайрон кунанд, мақомоти болоии онҳо, прокурор ё суд вазифадоранд мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳо андешанд. Ин чораҳо бояд барои барқарор кардани ҳуқуқу манфиатҳои вайроншуда ва ҷуброни зарари расонидашуда равона гарданд.

Агар зарар дар доираи риояи талаботи қонун расонида шуда бошад (мисол: ҳангоми дастгир намудани ҷинояткор дару тирезаи соҳиби манзиле, ки дар он ҷо ҷинояткор қарор дорад, вайрон карда мешавад), он гоҳ чунин зарар аз ҷониби мақомоти амаликунандаи ФОҶ ҷуброн карда мешавад. Дар сурати ғайриқонунӣ расонидани зарар ба шаҳрванд, он аз ҷониби худи корманди оперативие, ки чунин зарарро расонидааст, ҷуброн карда мешавад [135, с. 36-40].

Бо мақсади пурзӯр намудани кафолати риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тибқи муқаррароти қ. 7 м. 5 Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ”: “ба мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (шахсони мансабдори он) амалҳои зерин манъ карда шудааст:

1) гузаронидани ЧОҶ ба манфиати ягон ҳизби сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла динӣ;

2) иштироки ғайриошкоро дар кори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҳамчунин, дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз он ҷумла динии бо тартиби муқарраргардида ба қайд гирифташуда ва манъношуда бо мақсади таъсир расонидан ба фаъолияти онҳо;

3) бе розигии шаҳрвандон ифшо намудани маълумоти мансуб ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ, шаъну шараф ва дигар манфиатҳои шаҳрвандон, ки дар ҷараёни гузаронидани ЧОҶ маълум гардидаанд, ба истиснои мавридҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст;

4) ба таври бевосита ё бавосита таҳрик кардан, моил сохтан ва ё водор намудан ба содир кардани ҳаракатҳои зиддиҳуқуқӣ (иғво);

5) сохтакории натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” [9].

Ғайр аз ин мутобиқи қ.9 м.5 Қонуни мазкур “аз ҷониби кормандони мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ вайрон кардани талаботи қонун ҳангоми амалӣ намудани ФОҶ боиси ҷавобгарии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад” [9].

Тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои ФОҶ, ки барои фаъолияти мурофиаи ҷиноятӣ аҳаммияти бевосита ва муайян дорад, мутобиқи м. 11 Қонуни ФОҶ ба танзим дароварда шудааст. Тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои ФОҶ ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва суд бо дастурамалҳои махсуси идоравӣ, ки ҳар як мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ онро қабул кардааст, ба танзим дароварда мешавад.

Мутобиқи ин санади хуқуқӣ аз ҷониби воҳидҳои оперативӣ натиҷаҳои ФОҶ дар асоси қарори тасдиқнамудаи роҳбари мақомоте, ки ФОҶ-ро амалӣ менамояд, ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, судя ё суд барои омӯзиш ва қабули қарори мурофиавӣ тибқи м.м. 84 ва 86 КМҶ пешниҳод карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки мувофиқи тартиби муқарарнамудаи қонунгузорӣ ва мутобиқи тартиби дар Дастурамал нишондодашуда, ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматӣ ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, судя ё суд супорида мешаванд ва онҳо баъд аз муайян

намудани мансубият ва аҳаммиятнокиашон барои пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ, метавонанд ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда шаванд.

Дар ҷараёни омода кардани мавод зарур аст, ки махфияти маълумоти марбут ба воситаҳо, усулҳо, манбаъҳо, нақшаҳо ва натиҷаҳои ФОҶ, ки ба таври пинҳонӣ амалӣ шудаанд ё мешаванд, ҳатман риоя карда шавад. Ҳамчунин маълумот дар бораи шахсоне, ки ба муҳити ҷиноятӣ ворид шудаанд, кормандони махфӣ, шахсони махфиёна кӯмаккунанда, инчунин тартиб ва усулҳои амалӣ намудани ин фаъолият сирри давлатӣ ба шумор мераванд, бояд бо эҳтиёти махсус ва дар доираи талаботи қонунгузории дахлдор ҳифз карда шавад. Аз ин рӯ, чунин маълумот бояд бо риояи қоидаҳои қатъии махфият пешниҳод карда шавад.

Пеш аз он, ки чунин мавод пешниҳод карда шавад, маълумоти мазкур дар асоси қарори асоснокшудаи корманди мақомоте, ки ФОҶ-ро амалӣ менамояд, бояд ғайримахфӣ гардонида шаванд. Қарор дар бораи ғайримахфигардонии чунин маълумот аз ҷониби роҳбаре, ки ба он салоҳияти дахлдор дорад, тасдиқ карда мешавад.

Номгӯйи шахсони мансабдори мақомоти амаликунандаи ФОҶ, ки ҳуқуқи баровардани қарор дар бораи пешниҳод намудани натиҷаҳои ФОҶ-ро ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, судя ва ё судро доранд, ба номгӯйи шахсони мансабдоре, ки ҳуқуқи дар қарорҳо гузоштани имзо ва тасдиқ намудани супоришҳо ҷиҳати гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-техникиро доранд, мувофиқат мекунад. Номгӯйи шахсони номбаргардида мумкин аст бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ васеъ карда шавад.

Пешниҳод намудани натиҷаҳо инҳоро дар бар мегирад:

– баровардани қарор дар бораи ғайримахфигардонии ҳуҷҷатҳои алоҳидаи оперативӣ-хизматие, ки дорои сирри давлатӣ мебошанд;

– аз ҷониби роҳбари мақомоте, ки ФОҶ-ро амалӣ менамояд, тасдиқ намудани қарор дар бораи пешниҳод намудани натиҷаҳои ФОҶ ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, судя ва ё суд;

– барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои содиротии ирсолшаванда ва супоридани мавод ба ҷойи дахлдор (тибқи почта ирсол намудан, аз даст ба даст супоридан ва ғайра).

Дар ҳар як ҳолати алоҳида, пеш аз пешниҳод кардани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бояд бо иҷрокунандагони он чорабиниҳо мувофиқа карда шавад. Ин натиҷаҳо метавонанд маълумотро дар бораи тартиби ташкил ва тарзи гузаронидани чорабиниҳои оперативию техникӣ дар бар гиранд. Ҳамчунин, агар натиҷаҳо маълумоти вобаста ба таҷҳизоти техникии истифодашаванда, кормандони махфӣ ё кормандони воҳидҳои оперативӣ дошта бошанд, розигии иҷрокунандагони чорабинӣ ҳатман лозим аст [127].

Қарор дар бораи пешниҳод намудани натиҷаҳои ФОҶ ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, судя ва ё суд, чун қоида бояд аз *се қисм* иборат бошад: *қисми муқаддимавӣ, баёнӣ* ва *хулосавӣ*.

Зикр намудани чунин маълумот дар муқаддимаи чунин ҳуҷҷат зарур мебошад: номи ҳуҷҷат, ҷой ва вақти баровардани он, ном, насаб, номи падар, вазифа ва рутбаи (ҳарбӣ ё махсуси) роҳбари мақомоти амаликунандаи ФОҶ ва, ҳамчунин, асосҳои баровардани чунин қарор.

Дар қисмати тасвирии қарор маълумоти зерин нишон дода мешаванд: дар натиҷаи гузаронидани кадом намуди ЧОҶ кадом мавод гирифта шудааст, бо кадом мақсадҳо онҳо пешниҳод мегарданд (мисол: барои истифода бурдани онҳо ба сифати сабаб ва асоси оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, барои тайёр ва амалӣ намудани амалҳои тафтишӣ ва судӣ, барои дар исбот истифода намудани онҳо аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ ва ғайра), кай ва аз ҷониби кӣ гузаронидани ЧОҶ мушаххас иҷозат дода шудааст, мавҷуд будани қарори судӣ барои гузаронидани он ЧОҶ, ки ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро маҳдуд мекунанд [100]. Қисми тасвирии қарор бояд бо нишон додани қисми дахлдори м. 11 ва қ. 4 м. 12 Қонуни ФОҶ ба итмом расад.

Дар қисмати хулосавии қарор бошад, қарори роҳбари мақомот дар бораи фиристонидани ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматӣ, ки натиҷаҳои ФОҶ-

ро инъикос менамоянд, дарҷ карда мешавад. Дар ҳамин ҷо ҳуҷҷатҳои мушаххасе, ки бояд фиристонида шаванд, пурра номбар мегарданд.

Дар ҳолати ба миён омадани зарурат, дар баробари қабул намудани қарор нақшаи чорабиниҳо оид ба ҳифзи маълумот дар бораи мақомоти амаликунандаи ФОҶ ва амнияти иштирокчиёни бевоситаи ЧОҶ омода карда мешавад.

Қарори дахлдор оид ба пешниҳоди натиҷаҳои ФОҶ бояд дар ду нусха тартиб дода шавад. Нусхаи якуми он барои таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё суд фиристода мешавад, нусхаи дуюм бошад ба маводи парвандаи баҳисобгирии оперативӣ (ПБО), дар сурати набудани он ба маводи парвандаи феҳристии махсус замима мегардад.

Дар ҳолати пешниҳоди натиҷаҳои ФОҶ, ки тавассути харидории санҷишии оперативӣ, таҳвили назоратшавандаи ашё ё воситаҳое, ки гардиши онҳо маҳдуд ё манъ шудааст, инчунин дар натиҷаи гузаронидани эксперименти оперативӣ ба даст омадаанд, бояд ҳатман қарори тасдиқкардаи роҳбари мақомоти дахлдори ФОҶ (сардор ё муовини ӯ) ба мавод илова карда шавад.

Агар дар натиҷаи гузаронидани харидории санҷишии оперативӣ ҳаракатҳои зиддиҳуқуқӣ ба пуррагӣ ҳуҷҷатгузорӣ нашуда бошанд (яъне, ҳангоми гузаронидани ЧОҶ давомдор), натиҷаҳои аввалаи он ба маводи харидории санҷишии оперативии такроран гузаронидашуда ҳамроҳ карда, ба муфаттиш, прокурор ва ё суд мувофиқи тартиби муайяншудаи Дастурамал пешниҳод карда мешавад [147, с. 14].

Ҳангоми ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, судя ва ё суд пешниҳод намудани натиҷаҳои ФОҶ, ки дар рафти чорабинии оперативӣ-техникии давомдор ба даст меоянд, бояд чораҳои мушаххас оид ба таъмин намудани хусусияти пинҳон доштани чорабиниҳои гузаронидашуда (конспиратсия), ҳатто то худи қатъ намудани давом додани онҳо андешида шаванд.

Вақте ки натиҷаҳои ФОҶ ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё суд пешниҳод карда мешаванд, бояд ҳатман қарори дахлдор оид ба гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ замима гардад, ки боиси маҳдудшавии ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон мегардад, аз ҷумла: махфияти мукотиба, гуфтугӯҳои телефонӣ, ирсоли номаҳо, паёмҳои телеграфӣ ва дигар шаклҳои алоқа, инчунин дахлнопазирии манзил.

Ин қарор бояд аз тарафи роҳбари мақомоте, ки чунин чорабиниро амалӣ намудааст (сардор ё муовини ӯ), тасдиқ шуда бошад; дархост ё мактуби прокурор дар бораи гузаронидани чорабинии мазкур; қарори суд, ки барои гузаронидани ЧОҶ иҷозат додааст.

Натиҷаҳои ФОҶ, ки ба қарор замима мегарданд, мумкин аст дар намуди ахбороти расмии ҷамъбастӣ (маълумотнома-меморандум) ва ё дар намуди нусхаи аслии ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматии дахлдор пешниҳод карда шаванд. Дараҷаи махфиятнокии маводи пешниҳодшаванда, намуди замимаҳо ва тарзҳои супоридани онҳо мутобиқи қоидаҳои пешбурди ҳуҷҷатгузории махфӣ дар ҳар як ҳолати мушаххас ба таври алоҳида муайян карда мешаванд, аз он ҷумла, вобаста аз моҳияти дархости (супориши) гирифташуда ва вобаста аз ҷой доштани маълумот, ки бояд таҳти махфигардонӣ қарор гирад [136, с. 25-28].

Маводе, ки пешниҳод мешавад, бояд маълумоти дақиқ дошта бошад. Ин маълумот бояд вақт, ҷой ва шароити гирифтани ашё ва ҳуҷҷатҳоро дар рафти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ нишон диҳад. Ҳамчунин бояд дар он шарҳ дода шавад, ки сабтҳои аудиоӣ, видеоӣ, аксҳо ва наворҳои филмӣ ё нусхаҳои қолабҳо чӣ гуна ба даст омадаанд. Ғайр аз ин, нишонаҳои махсуси ашёву ҳуҷҷатҳо бояд ба таври равшан тасвир гарданд.

Иҷозат дода мешавад, ки мавод дар шакли нусха пешниҳод карда шавад, аз он ҷумла, бо роҳи кӯчонидани қисмҳои муҳимми он (гуфтугӯҳо, лаҳзаҳои наворӣ) ба барандаи ягонаи ахборот, ки ин ҳатман дар ҳуҷҷатҳои (протоколҳои) пайвастномавӣ қайд карда мешавад. Навъи чунин баранда аз ҷониби ташаббускори ЧОҶ муайян карда мешавад. Дар ин маврид

маводи аслӣ дар воҳиди оперативӣ то ба охир расидани баррасии судӣ ва то қувваи қонунӣ пайдо кардани ҳукм нигоҳ дошта мешаванд.

Барасмиятдарории натиҷаҳои ФОҶ, ки дар вақти гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-техникӣ ба даст оварда шудаанд, мутобиқи талаботи дастурамалҳои идоравии мақомоти салоҳиятдоре, ки ФОҶ-ро амалӣ менамояд, ба роҳ монда мешаванд.

Ҳангоми тайёр намудан ва барасмият даровардани натиҷаҳои ФОҶ, ки ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, суд ва ё судя пешниҳод карда мешаванд, ҳатман ҳангоми ирсол намудани онҳо чораҳои зарурӣ оид ба муҳофизат ва бутунии маводи пешниҳодшаванда андешида шаванд (муҳофизати он аз дигаргуншавӣ, бемагнитшавӣ, берангшавӣ, тозакунӣ ва ғайраҳо).

Шахсони мутасаддии мақомоти прокуратура, суд уҳдадоранд, ки барои ҳифзи маълумоти дар ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматии пешниҳодкардашуда шароит фароҳам оваранд (м. 9 Қонуни ФОҶ).

Дар ҳолатҳои таъхирнопазир, ки метавонанд ба содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин оварда расонад ва, инчунин, ҳангоми мавҷуд будани маълумот оид ба хатар ба амнияти миллии ҷумҳурӣ, натиҷаҳои ФОҶ ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, судя ва ё суд фавран пешниҳод карда мешаванд [129, с. 267]. Дар ин маврид воҳиди оперативӣ уҳдадор аст, ки оид ба пешгирӣ ва бартараф намудани ҷиноят ва инчунин, барои нигоҳ доштани изҳои ҷиноят чораҳои зарурӣ андешад.

Пешниҳод намудани натиҷаҳои ФОҶ, ки дар натиҷаи иҷро намудани супориши мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва ё таъиноти суд (қарори судя) дар бораи гузаронидани ЧОҶ аз рӯйи парвандаҳои дар пешбурдашон буда ба даст оварда шудаанд, бояд ба тартиби муқарраршамудаи КМҶ ҶТ ҷавобгӯ бошанд.

Агар тибқи супориши мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, судя ва ё таъиноти суд гузаронидани ЧОҶ ғайриимкон бошад, он гоҳ ба суроғаи онҳо дар муддати се рӯз аз лаҳзаи гирифтани супориш мактуби

асоснокгардида бо имзои роҳбари мақомоте, ки ба зиммаи ӯ иҷрои супориши мазкур вогузор карда шудааст, фиристонида мешавад.

Мақомоте, ки натиҷаҳои ФОҶ-ро пешниҳод менамояд ва истифодабарии онҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ бо имконоти пайдоиши таҳдиди воқеӣ барои амнияти иштирокчиёни ФОҶ алоқаманд мебошад, уҳдадор аст чораҳои мушаххасро оид ба ҳифзи онҳо андешад. Дар ҳолатҳои зарурӣ чораҳои мазкур бо мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор, судя ва ё суд, ки ба онҳо натиҷаҳои нишондодашуда пешниҳод мегарданд, мувофиқа карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳангоми тайёр кардан ва гузаронидани амалҳои тафтишӣ бо риояи ҳатмии принсипи махфият истифода шаванд.

Натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар чунин ҳолатҳо пешниҳод намегарданд:

– агар таъмин кардани амнияти иштирокчиёни фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ имконнопазир бошад;

– агар истифодаи ин натиҷаҳо дар рафти мурофиаи ҷиноятӣ метавонад маълумоти махфиро дар бораи воситаҳо, манбаъҳо, усулҳо, нақшаҳо ва иштирокчиёни чорабиниҳои пинҳонӣ ошкор кунад;

– агар имконияти фош шудани маълумот дар бораи шахсони ба муҳити ҷиноятӣ воридшуда, кормандони пинҳонии сохторҳои оперативӣ ва шахсони махфиёна ҳамкоришаванда вуҷуд дошта бошад;

– агар эҳтимоли ифшои маълумоте мавҷуд бошад, ки ба ташкил ва тактикаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ алоқаманд буда, сирри давлатӣ маҳсуб мегардад.

Дар ҳолатҳои истисноӣ, агар маълумоти зикршуда тибқи қонунгузории дахлдор расман ғайримахфӣ карда шуда бошад, пешниҳоди он иҷозат дода мешавад.

Қарор дар бораи пешниҳод накардани натиҷаҳои ФОҶ аз рӯйи асосҳои нишондодашуда бо қарори роҳбари мақомоти амаликунандаи ФОҶ ба

расмият даровардa, он ба маводи парвандаи баҳисобгирии оперативӣ ё ба парвандаи феҳристи дахлдор ҳамроҳ карда мешавад. Дар бораи қарори қабулшуда ташаббускори дархост хабардор карда мешавад.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқоти гузаронидагиамон ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Ҷамъоварии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ – маҷмуи чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад, ки дар рафти гузарониданашон мақомоти ваколатдори оперативӣ-ҷустуҷӯӣ иттилооти барои пешгирӣ, ошкор ва тафтиши ҷиноят, инчунин муайян ва дастгир намудани иштирокчиёни он ва шахсони аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пинҳонгашта аҳаммиятдоштаро, бо риояи талаботи қонунгузории оперативӣ-ҷустуҷӯӣ барои пешниҳод кардан ба мақомоти тафтишоти пешакӣ, прокурор ва судя (суд) дастрас намуда, барасмият даровардааст.

2. Хусусияти асосии марҳилаи то оғози парвандаи ҷиноятӣ дар он аст, ки дар ин давра мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ натиҷаҳои худро мустақилона ё бо супориши мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ ҷамъ меоранд. Ин кор пеш аз оғоз шудани парвандаи ҷиноятӣ сурат мегирад. Чунин натиҷаҳо тавассути чорабиниҳои махсус ба даст оварда мешаванд ва ба ҷиноятҳое дахл доранд, ки ё тайёр шуда истодаанд, ё содир шуда истодаанд ва ё аллакай анҷом ёфтаанд. Натиҷаҳои ба даст омада баъд аз пешниҳод шудан ба мақомоти тафтишоти пешакӣ метавонанд асоси оғози парвандаи ҷиноятӣ гарданд.

## 2.2. Истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳангоми тафтиши парвандаи ҷиноятӣ

Баррасии натиҷаҳои ФОҶ-ро пас аз оғози парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби муфатиш, прокурор ва суд (судя) низ аз ду нуқтаи назар омӯхтан қобили қабул аст:

а) баррасии натиҷаҳои ФОҶ-и пешниҳодгардида аз ҷониби муфаттиш, прокурор ва ё суд ҷиҳати санҷидан ва баҳо додани онҳо ба сифати асос барои оғози парвандаи ҷиноятӣ, ҳамчунин, ҷиҳати истифода бурдани онҳо барои тайёр ва амалӣ гардонидани амалҳои тафтишӣ ва судӣ, истифода бурдани онҳо ба сифати далел барои исбот дар парвандаи ҷиноятӣ;

б) баррасии маводи ҷамъоваришудаи ФОҶ аз ҷониби муфаттиш, прокурор ва ё суд, ки дар натиҷаи ғайриқонунӣ гузаронидани ЧОҶ ба даст оварда шудаанд ва онҳо барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ асос шудаанд.

Дар ин сурат низ омӯзиши ҳар ду ҳолати номбаршуда дар алоҳидагӣ чӣ барои кормандони оперативӣ ва чӣ барои кормандони мақомоти тафтишот, прокуратура ва суд аҳаммияти калон дорад. Дар ин ҷо низ ҳолати якум яке аз давраи ҳатмии мурофиаи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба ҳисоб меравад ва ҳангоми оғоз ва тафтиш намудани парвандаи ҷиноятӣ дар ҳама маврид ҷой дорад. Ҳолати дуюм – давраи ҳатмии мурофиаи оперативӣ-ҷустуҷӯиро ташкил намедиҳад ва он танҳо дар он мавриде ба миён меояд, ки агар дар ҳаракатҳои кормандони мақомоти амаликунандаи ФОҶ таркиби ҷиноят вуҷуд дошта бошад.

*Ҳолати якум*. Тибқи қ. 2 м. 11 Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ": "натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мумкин аст ба сифати асос барои оғози парвандаи ҷиноятӣ хизмат намоянд, ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ё суде (судяе), ки парвандаи ҷиноятӣ дар пешбурди ӯ қарор дорад, пешниҳод гарданд, ҳамчунин барои исботи марбут ба парвандаҳои ҷиноятӣ тибқи

қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

Пешниҳоди натиҷаҳои ФОҶ ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ё суд (судя) дар асоси қарори роҳбари мақомоти амаликунандаи ФОҶ тибқи тартиби бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ пешбинигардида амалӣ карда мешавад” [9].

Ҳангоми оғози парвандаи ҷиноятӣ натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки бо гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ ҷамъ шудаанд, ба тафтишот пешниҳод мегарданд. Масалан, сабти гуфтугӯҳои телефонӣ, наворҳои аудиоӣ, иттилооте, ки тавассути воситаҳои техникӣ гирифта шудааст, хабарҳои телеграфӣ ва дигар маводи оперативӣ ба муфаттиш фиристода мешаванд. Ин мавод ба сифати далелҳои шайъӣ ба парвандаи ҷиноятӣ замима карда мешавад. Дар ин ҳолат чунин натиҷаҳои ФОҶ аз ҷониби муфаттиш бояд таҳти санҷиш ва баҳодиҳӣ қарор гирифта, мумкин аст ҳамчун далел ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда шаванд [122, с. 43-46].

Қисми 5 м.11 Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” муқаррар месозад, ки “ҳангоми дар парвандаи ҷиноятӣ ба сифати далел истифода намудани натиҷаҳои ФОҶ шахсони мансабдори мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ метавонанд дар хусуси аслӣ будани онҳо, пайдоиш ва ҳолатҳои ба даст овардани ин маълумот пурсиш карда шаванд. Дар ин маврид шахсоне, ки ба муҳити ҷиноятӣ ворид карда шудаанд, кормандони штатии ғайриошкорои мақомоти амаликунандаи ФОҶ ва шахсоне, ки ба таври ғайриошкоро ба онҳо мусоидат менамоянд, метавонанд фақат бо розигии хаттии онҳо, ба истисноӣ ҳолатҳои аз ҷониби онҳо содир кардани ҷиноят пурсиш карда шаванд. Тартиби минбаъдаи истифодаи онҳо дар тафтишот ва мурофиаи судӣ тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад” [9].

Ҳангоми баррасии парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби муфаттиш, прокурор ва суд низоми махфият нисбати маълумоте, ки сирри

давлатиро ташкил медиҳад, бояд пурра риоя гардад. Яъне, ҳангоми пешниҳод намудани натиҷаҳои ФОҶ низоми махфияти ташкил, тактика, усулу воситаҳои ФОҶ, маълумот нисбати шахсони ба мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мусоидаткунанда ва ғайра пурра риоя карда мешавад.

Мутобиқи қ. 8 м. 172 КМҶ ҶТ: "ҳангоми мавҷуд будани асос барои эҳтимоли он, ки таъмини амнияти ҷабрдида, намояндаи ӯ, шоҳид ва аъзои оилаи онҳо зарур аст, муфаттиш ҳуқуқ дорад дар протоколи амали тафтишӣ, ки дар он ҷабрдида, намоянда ва шоҳид иштирок доранд, маълумотро дар бораи шахсияти онҳо зикр накунад. Дар ин сурат муфаттиш вазифадор аст қароре барорад, ки дар он сабаби дар хусуси махфӣ нигоҳ доштани маълумот оид ба шахсияти иштирокчии амали тафтишӣ қабул кардани қарорро зикр намуда, намунаи имзоро, ки вай дар протоколи амали тафтишӣ бо иштироки ӯ аз он истифода мебарад, сабт кунад. Қарор дар лифофаи муҳршуда нигоҳ дошта мешавад, ки бо мазмуни он ба ғайр аз муфаттиш, прокурори назораткунанда, ҳайати суд ё судя шинос шуда метавонанд" [7].

Тибқи қ. 2 м. 19 ва сархати 4 қ. 2 м. 263 КМҶ ҶТ "судя мавҷуд набудани асосҳои барои баррасии парванда дар маҷлиси суд монеашавандаро муайян намуда, дар бораи таъини маҷлиси суд қарор мебарорад. Дар қарори таъини маҷлиси суд дар қатори дигар масъалаҳои баррасишаванда, инчунин, дар хусуси дар маҷлиси пӯшидаи суд баррасӣ кардани парвандаро дар ҳолатҳои пешбининамудаи м. 273 КМҶ ҶТ пешбинӣ менамояд" [7]. Тибқи муқаррароти ин модда, суд бояд ҳолатҳое, ки он ба фош нашудани сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонун ҳифзшуда оварда мерасонад, пешгирӣ намояд.

Мутобиқи талаботи қ.2 м. 273 КМҶ ҶТ: "Муҳокимаи пӯшидаи судӣ, инчунин, бо таъиноти асосноки суд (қарори судя) оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ бо мақсади пешгирии фош шудани маълумоте, ки онро манфиати таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиа ва шоҳидон ё

хешовандони наздики онҳо талаб мекунад, мумкин аст гузаронида шавад” [7].

Ин талабот инчунин дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29 декабри соли 2010, № 644 пешбинӣ шудааст.

Мувофиқи талаботи қ.3 м.263 КМҶ ҶТ: “Парванда дар маҷлиси пӯшидаи суд бо риояи ҳамаи қоидаҳои пешбурди судӣ баррасӣ карда мешавад. Таъиноти суд (қарори судя)-ро дар хусуси дар маҷлиси пӯшида баррасӣ намудани парванда оид ба тамоми муҳокима ё қисмҳои алоҳидаи он баровардан мумкин аст” [7].

Бо мақсади таъмини махфияти мукотиба ва хабарҳои телеграфӣ, санҷиши онҳо дар маҷлиси кушоди судӣ танҳо бо розигии хаттии шахсоне, ки чунин мукотиба ё хабарҳоро ирсол ва қабул кардаанд, мумкин аст. Агар чунин иҷозат вуҷуд надошта бошад, пас мукотиба ва иттилооти телеграфӣ танҳо дар маҷлиси пӯшидаи суд баррасӣ мегарданд. Ҳамин тартиб нисбат ба санҷиши сабтҳои аудиоӣ ва видеоие, ки хусусияти шахсӣ доранд, низ истифода мешавад (қ. 4 м. 273 КМҶ ҶТ).

Дар ҳолатҳои баррасии парванда дар маҷлисҳои пӯшида тибқи таъиноти (қарори) асосноки суд, судя танҳо қисми муқаддима ва хулосаи ҳукм эълон карда мешавад (қ. 7 м. 273 КМҶ ҶТ).

Суде (судяе), ки барои гузаронидани ЧОҶ, ки ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандро маҳдуд месозад, иҷозат додааст, тибқи м. 61 КМҶ ҶТ парвандаҳои ҷиноятиро, ки ба он ин мавод ҳамроҳ карда шудааст, баррасӣ карда наметавонад [85].

*Ҳолати дуюм.* Натиҷаҳои ФОҶ, ки бидуни иҷозати суд ва муқарраароти қонун ба даст омадаанд, ҳамчун далел эътироф нашуда, ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда намешаванд.

Чунин муқаррарот низ аз мазмуни қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2014 «Оид ба татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ

намудани адолати судӣ», ки барои ҷорӣ намудани таҷрибаи якхела ва татбиқи дурусти меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ бахшида шудааст, бармеояд.

Ғайриқонунӣ гузаронидани ЧОҶ (мисол: гузаронидани ЧОҶ бе иҷозати судяи ба он ваколатдодашуда ё ба манфиати ягон ҳизби сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё ин ки, бевосита ё бавосита таҳрик кардан ва ё моил сохтани шахс ба содир кардани ҳаракатҳои зиддиҳуқуқӣ ё сохтакорӣ намудани натиҷаҳои ФОҶ ва ғайра) мумкин аст ҳамчун асос барои оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати корманди оперативӣ хизмат кунад. Дар сурати оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ нисбати корманди оперативӣ бо сабаби аз ҷониби ӯ ғайриқонунӣ гузаронидани ЧОҶ, натиҷаҳои ҷамъоваришудаи ФОҶ ба сифати далел ва исботи гуноҳи чунин корманд истифода бурда мешаванд. Яъне, агар маводи оперативии ҷамъоваришуда (мисол: сабти гуфтугӯҳои телефонӣ, иттилооти каналҳои техникӣ, хабарҳои телеграфӣ ва ғайра) бо роҳи ғайриқонунӣ гузаронидани ЧОҶ ба даст оварда шуда бошанд, он гоҳ муфаттиш, прокурор ва суд онҳоро ҳамчун далел баҳодиҳӣ намуда, ба парвандаи ҷиноятие, ки нисбати корманди оперативӣ оғоз карда мешавад, ҳамроҳ менамояд.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки вобаста аз хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракатҳои ғайриқонунии кормандони оперативӣ, амалҳои онҳо мумкин аст боиси ҳам ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҳам ҷавобгарии интизомӣ гардад [93]. Дар ин сурат таҳлили ҳаматарафаи шароит ва вазъияти оперативии бамиёномада, сабабҳои аз ҷониби корманди оперативӣ содир кардани ҳаракатҳои ғайриқонунӣ, дараҷаи зарари расонидашуда ба манфиатҳои шаҳрвандон, ҷамъият ва давлат ва дигар ҳолатҳо аҳамияти калон дошта, онҳо ҳангоми баҳодиҳии ҳуқуқӣ бояд ба назар гирифта шаванд.

Дар сурати ғайриқонунӣ гузаронидани ЧОҶ бо ниятҳои ғаразнок ё дигар мақсадҳои нопоку паст, сохтакорӣ намудани натиҷаҳои ФОҶ, дағалона вайрон намудани тартибу шартҳои гузаронидани ЧОҶ, ки

қонун муқаррар намудааст ва дигар ҳолатҳое, ки боиси ба миён омадани оқибатҳои вазнин гардидаанд, онҳо бечунучаро ба сифати асоси ҷавобгарии ҷиноятии корманди мақомоти амаликунандаи ФОҶ баромад мекунанд.

Ҳамзамон, аз ҷониби корманди оперативӣ ғайриқонунӣ гузаронидани ЧОҶ дар натиҷаи саҳв, вайрон намудани муҳлатҳое, ки барои гузаронидани ЧОҶ муқаррар карда шудаанд, расман риоя нанамудани тартиб ва шартҳои гузаронидани он ва ғайра боиси ҷавобгарии интизомӣ мегардад. Масалан: аз лаҳзаи гузаронидани ЧОҶ дар ҳолатҳои таъхирнопазир, ки ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро маҳдуд менамояд, корманди оперативӣ прокурори ваколатдор ва судяи ба он ваколатдодашударо на дар давоми 24 соат, балки, мисол, дар давоми 30, 32, 34 соат ба таври хаттӣ хабардор менамояд [99].

Албатта, чунин амал боиси вайрон намудани талаботи муқаррарнамудаи қонун мебошад. Вале чунин ҳолат ба сифати асос барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ нисбати корманди оперативӣ хизмат карда наметавонад.

Агарчӣ, ЧОҶ ғайриқонунӣ гузаронида шуда бошанд ҳам, вале онҳо бо истифодаи тактика ва усулу воситаҳои ФОҶ, ки сирри давлатиро ташкил медиҳанд, амалӣ гардонида шуда бошанд, ҳамчунин, агар дар натиҷаҳои ФОҶ-и бадастовардашуда маълумот дар бораи шахсони ба муҳити ҷиноятӣ воридшуда, маълумот дар бораи шахсони ба мақомоти амаликунандаи ФОҶ мусоидаткунанда ва кормандони штатии ғайриошкоро мавҷуд бошанд, дар ҳолати оғоз ва тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ин маълумот хусусияти сирри давлатӣ доштанашонро гум намекунанд. Чунки ҳаракати корманди оперативӣ ғайриқонунӣ бошад ҳам, манфиатҳои ФОҶ ва шахсони номбурда ба ин кирдори ғайриқонунии корманд вобастагӣ надорад ва набояд поймол шаванд.

Ҳолатҳое ба миён омаданашон мумкин аст, ки баъзе ҳаракатҳои ба ЧОҶ монандро шахсони алоҳида низ амалӣ гардонанд. Масалан: шахси

воқеӣ бо нияти ғараз ё дигар мақсадҳои нопоку паст маълумотеро, ки сирри шахсӣ ё оилавии шахси дигарро дар бар мегирад, бидуни иҷозати ӯ ҷамъ ва паҳн менамояд; бо мақсади ба даст овардани маълумоти дахлдор шахс ба манзили шаҳрванд бар хилофи хоҳиши ӯ медарояд ё гуфтугӯи телефонии ӯро бо истифода аз воситаҳои махсуси техникӣ гӯш мекунад, бо муросилоти почта ва хабарҳои дигари шахс шинос мешавад ва ғайра.

Бинобар ин, Қонуни ФОҶ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ваколатдор нестанд, гузаронидани ЧОҶ ва истифодаи воситаҳои махсус ва воситаҳои дигари техникии барои гирифтани иттилооти ғайриошкоро таъиншударо (коркардшударо, мутобиқшударо, барномарезишударо) манъ намудааст (қ. 8 м. 6).

Чунин амалҳо ғайриқонунӣ ҳисобида шуда, дар ҳаракатҳои шахс аломатҳои таркиби ҷиноятҳои бо м.м. 144 (ғайриқонунӣ ҷамъ ва паҳн кардани маълумот оид ба ҳаёти шахсӣ), 146 (вайрон кардани маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти телеграфӣ ё дигар мухобирот), 147 (вайрон намудани дахлнопазирии манзил) пешбининамудаи КҶ ҶТ дида мешаванд.

Қонуни ФОҶ муайян кардааст, ки коркард, истеҳсол, ба соҳибияти каси дигар додан, соҳиб шудан ба воситаҳои махсуси техникии барои гирифтани иттилооти ғайриошкоро таъиншуда аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ танҳо дар асоси иҷозатнома метавонад сурат гирад ва он бояд тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шавад (қ. 9 м. 6). Аз ин сабаб, ғайриқонунӣ истеҳсол кардан, ба соҳибияти каси дигар додан ё соҳиб шудан бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои махсуси техникӣ, ки барои ниҳонӣ ба даст овардани маълумот пешбинӣ шудаанд, боиси бо қ. 3 м. 146 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс мегардад.

Масъалаи дигаре, ки барои тадқиқотамон аҳаммияти калон дорад ин ҷой доштани камбудиҳо дар таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ ҳангоми

тафтиши парвандаи ҷиноятӣ мебошад. Дар рафти таҳқиқоти илмӣ, алалхусус дар натиҷаи пурсишу сӯҳбатҳо, аксари шахсони мансабдори иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ (муфаттишон (86%), таҳқиқбарандагон (23%), прокуророн (71%), судяҳо (58%)) ва ҳимоятгарон (92%), қайд мекунанд, ки ба таври пурра тафтиш кардани сифати натиҷаҳои ФОҶ имконнопазир аст, зеро Қонуни ФОҶ дар ин кор мамоният ба миён меорад, кормандони МАФОҶ бошад, аз фурсате, ки манфиатҳои хизматиашон зери ҳимояи Қонуни мазкур қарор доранд, истифода бурда, ҳатто бо баҳонаи риояи сирри махфият маълумоте, ки бояд аз рӯйи қонун ба дигар мақомот пешкаш карда шаванд, рӯйпуш менамоянд. Ба саволе, ки "Сабаби чунин мавқеи кормандони оперативӣ дар чӣ мебошад?", дар ботинӣ пурсидашудагон (респондентҳо) ҷавобҳои зерин ташаккул ёфтаанд:

1) "Сабаб дар он мебошад, ки шояд дар рафти ФОҶ (ЧОҶ) кормандони амаликунанди он ба қонуншиканӣ роҳ дода бошанд, ки фош кардани он метавонад барои онҳо дар оянда мушкилотҳои мурофиавӣ биёрад ё ин ки асоси ҷалб карданашон ба ҷавобгарӣ гардад" – 37 %;

2) "Сабаб дар надонистани талаботи қонунгузории мурофиавӣ ва ФОҶ аз тарафи баъзе кормандони воҳидҳои амаликунандаи ФОҶ мебошад, ки дар натиҷа онҳо вазифаи худро дуруст дарк намекунанд ва аҳаммияти ҳамкориашон бо дигар мақомот намефаҳманд" – 17 %;

3) "Сабаб дар эҳсос кардани афзалияти манфиати идоравӣ нисбат бар манфиати дигар мақомоте, ки дар тафтиши парвандаи ҷиноятӣ вогузор мебошанд, зеро ифшо намудани сирри идора барои фаъолияти он зарар хоҳад расонд" – 25 %;

4) "Сабаб дар он мебошад, ки корманди оперативӣ танҳо аз рӯйи хусумат ё дигар зуҳуроти шахсӣ-ботинӣ мавҷудбуда, дағалона (принсипиалӣ) намехоҳад бо дигар мақомот алоқа ва ҳамкорӣ намояд, зеро шояд тибқи тасаввуроти ӯ кормандони ғайриоперативӣ дар ҷодаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ба сафи дуюм мансубият доранд" – 21 %.

Инчунин, ҳангоми пурсиши намояндагони мақомоти тафтишоти пешакӣ (ба ғайр аз воҳидҳои оперативӣ), прокуратура, суд ва адвокатура муайян гардид, ки асоси мавқеи онҳо, ки боиси ҷавобҳои зикргардидаашон шудааст, на ин ки фаҳмиши умумии ҳолати кор, балки таҷрибаи шахсии онҳо ҳангоми ҳамкорӣ ва муносибати ғайрихизматӣ бо кормандони МАФОҶ мебошад.

Илова бар ин, барои тасдиқи самаранокии натиҷаи таҳқиқотамон дар асоси ҷавобҳои респондентҳои пешниҳодгардидаамон, бо вуҷуди эҳтимолияти нодақиқу нопурра буданашон, ки пешакӣ аз тарафи илм ҳамчун меъёр ба инобат гирифта мешавад, бояд қайд намоем, низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохтори ҳар як идораи он, инчунин харитаи ҷойгиршавии маъмуриашон, хусусан, мақомоти ҳудудӣ (минтақавӣ) нишон медиҳад, ки онҳо бо якдигар наздик ҷойгир буда, аз ҳоли якдигар бо хабар мебошанд. Масалан, шуъбаҳои ВКД дар аксари шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар наздикии дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷойгир мебошанд ва хусусияти инфрасохтори гирду аторфашон барои дучор гаштани кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бо коргарони дигар мақомоту идораҳои наздик ҷойгиршуда мусоидат мекунад. Худи сохтори Вазорати номбурда ва ҷузъу томи минтақавиаш дар дохилаш воҳидҳои амаликунандаи ФОҶ, тафтишоти пешакӣ, ташхис ва дигар хизматҳо дорад, ки дар баъзе раёсату шуъбаҳо дар як бинои маъмурӣ ва дар як басти шабонарӯзӣ (масалан, гурӯҳи тафтишотӣ-оперативӣ) фаъолият менмоянд. Яъне, ваҷҳи мазкур исбот мекунад, ки мавқеи изҳоркардашудаи шахсони мансабдори пурсидашудаамон ҳақиқатро инъикос менамояд ва барои ба инобат гирифтан дар такмили низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварамон қобили қабул аст.

Албатта, баҳри таъмини объективии таҳқиқотамон кормандони МАФОҶ низ вобаста ба масъалаҳои ҳамкорӣ бо кормандони дигар мақомоти иштироккунандагони мурофиаи ҷиноятӣ пурсида шудаанд. Дар ин ҳангом, онҳо таъкид мекунанд, ки дар доираи қонунгузории ФОҶ ва мурофиаи ҷиноятӣ бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ то ҳадди муқаррааргардидаи

санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ бо онҳо фаъолона ҳамкорӣ менамоянд ва дар сурати зарурату дархости мақомоти мазкур бо тартиби пешбининамудаи қонун маводи лозимиро ба онҳо пешниҳод менамоянд.

Вобаста ба ҷавобҳои намояндагони дигар мақомотҳо дар боло зикргардидаи додашуда, ки ба саҳми кормандони оперативӣ пешкаш гардидаанд, аксари онҳо розӣ шудаанд, ки дар ҳақиқат сабабҳои дар онҳо овардашуда оид ба ҳамкорӣ накардани ҳамкасбонашон бо дигар мақомот дар таҷриба ҷой доранд, зеро чунин кормандон низ дар қаторашон хизмат мекунанд ва онҳо ҷавонон буда, аз рӯйи надоштани таҷрибаи корӣ метавонанд ба чунин хатогиҳо роҳ додан. Аммо, назоратбарии идоравие, ки мунтазам аз ҷониби роҳбарияти МАФОҶ гузаронида мешавад, инчунин дарсҳои касбӣ, маҷлису дигар чорабиниҳои дохилиидоравӣ барои пурзӯр кардани ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ байни воҳидҳои оперативӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва иҷрои дигар вазифаҳои аҳаммиятдошта, инчунин таҳкими қонуният дар фаъолияташон, мусоидат мекунанд.

Албатта, дар ҳолати мазкур, тасаввур кардани тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ бидуни истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ душвор аст. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиби табдил додани натиҷаҳои ФОҶ ба воситаи (далели) исбот бо парвандаи ҷиноятӣ, яъне воридоти онҳо ба раванди исбот муқаррароти муфассал нест. Вазъияти ҳуқуқии мазкур кормандони ҳуқуқистифодабарандаро водор мекунад, ки дар фаъолияти хизматиашон роҳҳои баромад аз ин муаммо ҷустуҷӯ кунанд, ки ба назари мо, танзимбарории нопурраи институти истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун камбудии қонунгузорӣ, боиси пайдоиши фаҳмишу тафсирҳои мухталиф шуда, бевосита ба хатогиҳои МАФОҶ ва дигар субъектҳои пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ мерасонанд. Қобили зикр аст, ки мушкилоти ҳуқуқии мазкур на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар Федератсияи Россия ва дигар давлатҳо низ то охир ҳал нашудааст.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқоти гузаронидагиамон ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Хусусияти хоси марҳилаи тафтишоти пешакӣ барои истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар он мебошад, ки он бо парвандаи ҷиноятии оғозгардида ҷараён мегирад ва дар давараи мазкур қисми зиёде амалҳои тафтишотӣ бо мақсади исбот гузаронида мешаванд ва ҳамзамон бо ҳамин гуна ҳаракатҳо ва чорабиниҳои санҷишӣ барои мурофиаи судии минбаъда таҳкурсии исботро ташкил дода мешавад. Асосан, дар ин ҷараён муфаттиш ва таҳқиқбаранда, бояд тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҳама чораҳои пешбининамудаи онро баҳри ошкору тафтиши ҷиноят, муқаррар намудани ҳақиқат ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони гунаҳгор андешида, бо парвандаи ҷиноятӣ қарори қонунӣ қабул намоянд.

2. Истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳангоми тафтиши парвандаи ҷиноятӣ аз тарафи муфаттиш ва таҳқиқбаранда бо санҷиши (тафтиши) ва баҳогузории асоснокӣ ва қонунӣ будани ин маводи пешкашгардидаи МАФОҶ оғоз мегардад. Дар сурати мувофиқат кардани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба талаботи қонунгузории оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ онҳо барои исбот бо парвандаи ҷиноятӣ истифода бурда мешаванд ва бо роҳи гузаронидани амалҳои тафтишотӣ ба далелҳои исботкунанда табдил мегарданд, ки метавонанд минбаъд дар баробари дигар далелҳои дастрасшудаи мақомоти тафтишоти пешакӣ бо маводи парвандаи ҷиноятӣ ба мурофиаи судӣ пешкаш гарданд.

Вобаста ба ин хусусияти баррасии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар марҳилаи тосудӣ дар он мебошад, ки дар аксари ҳолатҳо онҳо аввалин маротиба ба саҳми муфаттиш ва таҳқиқбаранда пешниҳод мегарданд ва дар марҳилаи мазкур масъалаи “тақдири” минбаъдаи онҳо ҷиҳати коршояму кофӣ ва дурнамои судӣ доштанашон

аз ҷониби шахсони мансабдори зикргардида ва дар ҳолатҳои пешбинигардидаи қонун – прокурору судя, ҳал карда мешаванд.

## § 2.3. Истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар рафти мурофиаи судӣ

Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ яке аз намудҳои фаъолияти давлатӣ буда [78, с. 170], тавассути гузаронидани чораҳои оперативӣ-ҷустучӯии амалӣ мегардад. Дар м. 6-и Қонуни ФОҶ 17 намуд ЧОҶ пешбинӣ шудааст. Бинобар ин, ки қонунгузор номгӯйи онҳоро дар меъёри мазкур муқаррар кардааст, гузаронидани дигар намуди ҷорабиниҳо қатъиян манъ аст [155, с. 6-7], [79, с. 199]. ЧОҶ аз ҷиҳати самаранокӣ ва имкониятҳои васеъ иқтидори калон доранд [114 с. 162-165], [92, с. 320]. Истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ ҳамчун далел дар ҷараёни исбот тақозои объективии мурофиавӣ мебошад [87, с. 204]. Чуноне, ки Василченко Е.В. дуруст қайд мекунад, амалҳои ғайриқонунии махфӣ ва пӯшонидашуда, бодиққат андешидашудаи ҷинояткорон, истифодабарии усулҳои махсуси гирифтани иттилооти лозимӣ дар бораи шахсон ва ҷамъоварии далелҳо барои ошкор намудани ҳолатҳои ҷиноятро талаб мекунанд. Аз нуқтаи назари муаллиф, маҳз бо ҳамин сабаб хусусияти фарқкунандаи ФОҶ дар разведкавӣ-ҷустуҷӯӣ тавсиф меёбад, ки дар ҳамбастагии усулу воситаҳои ошкоро ва ғайриошкоро амалӣ мегардад [89, с. 148].

Аз ин лиҳоз, истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ барои мурофиаи судии ҷиноятӣ аҳаммияти калон дошта [79, с. 199-200], дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон ва таъминоти амнияти ҷамъияту давлат нақши муҳим дорад. Мурофиаи судии ҷиноятӣ аз марҳилаҳои тосудӣ ва муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ иборат аст, ки бо ҳам робитаи мустақим доранд. Ҳар ду марҳилаи мазкур барои ноил шудан ба як ҳадафи муштарак равона шудаанд, ки он сари вақт ошкор кардан ва пешгирии ҷиноятҳо, инчунин ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони гунаҳгор мебошад. [86, с. 35]. Натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ

дар марҳилаҳои зикршуда аҳамияти зиёд доранд. Тибқи маълумоти оморӣ ва натиҷаҳои тадқиқотҳои гузаронидашуда [161], [167], дар бисёр ҳолатҳо, махсусан дар ҷиноятҳои вазнин, ҷиноятҳои марбут ба гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ ва ҷиноятҳое, ки солҳои пеш содир шуда, ошкор нагаштаанд, маълумоти бо роҳи оперативӣ гирифташуда ба мақомоти тафтишот ва суд кӯмаки назаррас мерасонад.

Дар низоми мурофиаи ҷиноятӣ марҳилаи асосӣ мурофиаи судӣ ба ҳисоб меравад. Зеро маҳз дар ин марҳила масъалаҳои пешбининамудаи м.2 КМҶ ҶТ ҳал мегарданд. Марҳилаи пеш аз мурофиаи судӣ (яъне тафтиши пешакӣ ва дигар амалҳои пешакии мақомоти тафтишот) бошад, ҳамчун марҳилаи омодагӣ ҳисоб шуда, ҳадафи он ҷамъоварии далелҳо ва маводи зарурӣ мебошад, ки минбаъд барои баррасии дуруст ва пурраи парванда дар суд истифода мешаванд.

Аз ин лиҳоз, давраи мазкурро "тафтишоти пешакӣ" меноманд.

Дар ин ҷо қайд кардани мавқеи марҳилаҳои зикргардида дар низоми мурофиаи ҷиноятӣ муҳим аст, зеро истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар рафти ҳар яки ин давраҳо хусусияти хос дорад [84, с. 31-32]. Аммо новобаста аз фарқияти давраҳои истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ муҳтаво ва сифати он бе тағйир мемонад. Фақат хусусиятҳои муҳит, шароиту низоми мурофиавии тафтишоти пешакӣ ва пешбурди судӣ ба тарзу тартиби истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ таъсирот мерасонанд, ки ин ҳолат аз ҷониби қонунгузор пешбинишуда, бо меъёрҳои КМҶ ҶТ, Қонуни ФОҶ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ба танзим дароварда шудааст.

Дар рафти ФОҶ-е, ки пеш аз оғози парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти таҳқиқи салоҳиятдор [7] баргузор мегардад, асосан маълумоти лозимӣ ҷамъоварӣ ва ҳуҷҷатгузорӣ шуда, баъдан бо тартиби пешбининамудаи қонун барои қарори қонунӣ қабул кардан ба мақомоти дахлдор ирсол карда мешаванд. Мақомоти тафтишоти пешакӣ, маводи мазкурро ба пешбурдашон қабул карда, дар сурати мавҷуд будани яке аз

асосҳои пешбининамудаи м. 140 КМҶ ҶТ парвандаи ҷиноятиро оғоз мекунад ё онҳоро ба парвандаи ҷиноятии мавриди тафтишот (таҳқиқ) қарордошта ҳамроҳ менамояд. Ҳамин тариқ, маводи аз ҷониби воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ тибқи Қонуни ФОҶ тартибдодашуда ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ мешаванд ва дар ҳолатҳои зарурати мурофиавӣ бо парвандаи мазкур ба судя (суд) ирсол карда мешаванд.

Ҳолати дигари ба судя пешниҳод кардани маводҳои ҷамъовардашудаи воҳиди оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар он сурат ҷараён мегирад, агар маводҳои мазкур дар парвандаи ҷиноятӣ набошанд ва зарурати истифодабарии онҳо ҳамҷун натиҷаҳои ФОҶ ба миён омада бошад. Дар ҳолати мазкур натиҷаҳои ФОҶ дар рафти тафтиши парвандаи ҷиноятӣ истифода бурда нашудаанд.

Дар хусуси мавқеи ФОҶ бояд аниқ кард, ки он аз як тараф, ҳамчун ҷузъи ҷудонашудаи мурофиаи ҷиноятӣ, ва аз дигар тараф, ҳамчун қисми алоҳидаи соҳаи мазкур мавқеи мустақил дорад. Инро он ҳолат исбот мекунад, ки бе иҷрои амалҳои мурофиавии пешбининамудаи қонун аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд марбут ба фош кардани маълумоти оперативӣ, истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ барои онҳо дастнорас аст. Танҳо баъди қабул кардани қарорҳои дахлдор ва дархост, мувофиқи тартиби пешбининамудаи КМҶ ҶТ аз тарафи мақомоти дахлдори таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, прокурор ва суд МАФОҶ метавонад маводи ҷамъовардашудаашро ба онҳо пешниҳод кунад.

Вобаста ба ин Шветс А.В. ва Салтиков К.Г.қайд мекунанд, ки: “Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ берун аз мурофиаи ҷиноятӣ ва муносибатҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ амалӣ мегардад, вале ба самти гирифтани маълумоте, ки барои қабул кардани қарорҳои хислати мурофиавӣ дошта, равона мешавад, ки аҳаммияти мурофиавӣ ва истифодабарии расмии он дар мурофиаи ҷиноятӣ боис мегардад” [139, с. 53-56].

Ҳолати мазкурро Кузнетсов Н.И. чунин шарҳ медиҳад: Фаъолияти-оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ ягонагии мурофиавӣ ва ғайримурофиавиро ифода мекунанд. Ин ягонагӣ на танҳо дар гузаронидани амалҳои тафтишотӣ ё чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ , яъне, на танҳо масъалаҳои мурофиавиро дар бар мегирад, балки дар баробари дастрас намудани маълумот истифодабарии онро, қабул кардани қарорҳои ҳам мурофиавӣ ва ҳам хислати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ доштаро дар назар дорад [113, с. 106-112].

Ҳамин тариқ, дар ҳолати пешниҳодкардашудаамон, ду тарафи соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ, яъне ФОҶ ва мурофиаи ҷиноятӣ бидуни он дар самти иҷрои вазифаҳои пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ (м. 2 КМҶ ҶТ) ҳамоҳангсозӣ менамоянд.

Волосюк П.В. дар ин хусус рушноӣ андохта, кайд мекунад, ки ҷараёни исбот марҳилаҳои ҷамъоварӣ, санҷиш ва истифодабарии минбаъдаи далелҳоро ҳангоми тафтиши ҷиноят дар бар мегирад. Марҳилаи чамъоварии далелҳо ба фикри муаллиф, пеш аз ҳама, ба гузаронидани амалҳои тафтишотӣ мансубият дорад. Инчунин, ӯ аниқ менамояд, ки дар ҷараёни ЧОҶ на ин ки далелҳо, балки натиҷаҳои ФОҶ, яъне, маълумот оид ба аломатҳои ҷиноятe, ки дар марҳилаи тайёрӣ ва содиршавӣ қарор дорад ё содир шудааст, инчунин, дар бораи шахсоне, ки тайёрӣ ба ҷиноят дида истодаанд, ҷиноятро содир менамоянд ё онро содир кардаанд ва аз мақомоти тафтишоти пешакӣ ё суд пинҳон шудаанд, ташаккул меёбанд [91, с. 39].

Инчунин, қобили зикр аст, ки ФОҶ мувозӣ амал мекунад ва дар сурати зарурат, масалан, норасогии далелҳо ва маълумоти дақиқ вобаста ба ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ дар рафти тафтишоти пешакӣ ва (ё) ҳангоми баррасии он дар мурофиаи судӣ, мақомоти дахлдор натиҷаи онро бо тартиби аз ҷониби қонунгузор муайнкардашуда истифода мебаранд [84, с. 31].

Агар аз дигар тараф, ба сӯйи ФОҶ назар кунем, маълум мешавад, ки чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, аз ҷониби мақомоти ваколатдор амалӣ мегарданд, аз як ҷиҳат, новобаста аз талаботу дархости мақомоти тафтишоти пешакӣ, прокурор ва суд, зеро, МАФОҶ, ҳамчун мақомоти таҳқиқ ба ҳисоби иштирокчиёни мурофии судии ҷиноятие, ки таъқиби ҷиноятиро анҷом медиҳанд (прокурор, муфаттиш ва ғ.), дохил мегардад. Аз ҷиҳати дигар бошад, мақомоти оперативӣ супоришҳои мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва судро марбут ба тафтиши ҷиноят, иҷро менамояд. Дар ин сурат, ЧОҶ вобаста ба ҳолати гуногуни мурофиавӣ метавонанд баъди гирифтани супориши мазкур иҷро шавад ё ин ки алакай қаблан баргузор гардида, ба маводи оперативӣ ҳамроҳ гардида нигоҳ дошта бошад.

Баъзе ҳолатҳои мурофиавие, ки вобаста ба онҳо зарурати истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар марҳилаи мурофиаи судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ ба миён меояд, хусусияти хос доранд. Агар, дар пешбурди тосудӣ, тафтишоти пешакии парвандаи ҷиноятӣ дар сатҳи ибтидоӣ қарор дошта, чорабиниҳо ва амалҳои тафтишотӣ оид ба ҷамъ овардани далелҳои кофӣ, созмон додани махзани нишондоди шоҳидӣ, ошкор кардани ҷиноят, дастгир ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси гунаҳгор ва дигар амалҳои мурофиавиро дар бар гирад, давраи мурофиаи судӣ бошад, дар бисёр лахзаҳо, ҳангоми баррасии маводи парвандаи ҷиноятии ҷамъовардашудаи мақомоти тафтишоти пешакӣ, барои санҷиши далелҳои пешкашшуда, бартараф намудани камбудиҳо, баҳри таъминоти ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи мурофиа, ба истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ эҳтиёҷманд мешавад [47, с. 13]. Албатта, дар сурати ҷиддан риоя накардани талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ судя ҳуқуқ дорад, ин амалро нагузаронида, парвандаи ҷиноятиро дар асоси м. 264 КМҶ ҶТ ба тафтишоти иловагӣ баргардонад.

Инчунин, вобаста ба масъалаи мазкур қайд кардан лозим аст, ки дар сурати пурра будани пояи исбот вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар рафти мурофиаи судӣ ҳатмӣ нест. Дар ҳолати мазкур судя агар лозим шуморад, масалан, барои санҷиш ё мустаҳкам намудани парвандаи ҷиноятӣ бо далелҳои иловагӣ, ҳуқуқ дорад, ки натиҷаҳои ФОҶ-ро истифода барад. Яъне, қонунгузор, дар ин хусус, пурра ба фикри ботинии судя такя карда, ҳалли масъалаи мазкурро ба ихтиёри ӯ гузоштааст.

Судя, суд дар баробари дигар иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятие, ки аз тарафи давлат дар асоси м.м. 36-41 КМҶ ҶТ баромад мекунанд, аз рӯйи маънои муқаррароти м.м. 33 ва 35 ҳамин Кодекс субъекти истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ мебошад. Тартиби мурофиавии истифодабарии натиҷаҳои мазкур аз ҷониби қонунгузор дар дигар меъёрҳои КМҶ ҶТ мустаҳкам карда шудаанд, ки барои омӯзиш таваҷҷуҳи алоҳидаи моро талаб мекунанд.

Ҳамин тариқ, ҳолатҳои дар боло овардашуда, дар умум оид ба ҷиҳати истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар рафти мурофиаи ҷиноятӣ маълумот медиҳанд, аммо барои фаҳмиши пурра ва муайян кардани тартибу хусусиятҳои истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар рафти мурофиаи судӣ баррасӣ намудани мавқеи ҳокимияти судӣ (судя) ҳамчун яке аз субъектҳои мурофиаи ҷиноятӣ, дар соҳаи мазкур мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикситон, ки асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ-ро ташкил медиҳанд, ва омӯзиши таҷрибаи судӣ дар ин самт, зарур мебошад.

Ваколати суд дар як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки асосҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти судиро ташкил медиҳанд, сарчашма мегиранд. Дар ин радиф, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [4] манбаи асосии мавқеи ҳуқуқии судяро муқаррар намудааст, ки дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос ёфтааст.

Тибқи моддаи 9-и Конститутсия, ҳокимияти давлатӣ дар асоси тақсимоти он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад.

Боби ҳаштуми Конститутсия, аз м.м. 84-92 иборат буда, пурра ба ҳокимияти судӣ бахшида шудааст. Дар м. 84 қайд карда мешавад, ки "Ҳокимияти судӣ мустақил буда, аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад. Ҳокимияти судӣ ҳуқуқ, озодиҳои инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро ҳифз менамояд". Дар ин меъёр вазъ ва салоҳияти асосии ҳокимияти судӣ муқаррар карда шудааст. Инчунин, моддаи мазкур барои шиносоӣ бо тарзи ташкил ва фаъолияти суд ба қонуни конститутсионӣ ишора мекунад. Бар замми ин, м. 85-и Конститутсия муқаррар менамояд, ки судя ва фаъолияти суд мустақил буда, танҳо ба Конститутсия ва қонун итоат мекунад. Дахолат ба фаъолияти судяҳо манъ аст. Дахлнопазирии судя бошад дар м. 91 пешбинӣ карда шудааст.

Ҳамин тариқ, Конститутсия ба судя, ки намояндаи яке аз шохаҳои ҳокимияти давлатӣ – ҳокимияти судӣ мебошад, дар ҳифзу барқарор кардани қонуният ва адолат дар миқёси ҷумҳурӣ мавқеи баландмақоми ҳуқуқӣ ҷудо кардааст. Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти ҳокимияти судӣ ва судяҳо як қатор қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ ташкил медиҳанд, ки вобаста ба сохтору самт ва масъалаҳои алоҳидаи соҳаи мазкур нақши танзимкунанда доранд.

Яке аз санадҳои асосии танзимкунандаи фаъолияти мақомоти судӣ, ки барои ФОҶ ва тартиби истифодаи натиҷаҳои он дар ҷараёни мурофиаи судӣ аҳамияти махсус дорад, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад, ки 26 июли соли 2014 таҳти №1084 қабул шудааст [6]. Ин санади ҳуқуқӣ асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии фаъолияти судҳо, қоидаҳои таъин намудан ва озод кардани судяҳо, инчунин муносибатҳои дигари

ташкилию ҳуқуқии мақомоти судӣ ва фаъолияти судяҳоро ба танзим медарорад.

Вазифаҳои суд тибқи м. 4-и Қонуни мазкур, асосан дар самтҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолат, ки Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи он эълон намудаанд, таҳкими ҳамаҷонибаи қонуният ва таъминоти адолати иҷтимоӣ, амалӣ мегарданд.

Муқаррароти як қатор меъёрҳои Қонуни мазкур мавқеи мақомоти судие, ки бо мурофиаи ҷиноятӣ машғул буда, дар рафти мурофиаи судӣ натиҷаҳои ФОҶ-ро истифода мебаранд, муайян мекунанд. Дар ҷараёни омӯзиши асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби истифодаи натиҷаҳои ФОҶ дар мурофиаи судӣ, риояи талаботи Қонуни мазкур ҳатмист. Ин зарурият ба он вобаста аст, ки тамоми қоидаҳо ва тартиби истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ бояд ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи суд ва адлия пурра мутобиқ бошанд.

Бо дарназардошти ин, як қатор масъалаҳое, ки дар Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд, барои тартиби истифодаи натиҷаҳои ФОҶ дар мурофиаи судӣ аҳамияти махсус доранд. Ин масъалаҳо хусусиятҳои хоси истифодаи натиҷаҳои ФОҶ-ро муайян намуда, ба ташаккули низоми мазкур таъсири худро мерасонанд, масалан: принсипҳои фаъолияти судӣ (м. 5); мустақилияти судяҳо (м. 8); ҳатмӣ будани иҷрои санадҳои судӣ (м. 11); Суди Олӣ ва салохияти он (м. 21-22); Пленуми Суди Олӣ ва салоҳияти он (м. 24-25); салоҳияти коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олиӣ (м. 35); судҳои ҳарбӣ (м. 58); суди ҳарбии гарнизон ва салоҳияти он (м. 61-62); салоҳияти Суди ВМКБ, судҳои вилоят ва шаҳри Душанбе (м. 71); салоҳияти судҳои шаҳр ва ноҳия (м. 82) ва ғ.

Омӯзиши меъёрҳои Қонуни мазкур нишон медиҳад, ки онҳо умуман кори судяҳо ва судҳоро ба танзим дароварда, муқаррароти овардашуда ба ҳама тарафҳои фаъолияташон дахл доранд. Яке аз самтҳои фаъолияти судҳо ин пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ мебошад, ки он дар баробари дигар вазифа ва салоҳиятҳои мақомоти мазкур дар Қонуни баррасигардида дарҷ шудааст. Бинобар он, ки вазифаи аввалиндараҷаи Қонуни мазкур дар муқаррар намудани мавқеи ҳуқуқии суд дар низоми мақомоти давлатӣ мебошад. Дар он қонунгузор мувофиқи қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, тартиби мурофиавии пешбурди судии ҷиноятӣ, гражданӣ ва маъмуриро ба таври муфассал дарҷ накардааст, зеро ин самтҳои фаъолияти суд ҳамаҷониба мутобиқи қонуну қоидаҳои соҳаҳои мазкур дар қонунгузории мурофиавие, ки махсус барои ба амал баровардани механизми иҷро қабул мешаванд, муқаррар гардидаанд.

Маҳз, бинобар ин, дар Қонун салоҳияти судя (суд) оид ба пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ муқаррар карда шуда бошад ҳам, оид ба ҳуқуқи истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ ҳеҷ муқаррарот оварда нашудааст, зеро ин вазифа ба таркиби мурофиаи ҷиноятӣ дохил мегардад. Аз ин лиҳоз, барои қонунгузор ҳоҷате нест, ки вазифаи истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ-ро ба тариқи алоҳида ва махсус дар Қонуни баррасигардида ҷой кунад.

Судя, дар навбати худ, мувофиқи мансубияти парвандаи дар пешбурдаш қарордошта ба соҳаи муайян, қонунгузориии ба он муносиббударо ҳамчун дастур ва асоси ҳуқуқӣ истифода мебаранд. Масалан, парвандаи ҷиноятие, ки ба пешбурди судя дохил гардидааст, аз ҷониби ӯ дар асоси қонунгузории ҷиноятӣ, аз ҷумла, КМҶ ҶТ ва КҶ ҶТ, баррасӣ карда мешавад. Тартиби истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар раафти мурофиаи судӣ, ки ба яке аз салоҳиятҳо судя (суд) ба шумор меравад, ба тариқи муфассал пешбинӣ карда шудааст.

Ҳамин тариқ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки агар Қонуни баррасигардиаамон мавқеи ҳуқуқӣ ва ҳама тарафҳои фаъолияти судиро дар умум муқаррар менамояд, қонунгузории мурофиавӣ бошад мувофиқи соҳаҳои гуногун ба кодексҳои ҷудо шуда, механизми амалӣ намудани кори судро ба танзим медароранд.

Мурофиаи ҷиноятӣ – яке аз соҳаҳои фаъолияти мақомоти суд буда, дар КМҶ ҶТ ифода ёфтааст, ки вазифаҳои пешбурди мурофиаи судии ҷиноятиро (м. 2 КМҶ ҶТ) тавассути ҳаракатҳо, чора ва чорабиниҳои ба танзим даровардааш барои амалӣ намудан дар таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи дахлдор шароити ҳуқуқӣ фароҳам месозад.

Дар аввал, барои шиносоӣ бо мантиқу сохтори КМҶ ҶТ, инчунин, истилоҳоти соҳавӣ ва фаҳмиши пурраи мавқеи ҳуқуқии суд дар низоми мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он пешбинишуда, омӯзиши мафҳумҳои асосие, ки дар меъёрҳояш истифода бурда мешаванд, зарур аст. Дар м. 6 КМҶ ҶТ зиёда аз бист мафҳуму вожаҳои мурофиавӣ оварда шудааанд. Ба он нигоҳ накарда, ки аксари аз мафҳумҳои дар моддаи мазкур овардашуда, дар дигар меъёрҳои КМҶ ҶТ ва қонунҳои дахлдор дучор мегарданд ва аз матни онҳо нақши ин вожаҳои мурофиавӣ ошкор мегардад, кашф намудани баъзе мафҳумҳои пешбининамудаи м. 6, ки нақши судро дар низоми мазкур муайян менамоянд, ба мақсади таҳқиқотамон мувофиқат мекунад, зеро қонунгузор лозим шуморидааст, ба таври алоҳида ва махсус онҳоро дар меъёри фаҳмондадиҳанда зикргардидаа (м. 6) ҷорӣ намояд.

Вобаста ба имлоҳои баррасигардидаамон, қайд кардан ба маврид аст, ки суд, судя ва раисикунандаи суд ҳангоми баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар давраҳои тафтишоти пешакӣ ва мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва назоратиро дарбар мегирад, ҳуқуқи талаб кардану омӯзиши натиҷаҳои ФОҶ дошта, маводи оперативии

дахлдорро дар доираи салоҳиятҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ истифода баранд.

Таҳлили матни м. 6 КМҶ ҶТ нишон медиҳад, ки дар он таъбири истилоҳоти "ҳайати суд", "машваратчиёни халқӣ", "фаъолияти оперативи ҷустуҷуӣ" ва "чораҳои оперативии ҷустуҷӯӣ" вуҷуд надоранд, ки аз ҷиҳати ғояи ҷорӣ намудани меъёри мазкур ба КМҶ ҶТ, инчунин, мантиқу хушоҳангӣ ва пуррагии он, аз норасогии қонун шаҳодат медиҳад.

Дар фасли II иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ муайян карда мешаванд. Боби 4, ки ба он дохил мегардад пурра ба суд бахшида шудааст [7].

Ҳамин тариқ, тибқи муқаррароти дар боло овардашуда, судяҳо ва шахсоне, ки ҳамчун машваратчиёни халқӣ ба мурофиаи судии ҷиноятӣ бо тартиби пешбининамудаи қонун роҳ дода шудаанд, иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ буда, ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар доираи салоҳияти худ вазифаҳои пешбурди мурофиаи ҷиноятиро иҷро менамоянд. Дар баробари ин, мантиқан ва феълан судя (ҳайати суд) субъекти истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ мебошад, ки ба ӯ имконият медиҳад дар сурати зарурати ба миёномада маводу иттилооти бо роҳҳои оперативӣ аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ба даст овардашударо баррасӣ намуда, ба онҳо баҳои ҳуқуқӣ диҳад ва дар амалӣ намудани салоҳияти худ истифода барад.

Мувофиқи м. 35 салоҳияти суд аз як қатор ҳуқуқҳо иборат аст, аз он ҷумла иҷозат додан барои: нисбати шахс татбиқ намудани чораҳои пешгирии ба ҳабс гирифтан (м. 111) ва ҳабси хонагӣ (м. 110), инчунин дароз намудани муҳлати он (м. 112); азназаргузаронии манзил, агар шахсони маскуни он розӣ набошанд (м. 182-183), гузаронидани кофтукови манзил (м. 190, 192) ва ба ҳабс гирифтани молу мулк (м. 116); барои кофтуков, ёфта гирифтани ашё, ҳуҷҷатҳои дорои маълумоти пасандоз ва суратҳисоби маблағи бонкӣ; ҳабси маблағҳои шахсони

воқей ва ҳуқуқие, ки дар суратҳисобҳо ва пасандозҳо ё дар нигаҳдории бонк ва ташкилотҳои кредитӣ қарор доранд (м. 116); ҳабси муросилоти почтаю телеграф, азназааргузаронӣ ва ёфта гирифтан онҳо дар муассисаи алоқа (м. 195); гӯш ва сабт кардани гуфтугӯҳои телефонӣ ва ғайра (м. 196).

Ба ғайр аз ин, мутобиқи м. 35 ба салоҳияти суд ҳуқуқҳои зерин дохил мегарданд: гунаҳгор донистани шахс дар содир кардани ҷиноят ва таъин намудани ҷазо нисбати ӯ (м. 339, 348); қабул намудани қарор оид ба муваққатан аз вазифа дур кардани айбдоршаванда (м. 114); оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ ва барои тафтишоти минбаъда ирсол кардани он аз рӯйи тобеъият ба мақомоти дахлдор.

Ба ғайр аз салоҳияти дар боло овардашуда, судя дигар ваколати мурофиавӣ низ дорад, ки дар моддаи зикргардида номбар нашуда бошанд ҳам, дар дигар меъёрҳои КМҶ ҶТ дарҷ гардидаанд. Инчунин, қайд кардан ба маврид аст, ки мо дар чорчӯбаи таҳқиқоти илмии мазкур аз шумораи салоҳияти суди пешбининамудаи КМҶ ҶТ танҳо он ваколати судро мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд, ки дар таҷрибаи судӣ истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ-ро талаб мекунанд.

Дар ин ҷо, аниқ кардан лозим аст, ки суд дар низоми мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон яквақта дар ду давраи он иштирок мекунад. Дар давраи аввал, ки тафтишоти пешакиро дар бар мегирад, суд мақомоти ваколатдоре, ки барои гузаронидани як қатор чорабиниҳоро ва татбиқи чораҳои пешбининамудааи КМҶ ҶТ иҷозат медиҳад. Дар ин маврид суд мақому нақши назораткунандаро ишғол мекунад. Дар давраи мурофиаи судӣ бошад, суд ҳамчун субъекти мустақил парвандаи ҷиноятиро баррасӣ намуда, дар ин ҳангом тафтишоти судиро ба анҷом расонида, оид ба тақдири минбаъдаи судшаванда ва парвандаи мазкур, қарор қабул менамояд. Зарурати

истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ метавонад дар ҳардуи ин давраҳои пешбурди мурофиаи судии ҷинояти ба миён ояд.

Қайд кардан зарур аст, ки мавзуи асосии таҳқиқоти илмии мазкур танҳо ба масъалаи истифодаи натиҷаҳои ФОҶ дар ҷараёни мурофиаи судии ҷиноятӣ равона шудааст. Вале дар баробари ин, таъкид намудани нақши суд дар марҳилаи тафтишоти пешакии парвандаи ҷиноятӣ ва тақсим намудани иштироки он дар мурофиаи ҷиноятӣ ба ду қисм (марҳилаи тосудӣ ва муҳокимаи судӣ) имконият медиҳад, ки моҳият ва хусусиятҳои истифодаи мавод ва иттилооти оперативӣ дар рафти муҳокимаи судӣ пурра ва дақиқтар фаҳмида шавад.

Аз мазмуни м. 35 ва дигар меъёрҳои КМҶ ҶТ, ки фаъолияти судро ба танзим медороранд, бармеояд, ки суд ҳамчун иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ ба тарафҳои айбдоркунанда ё ҳимоя мансуб нест. Мақомоти судӣ дар байни ин тарафҳо, ки мавқеи мурофиавиашон ба ҳамдигар мухолиф мебошад, вазифаи мустақилонаи баррасии одилонаи масъалаҳои пешниҳодшударо иҷро менамояд.

Чуноне, ки қаблан кайд кардем истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар рафти мурофиаи судии ҷиноятӣ ба суди дахлдор имконият медиҳад, ки дар асоси маводи пешкашшудаи мақомоти тахқиқ вазифаҳои ба зиммааш гузошташударо иҷро намояд. Бо дарназардошти оне, ки ҳолати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳадафи асосии истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ аз ҷониби суд (судя) ба самти иҷрои вазифаҳои мурофиаи судии ҷиноятии пешбининамудаи м. 2 КМҶ ҶТ равона шудааст, зарурати баррасӣ кардани онҳо зимни таҳқиқотамон ба миён меояд. Аз ин лиҳоз, гумон кардан ба маврид аст, ки агар мантиқан ба вазифаҳои мазкур ҳамчун масъалаҳои ҳалшавандаи ҷараёни истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ назар кунем, иштибоҳ намекунем. Яъне, истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ новобаста аз лаҳзаи ҷараён гирифтанашон дар марҳилаи мурофиаи судии ҷиноятӣ, маҳз барои

таъминоти амали намудани вазифаҳои зерине, ки ба фаъолияти суд дахл доранд, мусоидат мекунанд ва ба мақсадҳои дигари берун аз доираи соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ истифода кардани онҳо қатъиян манъ мебошад. Ба чунин мақсадҳо дохил мешаванд: «ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; ҳифзи манфиатҳои ҷомеа, давлат ва ташкилотҳои аз ҷиноят зарардида; ошкори саривақтӣ ва пурраи ҷиноятҳо; ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳкор; таъмини адолат дар ҳал намудани масъалаҳои дар суд баррасишаванда; риояи пурраи қонунгузории мурофиавӣ ҳангоми татбиқи қонунҳои ҷиноятӣ; кафолати манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиа ва шахсони дигари дахлдор”.

Истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар рафти мурофиаи судӣ бо риояи як қатор принсипҳои қонунгузори мурофиаи ҷиноятие, ки дар боби 2 КМҶ ҶТ пешбинӣ гардидаанд, баргузор меегардад. Аксари принсипҳои мазкур аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегиранд ва барои дар адабиёти ҳуқуқӣ онҳоро ҳамчун принсипҳои конститутсионӣ эътироф мекунанд. Ҳама принсипҳои дар КМҶ ҶТ дарҷ гардида ҳам барои ФОҶ дар умум, ва ҳам барои истифодабарии натиҷаҳои он дар мурофиаи ҷиноятӣ, алалхусус, дар ҷараёни мурофиаи судӣ аҳаммияти калон дошта, вайрон кардани яке аз онҳо маводи оперативии ҷамъовардашудаáро зери шубҳа гузошта, арзиши исботро ҳамчун далели кофӣ инкор мекунанд. Аз ин лиҳоз, чораҳои оперативии ҷустуҷӯӣ ва истифодабарии натиҷаҳои онҳо бояд ба талаботи принсипҳо ва муқаррароти зерини дар м.м. 7-23 Кодекси мазкур (*Татбиқи адолати судӣ (м. 7); Ҳифзи судӣ (м. 8); Қонуният ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ (м. 9); Эҳтироми шаъну шарафи шахс (м. 10); Дахлнопазирии шахсият (м. 11); Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ (мод. 12); Дахлнопазирии манзил (м. 13); Маҳрамияти мукотиба, сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот, мухобирот, сирри шахсӣ ва оилавӣ (м. 14); Эҳтимолияти бегуноҳӣ (м. 15); Баробарӣ*

*дар назди қонун ва суд (м. 16); Мустақилияти судяҳо (м. 17); Забони мурофиаи судии ҷиноятӣ (м. 18); Ошкоро будани муҳокимаи судӣ (м. 19); Мубоҳиса ва баробарии тарафҳо (м. 20); Тафтишоти ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳрлатҳои кор (м. 21); Таъмини ҳуқуқи ҳимоя ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда (м. 22); Ҳуқуқи шикоят нмудан аз амал ва қарорҳои мурофиа (м. 23*) овардашуда пурра мувофиқат кунанд.

Тартиби мурофиавии пешниҳод кардани натиҷаҳои ФОҶ ба суд дар рафти тафтишоти пешакӣ ва баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар мурофиаи судӣ ба таври мушаххас ва муфассал дар КМҶ ҶТ дарҷ нашудааст, зеро аз рӯйи нуқтаи назари қонунгузор, ӯ бо дастрасии қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ин ҳаракати судиро ҳамчун таркиби ҷудонашавандаи амалҳои он эътироф кардааст, ки дар баробари дигар ҷузъиёти дар бар гирифтаи фаъолияти судӣ ҳоҷати мустаҳкам кардани ҳуқуқии ин муқаррарот надорад.

Риояи принсипҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур ва Қонуни ФОҶ, аз ҷумла, принсипи қонуният ҳангоми ФОҶ барои истифодабарии минбаъдаи натиҷаҳои он дар мурофиаи ҷиноятӣ талаботи ҳатмӣ мебошад.

Зарур аст қайд намоем, ки масъалаи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳангоми амалӣ намудани ФОҶ дар маркази таваҷҷуҳи олимон, ҷомеа, мақомоти давлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, муҳаққиқ Д.Х. Абдулмеджидова зимни омӯзиши масъалаҳои тартиб ва одоби истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ аз ҷониби мақомоти мурофиавӣ таъкид мекунад, ки яке аз шартҳои асосӣ ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва маънавӣ мебошад [80, с. 169].

Стяжин Ю.А. пешниҳод менамояд, ки барои қаноатманд ҳисобидани фаъолияти мурофиавии-ҷиноятӣ дар самти таъминоти исбот бояд талаботи асосии зерин риоя карда шаванд:

1. Роҳ надодан ба фош гардидани маълумот оид ба ташкил ва тарзу усулҳои гузаронидани ЧОҶ, ки ба сирри давлатӣ мансубият доранд;

2. Инкор кардани ҳолатҳои вайронкунии беасоси ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ташкилоту муассисаҳо;

3. Дастрас намудани иттилоот оид ба фаъолияти ҷинояткоронаи шахс (гурӯҳи ашхос) бояд дар ҳамин хел шароит ва тавассути ҳамин гуна манбаҳо анҷом дода шаванд, ки дар оянда барои истифодабарии онҳо дар ҷараёни исботи мурофиавии-ҷиноятӣ, баҳогузорӣ ва санҷиш мувофиқи қонунгузории мурофиавии-ҷиноятӣ имконпазир бошад;

4. Раванди ба даст овардани маълумоти воқеие, ки ба предмети исбот дар доираи парвандаи ҷиноятӣ алоқаманд аст, бояд бо истифодаи самаранок ва ҳамоҳанги имкониятҳои мақомоти оперативӣ ва тафтишотӣ таъмин карда шавад [130].

Яке аз масъалаҳои муҳим ва баҳснок дар самти истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ ҳангоми мурофиаи судӣ ин ҷавобгӯ будани онҳо ба талаботи принсипи қонуният мебошад. ФОҶ дар 17 намуди чорабиниҳои пешбининамудаи м. 6 Қонуни ФОҶ амалӣ мегардад. Гузаронидани ЧОҶ бо дарназардошти қоидаҳои тактикии ва ҳадафҳои он бо масъалаи маҳдудияти ҳуқуқҳои конститутсионии инсону шаҳрванд дучор мегардад. Аз ин лиҳоз, дар адабиёти махсус [57, с. 21], [120, с. 130-134] ва қонунгузории соҳавӣ тавозун байни манфиатҳои қонунии мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва маҳдудияти ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон вуҷуд дорад, ки дар он ҳамчун тарозу ин ду манфиатҳо бо якдигар дучор мегарданд. Албатта, ҳуқуқҳои конститутсионии ҳар як шаҳрванд зери ҳимояи Конститутсия, ки дар ин ҷо ҳамчун кафили ҳимояи манфиатҳои қонунии инсону шаҳрванд баромад мекунад, қарор доранд, ба истиснои

ҳолатҳои пешбининамудаи м. 14 Конститутсия, ки дар он қайд карда мешавад: “Маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд танҳо бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад”.

Бабичев Д.А. масъалаҳои вобаста ба назорати судӣ аз болои таъминоти қонуният ва асоснокии қарорҳо аз ҷониби ҷузъу томи оперативии мақомоти корҳои дохилӣ қабулшударо баррасӣ намуда, иброз менамояд, ки талабот нисбати қарори мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба тариқи низомнок меъёран ба танизим дароварда нашудаанд, вале дар таҷрибаи судӣ бошад ин масъала дар аксари ҳолатҳо ҳамчун қаноатманд буда, тариқи низоми “хомушӣ” ба инобат гирифта мешаванд [83, с. 395]. Аз суханони муаллиф бармеояд, ки “тариқи низомнок” гуфта, ӯ махсусан дарҷ кардани талаботи мазкур нисбати қарори зикргардида дар якҷоягӣ дар меъёри алоҳидаи қонунро, дар назар дорад. Дар рафти баррасии муаммои мазкур ва бартараф кардани нофаҳмии ба миён омада, Бабичев Д.А. ба яке аз консепсияҳои илмие, ки дар асоси меъёрҳои қонунгузорӣ аз ҷониби Раҳимзода Р.Ҳ. коркард шудааст, такя мекунад. Тибқи муқарраротi пешниҳодкардашудаи Раҳимзода Р.Ҳ., қонуниятии қарори қабул кардашудаи мақомоти оперативӣ риояи талаботи зеринро дар бар мегирад [124, с. 93-102]:

- мувофиқат кардани матни ҳуҷҷат бо шаклаш (ном ва дигар реквизитҳо);

- қабул кардани қарор аз ҷониби шахси мансабдоре, ки ҳақиқатан дар ин хусус салоҳият дорад (судя бояд феълан имконият дошта бошад, ки шахсан масъалаи мазкурро тавассути омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти дахлдор санҷида, муайян намояд. Дар чунин санадҳо, феҳристи шахсони мансабдоре, ки ба зиммаашон ваколати қабул кардани қарор оид ба маҳдуд кардани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон дар рафти ЧОҶ гузошта шудааст, пешбинӣ гардидааст);

- мувофиқат кардани матни қарор бо иттилооти феълие, ки гирифта ё талаб карда мешавад [78, с. 170].

Яке аз масоили соҳаи ФОҶ, ва умуман, мурофиаи ҷиноятӣ дуруст истифода набурдани натичаҳои фаъолияти мазкур ба ҳисоб меравад.

Аз ин лиҳоз, чунин мешуморем, ки муайян кардани сабабҳои истифода накардани натиҷаҳои ФОҶ дар марҳилаи пешбурди тосудӣ барои таҳлили вазъи риоя намудани принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ аҳаммияти калон дорад. Аз рӯйи натиҷаи омӯзиши таҷрибаи судӣ ҳолатҳои мазкурро ба сабабҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

1. Махзани далелҳои дар маводи парвандаи ҷиноятӣ мавҷудбуда барои исбот кифоя мебошад, ҳама ҳолатҳо оид ба парванда исбот карда шудаанд ва бинобар ин ҳангоми тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ва мурофиаи судӣ зарурати талабу истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дида намешавад. Ба ин нигоҳ накарда, судя дар навбати худ, дар рафти мурофиаи судӣ, ҳуқуқ дорад натиҷаҳои ФОҶ-ро аз мақомоти дахлдор талаб намуда, онҳоро ҳамчун далел эътироф карда, дар исбот бо парвандаи ҷиноятӣ истифода барад;

2. Дар рафти тафтиши парвандаи ҷиноятӣ бо гузаронидани ҳаракатҳо ва чорабиниҳои тафтишотӣ ҳолатҳои ҷиноят пурра ошкор гардидаанд, ки барои анҷом додани тафтишот ва бо фикри айбдоркунӣ ирсол намудани парвандаи ҷиноятӣ ба прокурори назораткунанда кифоя мебошад. Дар ҳолати мазкур, муфаттиш (таҳқиқбаранда) аз натиҷаҳои ФОҶ истифода намебаранд маҳз бо сабаби вуҷуд надоштани чунин зарурат дар тафтишоти тосудӣ. Дар баробари ин, ӯ имконияти истифода намудани натиҷаҳои ФОҶ-ро дар оянда- яъне ҳангоми мурофиаи судӣ рад намекунад. Ӯ эътироф менамояд, ки судя дар ҳолатҳои зарурӣ ҳуқуқи дархост кардани маводи оперативиро дошта, метавонад онҳоро барои муайян кардани ҳақиқати парванда истифода кунад;

3. Ҳангоми тафтиши парвандаи ҷиноятӣ натиҷаҳои ФОҶ барои истифодабарӣ зарур мебошанд, вале муфаттиш (таҳқиқбаранда) бо сабаби дарк накардани зарурати мазкур, нофаҳмӣ ё ин ки аз рӯйи хунукназарӣ, инчунин, қасдан аз воҳиди оперативӣ-ҷустуҷӯӣ маводи оперативиро талаб накарда, онҳоро дар ҷараёни исбот истифода намебарад [169];

4. Воҳиди оперативӣ-ҷустучӯӣ маводи оперативии ҷамъовардашударо ба мақомоти тафтишоти пешакӣ пешниҳод накардааст, ки ин боиси истифода набурдани натиҷаҳои ФОҶ шуда, ба манфиати пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ зарар расонидааст. Дар ҳолати мазкур зуҳуротҳои гуногун сабабгори чунин камбудӣ мешаванд. Масалан, пеш аз ҳама қайд кардан ба маврид аст, ки ин ноустувории муносибатҳои хизматии байни кормандони воҳидҳои оперативӣ ва тафтишоти пешакӣ, мавҷуд набудани ҳамоҳангсозӣ ва якдигарфаҳмӣ байни онҳо. Дар заминаи чунин рафтору муносибатҳо, кормандони воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ метавонанд бо баҳонаи ифшо накардани сирри хизматӣ, зарурати оперативӣ ё ин ки риоя кардани манфиати идоравӣ ва ғайра, натиҷаҳои ФОҶ-ро ба муфаттиш (таҳқиқбаранда) ирсол накунанд. Ба ғайр аз ин, ҳолатҳои ҷой доштани камбудиҳои ҷиддӣ дар маводи оперативӣ [65], ки аз ҷиҳати исбот корношоям шудаанд, инчунин, феълан мавҷуд набудани чунин мавод ва рӯйпуш намудани қонунвайронкунии мурофиавӣ, ҷинояти содиркардашудаи худи кормандони оперативӣ ё дигар шахс, - ба истифода накардани натиҷаҳои ФОҶ мусоидат мекунанд.

Камбудиҳои дар боло овардашуда ва дигар ҳолатҳои қонуншикание, ки аз тарафи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ роҳ дода шудаанд, сабаби бекор кардани қарорҳои гуногуни қабулкардашудаи шахсони мансабдори воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ [161] ва тафтишоти пешакӣ

шудаанд, инчунин, боиси баргардонидани парвандаҳои ҷиноятӣ ба тафтишоти иловагӣ аз ҷониби прокуратура ва суд гардидаанд [168]. Ба ғайр аз ин, як қатор ҳукму дигар қарорҳои судӣ аз тарафи судҳои марҳилаҳои болоӣ бинобар сабаби чунин вайронкуниҳои меъёрҳои КМҶ ҶТ ва Қонуни ФОҶ бекор карда шудаанд [166].

Вобаста ба ҳолатҳо зикргардида, қайд кардан ба маврид аст, чуноне, ки натиҷаҳои пурсишҳои гузаронидагиамон нишон медиҳанд, дар қатори воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳастан кормандоне, ки ҳатто дар бораи талаботи қ. 5 м. 41 КМҶ ҶТ дарак надоранд, ҳол он, ки меъёри мазкур онҳоро уҳдадор мекунад: “дастурҳои суд, судя, прокурор, мақомоти тафтишоти пешакӣ, сардори мақомоти таҳқиқ барои таҳқиқбаранда ҳатмӣ мебошад”.

Инчунин, як қисми пурсидашудагон (37%) аз байни кормандони воҳидҳои оперативии (Раёсати кофтукови ҷиноятӣ, Раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккил, Раёсати мубриза бо гардиши ғайриқонунии гардиши маводи мухаддир ва воҳидҳои онҳо дар шуъбаҳо ва раёсатҳои минтақавӣ) ВКД ва дигар мақомоти таҳқиқ ҳангоми ҷавоб додан ба саволҳо оид ба ҷои ФОҶ ва мақомоти таҳқиқ дар мурофиаи ҷиноятӣ ва нақши онҳо дар низоми мазкур, танқисӣ кашиданд, ҳол он, ки онҳо ба ҳардуи ин категория мансубияти бевосита доранд. Баъзе кормандони воҳидҳои тафтишоти ВКД (14%) ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи пурсидагиамон низ ба ҳамин савол дуруст ҷавоб додан натавонистанд.

Албатта, дар ҳолати мазкур дар хусуси сифати дарсҳои касбӣ-хизматии кормандони мақомоти мазкур савол ба миён меояд, ки оё ин чорабинии маърифатии мунтазаму ҳатмӣ ба талаботи муқарраргардидаи сиёсати давлат ҷавобгӯ мебошанд ё не? Ё ин ки малакаи дониши кормандон ба сатҳи касбӣ мувофиқат намекунад? Омӯзиши нақшаи дарсҳои касбӣ-хизматии кормандони мақомоти мазкур ва

азназаргузаронии дафтарҳои дарсиашон, инчунин, протоколҳои маҷлисҳои гуногун ва маълумотномаҳо оид ба иҷрои бандҳои қарорҳои маҷлис баръакс нишон медиҳанд, ки роҳбарияти ин сохторҳо ва ҷузъу том ба омӯзонидани зердастонашон таваҷҷуҳи ҷиддӣ медиҳанд [163], [164], [165] ва баҳри бардоштани дараҷаи саводнокии кормандонашон сайъю талошҳои зиёд мекунанд.

Ҳамчунин, ташкили курсҳои махсус барои баланд бардоштани малакаи касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҷалби онҳо ба иштирок дар конфронсу чорабиниҳои илмӣ-амалӣ, ҷаласаҳои сатҳи давлатӣ, вохӯриҳо бо олимону коршиносон ва намояндагони соҳаи фарҳангу ҷомеа, ба рушди ҷаҳонбинӣ ва баланд шудани сатҳи умумии донишу малакаи онҳо мусоидат мекунад.

Таҳлили ҷавобҳои кормандони мақомоти хифзи ҳуқуқе, ки иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравaнд, аз рӯйи саволномаи пешкашнамудаамон бошад низ таъсироти натиҷаҳои хуби чорабиниҳои маърифативу фарҳангии зикргардида нишон додаанд. Аммо, мутаассифона, ба ин ва аттестатсияҳое, ки мунтазам дар мақомотҳо баргузор мегарданд, нигоҳ накарда, дар қатори онҳо ҳастан кормандоне, ки аз рӯйи сатҳи ахлоқу маърифати паст ба вазифаҳои ишғолкардаашон мувофиқат намекунанд.

Умуман аксари (73%) кормандони пурсидашудаамон ба саволҳои мо дуруст ҷавоб додаанд ва, инчунин, ҷиҳати ошкор кардани камбудиҳо дар фаъолияти амалиашон, хусусан, дар ҷараёни иштиркашон дар мурофиаи ҷиноятӣ, ки барои таҳқиқоти мазкурамон аҳаммияти калон дорад, зеро дар он фикру мулоҳизаҳои онҳо вобаста ба мавзуи диссертатсия, дар баробари дигар маълумоти эмпирикӣ, аз ҷониби мо ба назар гирифта шудаанд.

Ҳамин тариқ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки сабаби асосии камбудии баррасикардашуда, на ин ки дар малакаи дониши баъзе корманди мақомот ё дур будани онҳо аз назария аст, балки пеш аз ҳама,

ин нодуруст фаҳмидани мазмуни меъёри қонун мебошад. Аз ин лиҳоз, агар матни меъёрҳои КМҶ ҶТ ва Қонуни ФОҶ таҳлил намоем, маълум мешавад, ки ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби қонунгузор ба тарзи дурусту фаҳмо, мувофиқи принсипҳо ва қоидаҳо техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ [72, с. 270-275] таҳия шудаанд ва онҳо ҷиҳати забони ҳуқуқӣ нуқсони ҷиддӣ надоранд.

Танҳо ҳангоми омӯзиши адабиёти махсус маълум мегардад, ки сабаби муаммои мазкур дар он мебошад, ки то ҳол дар назарияи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ мавқеи ФОҶ вобаста ба пешбурди мурофиавии судии ҷиноятӣ ҳалли худро наёфтааст, зеро байни олимону мутахассисони соҳа доир ба ин масъалаи баҳснок якдигарфаҳмӣ ва ягонагӣ дастрас нашудааст [133, с. 113-117], [128, с. 70-84], [127] . Аз ин рӯ, масъалаҳо оид ба натиҷаҳои ФОҶ ва истифодабарии онҳо дар тафтишоти пешакӣ ва судӣ ба сифати далел барои исбот бо парвандаи ҷиноятӣ низ дар олами илмӣ ва таҷрибаи судӣ зери шубҳа гузошта шуда, мавзуи баҳсҳои гуногун гаштаанд [101, с. 39], [88, с.46-48], [173], [174], [86, с. 34].

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқоти гузаронидагиамон ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон суд ҳокимияти давлатии мустақил буда, адолати судиро аз номи давлат амалӣ менамояд. Инчунин суд ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ дохил намегардад ва холисона тибқи принсипҳои пешбининамудаи қонун оид ба парвандаҳо ва маводи мавриди пешбурдашон мавҷудбуда қарори дахлдор мебарорад. Дар соҳаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон суд яке аз субъектҳои истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад. Вазифаи мазкурро суд дар асоси Конститутсия, қонунгузории дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунӣ (аз ҷумла Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва зерқонунӣ (аз ҷумла Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон) амалӣ мегардонад.

2. Мурофиаи судӣ баъди тафтишоти пешакӣ баргузор гардида, дар мурофиаи судии ҷиноятӣ мавқеи марҳилаи асосӣ ва хотимавиро ишғол менамояд. Маҳз дар ҳамин давра суд маводи ҷамъовардашудаи мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакиро баррасӣ менамояд ва бар замми ин тафтиши судиро анҷом медиҳад. Ҳамзамон, суд тибқи муқаррароти қонунгузории мурофиавӣ натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро дар ҳалли масъалаҳои пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ, хусусан ҷараёни исбот истифода мебарад. Бинобар ин, аҳаммияти мурофиаи судӣ ҳамчун марҳилаи охирин дар тафтиши парвандаи ҷиноятӣ, ки бо қабули қарорӣ хотимавии пешбиникардашудаи қонун анҷом дода мешавад, басо назаррас аст. Камбудиҳо, норасогиҳо ва хатогиҳое, ки дар марҳилаи тосудӣ, яъне пеш аз оғози парвандаи ҷиноятӣ ва ҳангоми тафтиши он вобаста ба натиҷаҳои ФОҶ ва истифодабарии онҳо дар мурофиаи судии ҷиноятӣ роҳ дода шудаанд ва саривақт бо механизми назоратбарии идоравӣ ва назорати прокурорӣ бартараф нашуда бошанд, дар суд бояд ошкор шуда, оид ба ислоҳ кардани онҳо чораҳои мушаххас андешида шаванд.

3. Суд дар се ҳолати мурофиавӣ парвандаи ҷиноятиро баррасӣ менамояд:

1) Дар давраи тосудии тафтиши парвандаи ҷиноятӣ дар ҳолатҳои зарурат бо ташаббуси мақомоти тафтишбаранда (муфаттиш, таҳқиқбаранда) барои гирифтани иҷозат оид ба гузаронидани амалу чораҳои тафтишии пешбининамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд тариқи хаттӣ муроҷиат намуда, ба саҳми судя (суд) парвандаи ҷиноятӣ ва маводи дахлдорро пешниҳод менамояд. Феълан суд дар марҳилаи мазкур суд функсияи назоратбарӣ ва иҷозатдиҳиро иҷро мекунад;

2) Ҳангоми мурофиаи судӣ, ки дар он парвандаи ҷиноятӣ мавриди баррасӣ қарор дошта, аз тафтишоту музокираи судӣ гузашта, ба баровардани ҳукм мерасад. Дар мурофиаи мазкур суд ба ҳайси мақомоти тафтишкунандаи парвандаи ҷиноятӣ ва оид ба он қабулкунандаи қарори адолат муқаррар баромад мекунад;

3) Амалӣ суд ба ҷавоби арзу шикоятҳои шаҳрвандон оид ба вайронкунии реҷаи қонуният, хусусан поймолкунии ҳуқуқҳояшон ҳангоми мурофиаи судии ҷиноятӣ. Дар мавриди мазкур шаҳрвандон ташаббускори амалҳои минбаъда суд мегарданд. Фаъолияти суд ҳамчун мақомоти ҳалкунандаи баҳсу даъвоҳои муроҷиаткунандагон тавсиф додан мумкин аст.

4. Таҳлили асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ нишон медиҳад, ки бо вуҷуди он дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон функсияи “назоратбарии судӣ” вуҷуд надошта бошад ҳам, фаъолияти суд оид ба иҷрои вазифаҳои муқарраргардидаи қонун функсияи назоратбариро низ дар бар мегирад. Дар марҳилаҳои таҳқиқу тафтиши пешакӣ ва мурофиаи судӣ мақомоти суд назоратбарии судиро тавассути ваколатҳои зерин ба амал мебарорад:

1) Санҷиши асоснокӣ ва қонунӣ будани маводи пешниҳодкардашуда бо парвандаи ҷиноятӣ ҳангоми ҳалли масъалаи додани иҷозат оид ба гузаронидани чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва амали тафтишотии ба нақшагирифташудаи мақомоти ваколатдор (амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, таҳқиқ, тафтиши пешакӣ);

2) Пешбурди мурофиаи судӣ, муҳокимаи судӣ оид ба парвандаи ҷиноятие, ки бо он таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ анҷом дода шудааст ва он бо фикри айбдоркунӣ тавассути прокурори ваколатдор ба суд ирсол карда мешавад. Дар ин ҳангом суд парвандаи ҷиноятиро баррасӣ намуда, далелҳои пешниҳодкардашудаи тарафҳои айбдоркунанда ва

ҳимояро месанҷад, натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро дар рафти тафтиши парвандаи ҷиноятӣ истифодабурдашударо барои қобили қабул кардан ба сифати далели исбот тафтишу баҳогузорӣ менамояд ва бо ин ҳаракатҳо назоратбариро амалӣ менамояд;

3) Баррасии муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, арзу шикоятҳояшон вобаста ба вайронкунии ҳуқуқу манфиатҳои қонуниашон дар рафти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ва мурофиаи судӣ ва ҳалли масъалаҳои ба онҳо дахлдор феълан назоратбарии судиро ба вуҷуд меорад.

## § 2.4. Мушкилоти асосии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ

ФОҶ як навъи мустақили фаъолияти ҳуқуқӣ буда, тавассути мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки махсус барои ин вазифадор шудааст, бо истифодаи воситаҳои ҳуқуқии пинҳонӣ амалӣ мегардад. Омӯзиши ЧОҶ, ҳамчун усули фаҳмиш ва дарки воқеъият дар ФОҶ таҳлили муқоисавии онҳоро бо амалҳои тафтишотӣ талаб менамояд. Қариб нисфи онҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ бо амалҳои тафтишотӣ ҳаммонанд мебошанд. Ташкил ва тактикаи гузаронидани ЧОҶ ба андозаи баланд, аз ҷониби худи корманди оперативӣ вобаста ба вазъияти ба миёномада, инчунин, аз он имкониятҳое, ки онҳо доранд муайян карда мешавад (муҷаҳҳазноки бо воситаҳои техникӣ, шумора ва фаъолнокии дастгоҳи махфӣ ва ғ.). Истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар исботи мурофиавии ҷиноятӣ яке аз муҳимтарин масъалаҳо дар пешбурди судии ҷиноятӣ мебошад [91, с. 38].

Ҷараёни ҷамъоварии натиҷаҳои ФОҶ то оғози парвандаи ҷиноятӣ, истифодабарии онҳо ҳангоми тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ва мурофиаи судӣ бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровarда шудааст. Асосҳои танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ-е, ки дар тӯли даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [4], [7], [8], [9] ташаккул ёфтаанд, барои амалигардонӣ дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ – иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ (м.м. 33, 36-41 КМҶ ҶТ) ва ҳалли вазифаҳои пешбурди он (м. 2 КМҶ ҶТ) мувофиқат мекунанд. Инро ҳам таҷрибаи судӣ ва ҳам кормандони мақомоти мазкуре, ки аз тарафи мо пурсида шудаанд, инчунин, дигар манбаҳо низ тасдиқ мекунанд. Аммо бо вуҷуди ин дастовардҳои қонунгузорӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, механизми истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар мурофиаи ҷиноятӣ, яъне, дар рафти тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ва мурофиаи судӣ, ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва суд, инчунин, дигар

иштирокчиёни манфиатдори мурофиаи мазкур (м.м. 42-49, 54-60 КМҶ ҶТ) мушкилот ба миён меорад. Албатта, натиҷаҳои ФОҶ бо риояи қонун аз ҷониби МАФОҶ ба даст овардашуда, барои ҳалли минбаъдаи масъалаҳои вобаста ба барқарор кардани адолати судӣ зарур мебошанд ва истифодабарии онҳо дар ин ҳангом аҳаммияти калон дорад.

Яке аз хусусиятҳои ФОҶ дар он мебошад, ки фаъолияти субъектҳои он бо усулу воситаҳои ошкоро ва ғайриошкоро тавассути чораҳои пешбининамудаи Қонуни ФОҶ (м. 6) [9] дар роҳи иҷрои вазифаҳои соҳаи ҳифзи ҳуқуқ натиҷаҳои барои исбот муҳим ноил мегарданд. Маҳз, дар ҳамин аҳаммияти бевоситаи натиҷаҳои ФОҶ дида мешавад, ки истифодабарии онҳоро дар мурофиаи ҷиноятӣ тақозо мекунад. Аммо, истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар ҷараёни тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ва баррасии он дар мурофиаи судӣ танҳо дар он сурат имконпазир аст, ки бо риояи муқаррароти КМҶ ҶТ ҷамъоварӣ шуда бошанд (м. 84 КМҶ ҶТ). Бинобар ин, риояи присипҳои ФОҶ (м. 4 Қонуни ФОҶ) ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ (м.м. 7, 9-16, 18-22 КМҶ ҶТ) ҳангоми ФОҶ барои истифодабарии минбаъдаи натиҷаҳои он дар мурофиаи ҷиноятӣ махсусан муҳим мебошад.

Дар қ. 1 м. 5 Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ" муқаррар карда шудааст, ки: "Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ танҳо барои ноил шудан ба ҳадаф ва иҷрои вазифаҳои муқаррарнамудаи Қонуни мазкур амалӣ карда мешавад. МАФОҶ ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ риояи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандро ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ, дахлнопазирии манзил ва маҳрамияти мукотиба, сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахсӣ таъмин менамояд" [9].

Натиҷаҳои ФОҶ ҳангоми мурофиаи ҷиноятӣ дар асоси м. 11 Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ" истифода бурда мешаванд. Моддаи 11 муқаррар месозад, ки "натиҷаҳои фаъолияти

оперативӣ-ҷустуҷӯиро барои тайёр ва амалӣ гардонидани амалҳои тафтишотӣ ва судӣ, гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҷиҳати ошкор намудан, огоҳонидан, пешгирӣ кардан ва кушодани ҷиноятҳо, ошкор ва муайян намудани шахсони тайёркунанда, содиркунанда ё содиркардаи онҳо, ҳамчунин, барои ҷустуҷӯи шахсони аз мақомоти таҳқиқ, тафтиш ва суд пинҳоншуда, аз адои ҷазо саркашинамуда, бедарак гумшуда ва муайян намудани молу мулки мусодирашаванда истифода бурдан мумкин аст" [9].

Инчунин, дар қ. 2. м.11 Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ" муқаррар шудааст, ки: "натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мумкин аст ба сифати асос барои оғози парвандаи ҷиноятӣ хизмат намоянд, ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ё суде (судяе), ки парвандаи ҷиноятӣ дар пешбурди ӯ қарор дорад, пешниҳод гарданд, ҳамчунин, барои исбот марбут ба парвандаҳои ҷиноятӣ тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд" [9].

Дар робита ба тартиби пешниҳод намудани натиҷаҳои ФОҶ ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва суд (судя), қонуни мазкур пешбинӣ менамояд, ки ин мавод бояд бо қарори роҳбари мақомоти амаликунандаи ФОҶ ва бо тартиби муайяннамудаи қонунгузории ҶТ пешниҳод карда шаванд. Яъне, дар ин ҷо қонун ба КМҶ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқи ишора мекунад.

Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ" дар м. 11 пешбинӣ месозад, ки: "натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ нисбати шахсони дар бандҳои 1), 2), 3), 4) ва 6) қ. 2 м. 7 Қонуни мазкур пешбинишуда барои ҳалли масъалаҳо оид ба додани иҷозат ба намудҳои фаъолияти нишондодашуда ба назар гирифта мешаванд.

Ҳангоми дар парвандаи ҷиноятӣ ба сифати далелҳо истифода намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ шахсони мансабдори мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ

метавонанд дар хусуси аслӣ будани онҳо, пайдоиш ва ҳолатҳои ба даст овардани ин маълумот пурсиш карда шаванд. Дар ин маврид шахсоне, ки ба гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ ворид карда шудаанд ва кормандони штатии ғайриошкоро метавонанд фақат бо розигии хаттии онҳо, ба истисноии ҳолатҳои аз ҷониби онҳо содир кардани ҷиноят, пурсиш карда шаванд.

Мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мутобиқи шартномаҳои байналмилалӣ ва бо риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба давлатҳои дигар ройгон пешкаш менамоянд.

Чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки дар ҳудуди як давлат оғоз шуда, дар ҳудуди давлати дигар идома ёфтааст ё ба итмом расидааст, қонунӣ эътироф карда мешаванд, агар онҳо бо риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда бошанд. Натиҷаҳои ин фаъолият бо риояи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешаванд" [9].

Ҳамин тариқ, таҳлили меъёрҳои м. 11 Қонуни ФОҶ қоидаҳои асосии истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ-ро муқаррар менамоянд. Аз ин лиҳоз, гуфтан мумкин аст, ки истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар соҳаи мазкур ва мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун институти асосӣ ҷой гирифтааст.

Масъалаи истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ ҳангоми тафтиши парвандаи ҷинояти ва мурофиаи судӣ дар байни олимон ва кормандони таҷрибадори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ то ҳол баҳснок ҳисобида, ҳалли пурраи худро ёфтааст [104], [118, с. 21-26], [96]. Дар илми мурофиавии ҷиноятӣ усулҳои гуногуни ҳал намудани ин масъала пешниҳод карда мешаванд, масалан, истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ мустақим ҳамчун далелҳо (бо шартҳои муайян ё бидуни онҳо) [38, с. 35-36; с. 64; с. 90], [39] ё инки имконияти ба онҳо шакли далелҳо додан [88, с. 46-48], [174].

Ҳангоми баррасии муаммои мазкур дар аввал бояд фарқияти байни ФОҶ ва пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ муайн карда шавад.

Фарқи натиҷаҳои ФОҶ аз далелҳо, таъкид мекунад Доля Е.А., аз фарқи табиати ҳуқуқии онҳо вобаста аст, ки дар ҳақиқат мақсад ва ҳудудҳои иҷозатдодаи истифодаи онҳоро муайян мекунад [101, с. 39]. Натиҷаҳои ФОҶ дар ибтидо наметавонанд ба сифати далел қабул карда шаванд, зеро тибқи талаботи м. 84 КМҶ ҶТ "Натиҷаҳои ФОҶ ба даст оварда шуда ба шарте далел эътироф карда мешаванд, ки бо риояи муқаррароти Кодекси мазкур ҷамъоварӣ шуда бошанд" [7]. Қисми 1 м. 88 КМҶ ҶТ функсияи баҳодиҳии далелҳоро ба зиммаи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя гузоштааст.

Ҷараёни исбот марҳилаҳои гуногунро дар бар мегирад, аз ҷумла, ҷамъ овардан, тафтиш, ва баҳодиҳии далелҳо дар рафти тафтишоти пешакӣ ва судӣ. Яке аз марҳилаҳои аввалини ҷараёни исбот – ҷамъоварии далелҳо мебошад, ки он асосан бо амалҳои тафтишотӣ алоқамандӣ дорад. Ҳангоми гузаронидани ЧОҶ далелҳо ташаккул намеёбанд, балки натиҷаҳои ФОҶ, яъне маълумоте, ки мувофиқи Қонуни ФОҶ оид ба ошкор намудан, огоҳонидан, пешгирӣ кардан ва кушодани ҷиноятҳо, ҳамчунин, ошкор ва муайян намудани шахсони ин ҷиноятҳоро тайёркунанда, содиркунанда ё содиркарда, ҷамъоварӣ мешаванд.

Волосюк П.В. дар ин хусус чунин қайд мекунад, ки ҷараёни исбот марҳилаҳои ҷамъоварӣ, санҷиш ва истифодабарии минбаъдаи далелҳоро ҳангоми тафтиши ҷиноят дар бар мегирад. Марҳилаи чамъоварии далелҳо ба фикри муаллиф, пеш аз ҳама, ба гузаронидани амалҳои тафтишотӣ мансубият дорад. Инчунин, ӯ аниқ менамояд, ки дар ҷараёни ЧОҶ на ин ки далелҳо, балки натиҷаҳои ФОҶ, яъне маълумот оид ба аломатҳои ҷиноятe, ки дар марҳилаи тайёрӣ ва содиршавӣ қарор дорад ё содир шудааст, инчунин дар бораи шахсоне, ки тайёрӣ ба ҷиноят дида истодаанд, ҷиноятро содир менамоянд ё онро содир кардаанд ва аз мақомоти тафтишоти пешакӣ ё суд пинҳон шудаанд, ташаккул меёбанд [91, с. 39].

Ҷанбаҳои ФОҶ худ аз худ далел намешаванд. Онҳо наметавонанд бевосита ба сифати далелҳо барои муайян кардани предмети исбот кардан ва, ҷузъ ин, гунаҳгории шахс дар анҷом додани ҷиноят истифода шаванд, чунки тартиби гирифтани онҳо бо тартиби гирифтани далелҳои мурофиавӣ фарқ мекунад. Масалан, як шахс ба мақомоти амаликунанадаи ФОҶ кӯмак мерасонад ва дар рафти гузаронидани ЧОҶ шахсан ҳолатҳое, ки бояд исбот шаванд, мушоҳида кардааст. Барои он, ки маълумоти маълум дар бораи ин шахс ба сифати далел таъсир кунанд, маълумот дар бораи ин шахс ва иштироки ӯ дар ин чорабинӣ бояд ба муфатиш (таҳқиқбаранда) супорида шаванд, ки барои муайян кардани ҳолатҳое, ки барои парванда муҳим аст, мустақиман дар бораи ин шахс бозпурсӣ мекунад, ва далелҳо на маълумот, ки ба корманди оперативӣ расонида шудаанд, балки шоҳидии ӯ, ки дар рафти бозпурсӣ дода шудааст, хоҳанд буд.

Маводе, ки дар рафти ФОҶ ҷамъоварӣ шудаанд, барои табдили маълумот ба далелҳо бояд аз марҳилаи мурофиавӣ гузаранд. Инчунин, барои ҳамроҳ кардани маълумоти бо роҳи ғайримурофиавӣ ба даст овардашуда ба парвандаи ҷиноятӣ, лозим аст, ки амалҳои тафтишотӣ гузаронида шавад. Дар рафти он субъектҳои фаъолияти мурофиавӣ ваҷҳҳоро, ки барои парванда муҳим ҳастанд, месанҷанд ва дар натиҷаи амали мазкур онҳо ба сифати далел табдил мегарданд.

Барои мутобиқ будани далел ба талаботи қонунгузорӣ шартҳои зерин риоя гарданд: дар натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бояд маълумоти барои исботи ҳолатҳои парванда муҳим мавҷуд бошад; манбаъ ё предмети ин маълумот бояд муайян ва зикр гардад; инчунин, чунин далел бояд имкон диҳад, ки он дар ҷараёни мурофиаи судӣ санҷида ва тасдиқ карда шавад.

Барои мисол, дар Федератсияи Россия Суди Конститутсионӣ нисбат ба масъалаи мазкур чунин мавқеъ дорад: натиҷаҳои чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мустақилона далел ҳисоб намешаванд. Онҳо танҳо

маълумоте мебошанд, ки метавонад ба пайдо кардани далелҳои воқеӣ мусоидат намояд. Агар ин натиҷаҳо бо риояи талаботи Қонуни Федералӣ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ҷамъоварӣ шуда бошанд, танҳо пас аз тасдиқи онҳо дар тартиби муайянкардаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ метавонанд ҳамчун далел қабул гарданд.Мавқеи монанд Пленуми Суди Олии Федератсияи Россия [162] ишғол намудааст, ки дар қарорӣ он аз 31 декабри соли 1995 № 8 зикр кардааст, ки натиҷаҳои ФОҶ метавонад ҳамчун далелҳо дар парвандаҳо истифода шаванд, вақте ки онҳо тавассути мақомоти тафтишотӣ санҷида шудаанд.

Зажицкий В.И. дар ин хусус қайд мекунад, ки «ФОҶ ва пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ судӣ ду навъи мустақили фаъолияти давлатӣ мебошанд, ки ҳар кадоме хосиятҳои фарққунанда ва нишонаҳои хоси худро дорад. Истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар рафти тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ набояд онҳоро тағйир диҳад ва воситаҳои мурофиавии ҷиноятиро бо тарзу усулҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ иваз кунад. Яъне, полис набояд иҷрои адолатро иваз кунад» [41, с. 9].

Албатта, нақши ФОҶ ва натиҷаҳои он дар ҳамкорӣ бо мақомоти тафтишоти пешакӣ хеле муҳим аст. Хусусан дар ҳолатҳое, ки фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба муқобили ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин равона шудааст. Аммо, бояд қайд намоем, ки дар таҷрибаи судӣ ҳолатҳое ҷой доранд, ки суд далелҳое, ки дар натиҷаи ФОҶ ба даст оварда шудаанд, ҳамчун далел эътироф намекунад. Тавсифи махсусан маъмулан дар парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои коррупсионӣ, қаллобӣ, гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва дигар парвандаҳои ҷиноятие, ки пеш аз оғозашон санҷиши оперативӣ гузаронида шудааст.

Доир ба ин масъала Исаенко В.Н. иброз менамояд, ки рӯз то рӯз ҳуқуқи вуқӯъ пайдо кардани механизм ва асоснокии таъсиси ПБО, ки аз ҷониби кормандони воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ сурат мегирад,

мавриди баррасии ҳимоятгарон қарор мегирад [107]. Муаллиф хатогиҳои зеринро номбар мекунад: 1) гузаронидани ЧОҶ дар ҳолати набудани асосҳо, ки дар бандҳои 1–6 қ. 2 м. 7 Қонуни федералӣ "Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ" зикр гардидаанд; 2) шаҳодат ба гузаронидани ЧОҶ аз ҷониби шахсони мансабдор, ки барои ин ваколат надоранд; 3) бар хилофи муқаррароти қонун тартиб додан ва дигар маводи оид ба гузаронидани онҳо; 4) гузаронидани хабарҳо ба суд (судя) дар мавридҳое, ки таҳвили таъхирнопазир доранд; 5) гузаронидани ЧОҶ, ки дар м. 6 Қонуни мазкур пешбинӣ нашудааст; 6) мувофиқ набудани муҳтавои феълии ЧОҶ ба тавсифи он дар санади (протоколи) он.

Инчунин, Исаенко В.Н. зикр мекунад, ки гузаронидани ЧОҶ, ки ба муоинаи шахс сурат мегирад бояд бо тартиб додани санад (протокол) анҷом дода шавад ва санади гирифтан ба он замима гузошта шавад. Ҳуҷҷати мазкур қатъиян бо ишора ба м.м. 6 ва 15 Қонуни федералӣ “Дар бораи ФОҶ” ба расмият дароварда шавад. Аммо, ҳамзамон рафти кор, ҳолатҳое, ки ҳангоми гузаронидани чорабинӣ дучор мегарданд, бояд тибқи қ. 3 м. 177 ё қ. 13 м. 182 КМҶ ФР ҳуҷҷатгузаронӣ шавад. Агар ЧОҶ бо истифодаи воситаҳои техники баргузор шуда бошад, дар санад (протокол) бояд хусусиятҳои техникии таҷҳизотро, ки истифода шудааст, чунин нишон диҳанд, ки ин дар қ. 6 м. 166 КМҶ ФР ба назар гирифта шудааст, бидуни ишора ба ин меъёр [107].

Қобили зикр аст, ки кормандони оперативӣ наметавонанд пас аз ба охир расидани эксперименти оперативӣ корҳои тафтишотиро (нигоҳ кардани ҷойи ҳодиса, кофтуков, гирифтани чизҳо) гузаронанд, зеро дар он ҷо омезиши ду вазифаи муқобил – ФОҶ ва мурофиавӣ амалӣ мешавад.

Ҳамчунин, масоили дигар, ин ҳангоми гирифтани намунаҳо барои таҳқиқи муқоисавӣ, ки барои гузаронидани экспертизаи фоноскопикии аудиоқайдҳо, ки дар доираи ЧОҶ ҷараён гирифтаанд. Мушкилот дар заминаи гирифтани намунаҳои гуфтугӯи шифоҳӣ барои таҳқиқи

муқоисавӣ ба миён меоянд, вақте ки одамони санҷидашуда пешниҳод карданро рад мекунанд, ва муфаттиш пештар аз фурсати хуби ҷиҳати тактика барои гузаронидани пурсиши аввалин бо истифодаи сабти овоз ё навор (видео) истифода намебарад.

Дар ҳолати мазкур, тасаввур кардани тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ бидуни истифодаи натиҷаи ФОҶ душвор аст. Вале дар қонунгузорӣ ҷавоби аниқ нест, ки натиҷаҳои ФОҶ чӣ гуна бояд ба раванди исбот оид ба парвандаи ҷиноятӣ воридот шаванд, зеро натиҷаҳои ФОҶ далел ҳисоб намешаванд. Ин вазъият ҳуқуқи кормандони ҳуқуқистифодабарандаро водор мекунад, ки роҳҳои баромад аз ин ҳолатро ҷустуҷӯ кунанд, ки ба назари мо, камбудӣ дар қонунгузорӣ мебошад, ки натиҷаи он маъноҳои гуногун ва, мувофиқи ин, хатоҳо дар фаъолияти амалӣ мебошад.

Мутобиқи қ. 1 м. 85 КМҶ ҶТ “исбот кардан аз ҷамъ овардан, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо бо мақсади муқаррар кардани ҳолатҳое, ки дар қ. 2 моддаи мазкур пешбинӣ шудаанд, иборат мебошад. Дар қ. 2 моддаи мазкур муқаррар шудааст, ки ҳангоми пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ ҳолатҳои зерин бояд исбот карда шаванд:

- ҳодисаи ҷиноят (вақт, ҷой, тарз ва дигар ҳолатҳои содир намудани ҷиноят);

- ҳолатҳое, ки шахсияти айбдоршавандаро муайян мекунанд;

- ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд;

- ҳолатҳое, ки метавонанд боиси аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо озод кардани шахс гарданд;

- ҳолатҳое, ки гунаҳгории айбдоршавандаро дар содир кардани ҷиноят ва мусоидат намудан ба он, дараҷаи гуноҳ ва ангезаи онро муайян мекунанд;

- ҳолатҳои ба дараҷа ва хусусияти ҷавобгарии айбдоршаванда таъсиррасонанда, ки дар м.м. 61 ва 62 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд,

инчунин дигар ҳолатҳое, ки шахсияти айбдоршавандаро арзёбӣ мекунанд;

- ҳолатҳое, ки хусусият ва андозаи зарари аз ҷинояти содиршуда расидаро муайян мекунанд;

- ҳолатҳое, ки боиси содиршавии ҷиноят гардидаанд” [7].

Дар доираи ин модда, қонунгузор нишон медиҳад, ки далелҳо метавонанд ягон маълумоте бошанд, ки бо кӯмаки он метавон натиҷаҳои исботшаванда дар оянда баҳогузорӣ карда шаванд. Инчунин, дар ин модда, гурӯҳи иштирокдорон (суд, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда), ки метавонанд далелҳоро ҷамъоварӣ ва ба маводи парвандаи ҷиноятӣ шомил кунанд, нишон дода мешавад, ки қонунгузор роҳбарон ё кормандони мақомоти амалӣ намудани ФОҶ-ро пешбинӣ намекунад.

Дар илми мурофиаи ҷиноятӣ ҷиноятӣ, на як маротиба қайд шудааст, ки натиҷаҳои ФОҶ, наметавонанд ба пуррагӣ ба талабот барои натиҷаҳои фаъолияти таъриф ва тафтиш мувофиқат кунанд. Ва кӯшиш кардан, ки натиҷаҳои яке аз талаботи дигарро мувофиқат кунанд, шубҳае бо иштибоҳ аст. Чи тавре, ки Россинский С.Б. қайд мекунад, дар адабиёт натиҷаҳои ФОҶ анъанаван ба он чизе, ки маълумоти ғайримурофиавӣ номида мешавад, мансуб мешавад, ки ин наметавонад истифодаи он дар сифати далелҳои баробар дар парвандаи ҷиноятиро шарҳ диҳад [174]. Чи тавре, ки Гриненко А.В. қайд мекунад, фаъолияти таъриф ва ФОҶ табиати ҳуқуқии гуногун доранд. ФОҶ ба даст овардани маълумоти оперативиро, ки барои таҳқиқи ҷиноятҳо кӯмак мекунад, равона мешавад. Маълумоте, ки бо кӯмаки воситаҳои оперативӣ ба даст оварда шудааст, наметавонад ба таври мустақим дар исбот истифода шавад.

Поляков М.П. менависад, ки имрӯз ба амалиёти ҷиноятӣ наметавонад ба ҳамлаи ҷинояткорӣ муқобилият кунад, агар воситаҳои ФОҶ дар таҳқиқи ҷиноятҳо истифода нашаванд [152, с. 4].

Доля Е.А. қайд мекунад, ки "ғайриимкон аст, ки парвандаҳои ҷиноятиро бомуваффақият таҳқиқ ва ошкор кунем танҳо бо доираи фаъолияти таъриф, ки дар доираи КМҶ ФР гузаронида мешавад". Олим ҳисоб мекунад, ки зарур аст иқтидори истифодаи натиҷаҳои ФОҶ дар исбот васеъ карда шавад [39, с. 7].

Агар мо қоидаҳои КМҶ ФР-ро таҳлил кунем, метавонем хулоса кунем, ки далелҳоро метавонанд ҷамъоварӣ ва ба маводи парвандаи ҷиноятӣ иловагӣ кунанд, таҳқиқбаранда, муфаттиш, ва суд дар вақти гузаронидани амалҳои тафтишотӣ дар доираи КМҶ ФР. Вале, дар КМҶ ФР маънои кори тафтишотӣ сабт нашудааст. Дар б. 19 м. 5 КМҶ ФР муайян кардани маънои танҳо амалҳои таърифҳои фаврӣ сабт шудааст. Гладишева О.В. ва Сементсов В.А. [32] чунин таърифро барои маънои «амалҳои тафтишотӣ» медиҳанд: ин амалҳое мебошанд, ки дар КМҶ ФР пешбинӣ шудаанд, амалҳои иштирокчиёни амалиёти ҷиноятӣ (таҳқиқбаранда, муфаттиш ва суд) дар ҷамъоварии ва санҷиши далелҳо, ки дар хотимаи муайян кардан ва исбот кардани ҳолатҳои воқеӣ дорои аҳаммият мебошанд, бо нақшаи амиқ ва расидан, таъриф карда шудаанд. Ба назари мо, ин таъриф дар маҷмӯъ, таъриф ва хусусиятҳои асосии амалҳои тафтишотиро пурра намояндагӣ мекунад ва хусусиятҳои муҳим, ба монанди, шиносоии шарикони иштирокчиён ва тартиби амалиёт ва ҳуқуқи онҳоро таъриф мекунад.

ФОҶ мувофиқи м. 1 Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ" – "ин фаъолияте мебошад, ки бо пинҳонӣ аз ҷониби шуъбаҳои оперативии мақомоти давлатӣ, ки барои ин Қонуни мазкур ваколати лозимаро доранд, дар доираи ваколатҳо бо гузаронидани ЧОҶ барои ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳаёт ва саломатии онҳо, инчунин, моликият, таъмини амнияти ҷомеа ва давлат дар муқобили ҳамлаҳои ҷинояткорона амалӣ карда мешавад" [9]. Дар ин ҳолат, усулҳо ва техникаҳои гузаронидани ФОҶ метавонанд комилан дастрас нашаванд ва махфӣ бошанд, на танҳо барои тарафҳои ҳимоя, балки

барои таҳқиқбаранда, прокуророн ва суд низ. Дар бораи муташаккил шудани ва ба расмият даровардани тартиби гузаронидани ФОҶ дар шаклҳои дастрас барои иштирокчиёни мақомоти судии ҷиноятӣ суҳбат намешавад, иштирокчиён танҳо метавонанд ба иттилооте, ки дар рафти гузаронидани ФОҶ гирифта шудааст, эътимод кунанд ва ин ки дар рафти онҳо қоидаҳои КМҶ ё ҚФ «Дар бораи ФОҶ» вайрон нашудааст.

Ҳангоми таҳлили ду мафҳуми мазкур бояд зикр кард, ки онҳо категорияҳои комилан гуногуни ҳуқуқӣ мебошанд ва бо вуҷуди шабоҳати муайян дар номгузорӣ ё амали онҳо, пурра ба якдигар мувофиқат карда наметавонанд.

Ва ҳама ҷо, метавон гуфт, ки тафтишоти парвандаҳои ҷиноятӣ бе истифодаи натиҷаҳои ФОҶ имконнопазир аст, ки метавонад ё бо фармони таҳқиқбарандава муфаттиш сухан, ё бе он анҷом дода шаванд; сабаби илова кардани парвандаи ҷиноятӣ, ки бо қоидаҳое, ки дар ҚФ «Дар бораи ФОҶ» ва дастурҳои вазоратӣ (махфӣ) ба қайд гирифта шудаанд, гузаронида мешаванд ва онҳо худашон далел нестанд, вале дар доираи исботи парвандаи ҷиноятӣ бояд ба талаботе, ки ба далелҳо пешбинӣ шудаанд, ҷавобгӯ бошанд, ки дар доираи КМҶ ҶТ гирифта шудаанд.

Ба ҳамин васила, чӣ тавре ки Россинский С.Б. ҳалол мегуяд, “КМҶ ФР наметавонад, ки механизми натиҷаҳои ФОҶ-ро баробар ба натиҷаҳои амалҳои тафтишотӣ созад” [174]. Қонунбарор ҳуқуқи ҳуқуқтатбиққунандаро манъ намекунад, ки баъзе маводро, ки раванд ва натиҷаҳои ЧОҶ-ро нишон медиҳанд, ба даст орад, аммо онҳо ҷузъ намебошанд, ки чунин маводро ба мурофиаи ҷиноятӣ ворид кунанд, тавассути гузаронидани амалҳои тафтишотӣ ё дигар амалҳои мурофиавӣ; КМҶ ҶТ чунин амалҳоро пешбинӣ намекунад.

Дар амал, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ натиҷаҳои ФОҶ-ро ба саҳнаи мурофиавӣ исботи фаъолияти таҳқиқотӣ, ки ба «қонунӣ кардани» натиҷаҳои тайёр равона шудаанд, ворид мекунад, на ба даст овардани

далелҳо бевосита дар доираи КМҶ ФР. Каломҳои дигар, барои намуна, нақшаи натиҷаҳои ФОҶ баррасӣ карда мешавад ва онҳо ба сифати далелҳо бо дарназардошти фаъолияти таҳқиқотӣ шинос мешаванд. Гузаронидани ФОҶ-и худи таҳқиқбаранда, муфаттиш ё суд тафтиш намешавад, балки қабул мешавад, ки «ба эътимод». Ин мавқеи Комиссияи Суди Олии ФР дар қарор «Дар бораи ҳалномаи судӣ» шиносои мешавад, ки истифодабарии натиҷаҳои ЧОҶ бойи танҳо дар ҳолате, ки маълумоти гирифташуда ба макомоти таҳқиқоти пеш аз ин ва суд тибқи тартиби муқаррарӣ пешниҳод шуда бошад ва тавассути пешбурди амалҳои мувофиқашудаи тафтишотӣ ё судӣ муайян карда шаванд, имконпазир аст.

Ин ҳолат ба мо ҳамчун хато баромад мекунад, зеро талаботи қонун дар гузаронидани ФОҶ комилан гуногун аз талаботи амалҳои тафтишотӣ мебошанд ва шакли далелҳо дар асоси онҳо танҳо бо "дастхати"-и таҳқиқбаранда ё муфаттиш дар вақти гузаронидани шиносои бо натиҷаҳо ва илова кардани онҳо ба маводи парвандаи ҷиноятӣ ҳамчун далелҳо, нокомиҳои соҳаҳои қонунгузор мебошанд, ки он ба таклиф ниёз дорад.

Ин мавқеъро Петрухин И.Л. низ қабул мекунад ва қайд менамояд, ки нисбат ба амалҳои тафтишотӣ, судӣ ё дигар амалҳои мурофиавӣ, ҳама гуна ЧОҶ сохтори ҳуқуқии комилан гуногун ва меъёрҳои ҳуқуқие доранд. Дар вақти гузаронидани ФОҶ кафолати пешбининамудаи қонун наметавонад риоя шавад [51]. Ӯ ҳамзамон бо Россинский С.Б. ҳамфикр аст, ки натиҷаҳои ФОҶ дар вақте, ки аз мақомоти таҳқиқ тақсим мешаванд, комилан наметавонад бо талаботи пешниҳодшуда бо далелҳо мувофиқат кунанд. Гриненко А.В. назар дорад, ки бо дастурҳо ва пайваст кардани мавод намедонанд, ки талаботи КМҶ метавонанд дар идоракунии ФОҶ нақши талабот бесабаб шаванд.

Ҳоло, мо ду самти тағйироти қонунгузории ин ҷанбаро мебинем. Аввал – ин васеъ кардани муҳтавои амалҳои тафтишотӣ бо шиносоии

тақрибан "амалҳои тафтишотии пинҳонӣ" буд. Истифодаи чунин андешаро, масалан, Гриненко А.В. ба таҷҳизот дар тарз оғоз мекунад, ки дар рафти иҷрои вазифаҳои мувофиқе, ки бе пешнависҳо анҷом дода мешаванд, паҳн кардани муҳтавои рафтори стандартии раванди ФОҶ ва таҳқиқ кардани натиҷаҳои онҳо мебошад.

Мо бар ин назарем, ки натиҷаҳои ФОҶ метавонанд асоси ташкили чунин далелҳо, чун «санадҳои дигар» ва «далелҳои моддӣ», шаванд, агар онҳо дар шакли ҳуқуқии маълумот, ки дар қ. 2 м. 74 КМҶ ФР муқаррар шудааст, баён гардад ва дуруст ба равандҳои ҷиноятӣ бо мувофиқати талаботи қонунгузории оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ворид шаванд.

Дар назарияи таҳқиқи мушкилоти муассисаи самтҳои истифодаи натиҷаҳои ФОҶ, бисёр нуқтаи назарҳо дар бораи соҳаҳои асосии истифодаи он дар фаъолияти амалиётии сохторҳои мақомоти корҳои дохилӣ ташаккул ёфтаанд. Ба назар чунин мерасад, ки нуқтаи назари Климов И.А. дар бораи он, ки, бо дарназардошти маъно ва мутобиқи қ. 1 ва 2 м. 11 Қонуни ФОҶ, натиҷаҳои ЧОҶ метавонанд истифода шаванд:

- барои омодагӣ ва анҷом додани амалҳои тафтишотӣ ва судӣ;

- барои гузаронидани ЧОҶ барои ошкор кардани, пешгирӣ кардани, қатъ кардани ва фош кардани ҷиноятҳо, ошкор ва муайян кардани шахсоне, ки онҳоро таҳия мекунанд ва анҷом медиҳанд, аз ҷумла ҷустуҷӯи шахсоне, ки аз мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд пӯшида шудаанд, аз иҷрои ҷазо худдорӣ мекунанд, ё гумшудагон;

- барои гузаронидани ЧОҶ барои ҷустуҷӯи мол, ки мусодира кардан лозим аст;

- барои қабули қарор дар бораи дурустии маълумоти пешниҳодшуда аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ ва маҳаллӣ ё шаҳрвандоне, ки барои вазифаи судя номзадӣ мекунанд, ки дар қонун пешбинӣ шудааст;

- ҳамчун сабабҳо ва асосҳо барои оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ.

Дигар самти истифодаи натиҷаҳои ФОҶ, омодасозии чунин амалҳои судӣ дар парвандаҳои ҷиноятӣ дар гурӯҳи ҷиноятӣ ва иттиҳоди ҷиноятӣ мебошад, чун пурсиши гумонбарон, шоҳидон ва зарардидагон, санҷиши далелҳои моддӣ; манзил ва утоқҳо, таҷрибаи тафтишотӣ, пешниҳоди барои шиносоии, шоҳидӣ ва дигарон.

Яке аз самтҳои муҳимми ғайрираванди истифодаи натиҷаҳои ФОҶ барои сохторҳои ҷустуҷӯи ҷиноятӣ дар муқобили ҷинояткории муташаккил, омодасозии гузаронидани дигар ЧОҶ барои ошкор кардани, пешгирӣ кардани, қатъ кардани ва фош кардани ҷиноятҳо мебошад, ки аз ҷониби иштирокчиён ва роҳбарони банда, гурӯҳи ҷиноятӣ ва иттиҳоди ҷиноятӣ, анҷом дода мешаванд, инчунин, барои ошкор ва муайян кардани шахсоне, ки онҳоро таҳия мекунанд, анҷом медиҳанд ё анҷом додаанд, ва инчунин, барои ҷустуҷӯи шахсоне, ки аз мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд пӯшида шудаанд, молҳои аъзои гурӯҳои ҷиноятӣ ва дигар сохторҳои ҷинояткории муташаккил.

Бо такя ба таърифоти васеи қ. 1 м. 11 Қонуни ФОҶ, метавон хулоса кард, ки натиҷаҳои ФОҶ метавонанд барои омодасозии ва гузаронидани муваффақи тамоми намудҳои ЧОҶ, ки қонунгузор дар м. 6 Қонуни ФОҶ таъриф кардааст, истифода шаванд.

Ҳамзамон, барои ҳал кардани вазифаҳои муқобили ҷинояткории ташкилотӣ, истифодаи натиҷаҳои ФОҶ барои омодасозии чунин ЧОҶ, чун пурсиш, маълумотгирӣ, назорат, гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ, гирифтани маълумот аз каналҳои техникии иртибот, гирифтани маълумоти компютерӣ ва таҷрибаи оперативӣ аҳаммияти калидӣ пайдо мекунад.

Давоми гузаронидани ин ЧОҶ, сохторҳои ҷустуҷӯи ҷиноятӣ маълумоти муҳимтаринро дар бораи ҷиноятҳо, ки аз ҷониби иштирокчиён ва роҳбарони банда, гурӯҳи ҷиноятӣ ва иттиҳоди ҷиноятӣ, ва шахсоне, ки онҳоро таҳия мекунанд, анҷом медиҳанд ва анҷом додаанд, инчунин, дар бораи шахсоне, ки аз ҷониби мақомоти ҳифзи

ҳуқуқ ҷустуҷӯ мешаванд, ва дар бораи молҳои сохторҳои ҷинояткории муташаккил, ки бояд дар марҳилаи таҳқиқ ва мусодира бо қарорҳои судӣ боздошт шаванд, мегиранд.

Тибқи қисми 2-и м.11 Қонуни ФОҶ, чунин мавод метавонанд ҳамчун сабаб ва асос барои оғози парвандаи ҷиноятӣ баромад кунанд. Инчунин онҳо ба мақомоти тафтишоти пешакӣ ё суд барои илова намудан ба парванда ё санҷидани маводе, ки дорои маълумот оид ба содир шудани ҷиноят мебошанд, пешниҳод карда мешаванд.

Ба мувофиқи қ. 1 м. 140 КМҶ ФР, сабабҳо барои оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ инҳоянд: 1) ариза дар бораи ҷиноят; 2) омада ба гуноҳи худ иқрор шудан; 3) хабар дар бораи анҷом ёфтани ё омодасозии ҷиноят, ки аз манбаъҳои дигар гирифта шудааст.

Зарур аст қайд намуд, ки гирифтани далелҳо бо гузаронидани амалҳои тафтишотӣ алоқаманд аст, ва мундариҷаи онҳо дар шакли мурофиаи ҷиноятӣ ташкил ёфтааст. Ҳамин тавр, дар вақти гузаронидани ЧОҶ далелҳо наметавонанд ташкил шаванд, дар ин ҳолат танҳо натиҷаҳои ФОҶ ташаккул меёбанд. Дар чунин ҳолат, натиҷаҳои ФОҶ маълумот хоҳанд буд, ки барои фаъолияти мурофиаи ҷиноятӣ аҳаммият доранд. Аз ин рӯ, натиҷаҳои ФОҶ далелҳо намебошанд ва наметавонанд ҳамчун чунин истифода шаванд, зеро тартиби шиносоии онҳо бо тартиби гирифтани далелҳои мурофиаи ҷиноятӣ фарқ мекунад.

Михеева Т.С. ва Карпов М.А. пешниҳод мекунанд, ки роҳи оптималии масъалаи истифодаи натиҷаҳои ФОҶ дар далелсозӣ ин аст, ки механизмҳои ворид кардани онҳо ба мурофиаи ҷиноятӣ бо тарзи ошкоро ва мустақим қонунӣ карда шаванд, бидуни ниёз ба ягон расмиёти такроршаванда. Аз сабаби он ки натиҷаҳои ФОҶ хусусияти воқеӣ ва бевосита доранд, онҳо ҳуқуқи пурраи истифода шудан ҳамчун далел дар парвандаҳои ҷиноятиро пайдо мекунанд. Ин натиҷаҳо моҳиятан

иттилооте мебошанд, ки метавонанд ҳолатҳои муҳимро дар ҷараёни мурофиаи судӣ тасдиқ намоянд.

Далелҳо ин ашёҳо ва ҳуҷҷатҳо, ё маълумоти дигар мебошанд, ки аллакай аз ҷониби тафтишгар санҷида шудаанд ва мувофиқи мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун натиҷаи ниҳоӣ – далел – пешниҳод шудаанд. Вале дар мавриди натиҷаҳои ФОҶ, дар ин ҳолат, натиҷаҳои ФОҶ натиҷаи гузаронидани ЧОҶ мебошанд, на натиҷаҳои санҷиш ва арзёбии тафтишгар. Пеш аз он ки маводро ба парванда дохил кунад, тафтишгар бояд онҳоро бо дигар далелҳо дар маҷмӯъ санҷида ва арзёбӣ кунад.

Яке аз масоили ФОҶ ва истифодабарии натиҷаҳои он дар мурофиаи ҷиноятӣ ин вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад. Дар Қонуни ФОҶ меъёри алоҳида – м. 5, кафолати риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳангоми амалӣ намудани ФОҶ ба танзим медарорад. Дар қ. 2 м. 5 Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” пешбинӣ шудааст, ки “агар шахс чунин шуморад, ки ҳаракати мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ боиси вайрон намудани ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ гардидааст, ҳуқуқ дорад нисбати ин ҳаракатҳо ба мақомоти болоии амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, прокурор ва ё суд (судя) шикоят кунад. Шахсе, ки гуноҳи ӯ дар содир намудани ҷиноят мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун исбот нашудааст, яъне нисбати ӯ оғози парвандаи ҷиноятӣ рад карда шудааст ва ё бо сабаби мавҷуд набудани ҳодисаи ҷиноят ё бинобар дар кирдори ӯ мавҷуд набудани таркиби ҷиноят парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда шудааст ва ӯ далелҳое дорад, ки нисбаташ чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гузаронида шудаанд ва чунин шуморад, ки дар ин ҳолат ҳуқуқҳояш вайрон карда шудаанд, ҳуқуқ дорад аз мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ маълумоти дар борааш бадастомадаро дар он ҳадде, ки талаботи пинҳонкорӣ иҷозат медиҳад ва ифшои сирри давлатиро истисно менамояд, талаб кунад. Агар талаби ӯ

дар бораи додани маълумоти дархосткардааш рад карда шавад ё агар шахси мазкур пиндорад, ки маълумот дар ҳаҷми пурра ба вай дода нашудааст, метавонад тибқи тартиби муайяннамудаи қонун ба мақомоти болоии амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, прокурор, суд (судя) шикоят кунад. Дар ҷараёни баррасии шикоят дар суд вазифаи исботи асоснокии радди пешниҳоди маълумот ба ин шахс, аз он ҷумла, дар ҳаҷми пурра ба зиммаи мақомоти дахлдори амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гузошта мешавад” [9].

Инчунин, м. 5 Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” муқаррар менамояд, ки: “бо мақсади таъмини баррасии пурра ва ҳаматарафаи шикоят бо талаби прокурори ваколатдор ё судяи ба он ваколатдодашуда мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ уҳдадор аст ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматии дорои иттилоот дар бораи маълумоте, ки барои пешниҳод намудани онҳо ба аризадиҳанда рад карда шудааст, диҳанд, ба истиснои маълумот оид ба шахсоне, ки ба муҳити ҷиноятӣ ворид карда шудаанд, дар бораи кормандони штатии ғайриошкорои мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва шахсоне, ки ба таври махфиёна ба онҳо мусоидат мекунанд.

Дар ҳолати беасос эътироф намудани қарори мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ оид ба радди пешниҳод намудани маълумоти зарурӣ ба аризадиҳанда, прокурор ё судя метавонад мақоми зикршударо вазифадор созад, ки ба аризадиҳанда маълумоти дар қ. 3 моддаи мазкур зикршударо пешниҳод намояд.

Маводи дар натиҷаи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бадастомада нисбати шахсоне, ки гуноҳи онҳо мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун дар содир кардани ҷиноят исбот нашудааст, дар муддати шаш моҳ баъд аз лаҳзаи қабули қарор дар бораи рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ ва ё қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ нигоҳ дошта, сипас нобуд карда мешаванд, агар манфиатҳои

хизматӣ ё адолати судӣ тартиби дигарро талаб накунанд. Фонограмма ва маводи дигари дар натиҷаи гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ ва гуфтугузорҳои дигар бадастомадаи шахсоне, ки нисбати онҳо парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда нашудааст, дар давоми шаш моҳ аз лаҳзаи қатъ гардидани гӯш кардан нобуд карда мешаванд ва дар ин хусус протоколи дахлдор тартиб дода мешавад. Суди (судяи) дахлдор се моҳ пеш аз нобуд кардани маводе, ки натиҷаҳои чорабиниҳои оперативӣ-чустуҷӯиро инъикос менамоянд ва ин чорабиниҳо дар асоси қарори он гузаронида шудаанд, хабардор карда мешавад” [9].

Мутобиқи қ. 7 Қонуни мазкур амалҳое, ки мақомоти (шахсони мансабдори) ФОҶ набояд анҷом диҳанд, равшан муайян шудаанд: ЧОҶ ба манфиати ҳизбҳои сиёсӣ ё иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои динӣ, гузаронида намешаванд; ба таври махфӣ иштирок намудан дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, ҳизбҳои сиёсӣ ё иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (аз ҷумла иттиҳодияҳои динӣ), бо ҳадафи таъсир расонидан ба фаъолияти онҳо манъ аст; ифшо намудани маълумоти марбут ба ҳаёти шахсӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ, шаъну шараф ё манфиатҳои дигари шаҳрвандон, ки дар ҷараёни ЧОҶ маълум шудаанд, бе розигии шаҳрвандон иҷозат дода намешавад, ба истисноии ҳолатҳои муайяннамудаи қонун; таҳрик, ташвиқ ё водор намудани шахсон барои содир кардани амалҳои ғайриқонунӣ (иғво) қатъиян манъ мебошад; таҳриф ё сохтакории натиҷаҳои ФОҶ комилан манъ карда шудааст [9].

Дар қисмҳои минбаъдаи м.5 Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” чунин омадааст: “Дар сурати аз тарафи мақомоти (шахси мансабдори) амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ вайрон намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мақомоти (шахси мансабдори) болоии амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ , прокурор ё суд (судя) вазифадоранд мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои барқарор кардани ин ҳуқуқ

ва манфиатҳои қонунӣ ва (ё) ҷуброни зарари расонидашуда чораҳо андешанд.

Аз ҷониби кормандони мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ вайрон кардани талаботи Қонуни мазкур ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ боиси ҷавобгарии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

Ҳангоми бо қарори прокурор, суд (судя) норозӣ будани шахс ё мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, аз он ҷумла, аз рӯи ҳолатҳое, ки дар моддаҳои 8 ва 9 Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд, онҳо ҳуқуқ доранд нисбат ба қарори прокурор, суд (судя) ба прокурори болоӣ ва ё суди болоӣ шикоят намоянд" [9].

Барои риояи талаботи қонунгузории ФОҶ, пешгирии қонуншиканӣ дар ҷараёни фаъолияти мазкур, пеш аз ҳама бояд шароити мусоид фароҳам карда шавад, зеро чуноне, ки натиҷаҳои таҳқиқоти мо ва дигар мутахассисону олимон нишон медиҳанд аксари қонуншиканиҳо дар рафти ФОҶ ва вобаста ба истифодабарии натиҷаҳои он аз руи надонистани қонун ва рафтори хунукназарона содир мешаванд. Инро маълумотномаҳо, ҳисоботҳо ва хулосаҳо оид ба санҷиши вазъи риояи қонуният, тафтишҳои хизматӣ ва таҳлилу тадқиқоти аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидашуда, инчунин, маводи парвандаҳои ҷиноятии аз тарафи прокуратура ва суд ба тафтишоти иловагӣ баргардонидашуда, муҳтавои шикоятҳои кассатсионӣ ва назоратӣ, пешниҳодҳои прокуророн ва таъинотҳои судҳо, ва дигар манбаҳо тасдиқ мекунанд. Омӯзиши маводи мазкур нишон дод, ки дар аксари ҳолатҳо чораҳои вокуниши мақомоти назоратӣ (прокуратура) ва назоратбаранда (идора, суд) асосан ба оқибатҳои қонунвайронкуниҳо равона шуда, бо ҷалб кардани шахсони мансабдори гунаҳгор ба ҷавобгарӣ (маъмурӣ, интизомӣ, ҷиноятӣ) маҳдуд карда мешаванд. Аммо, дар ин ҳангом, мақомоти дахлдор барои бартараф

кардани сабабу шароитҳое, ки боиси қонуншиканӣ гардиаанд таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба таври бояду шояд намедиҳанд.

Албатта, бардоштани савияи дониш вайронкунии қонунро аз рӯйи надонистани талаботи он истисно мекунад, пурзӯр намудани фаъолияти назоративу назорабаранда ва мустаҳкам кардани интизоми касбиву иҷроӣ бошад, рафтори хунукназаронаро пешгирӣ мекунад. Албатта, ин чораҳои эътиноӣ ҳолатҳои қонуншиканиҳоро, ки дар натиҷаи сабабҳои баррасигардиаамон боис шудаанд, пурра аз байн намебаранд, зеро аз хислати шахсияти кормандон низ вобастагӣ дорад, вале дар сатҳи ташкили кор омилҳои барои қонуншиканӣ мусоидаткунанда бояд бартараф карда шаванд. Илова бар ин, қайд кардан ба маврид аст, ки ҳатто рафтори корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (амаликунандаи ФОҶ) зери таъсироти кори тарбиявӣ-инфиродии аз тарафи роҳбарияти ӯ баргузоргардида метавонад ислоҳ шавад. Аммо, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷойи шахсоне, ки “гирифтори” нигилизми ҳуқуқӣ мебошанд нест, зеро онҳо ботинан зидди тартиботи ҳуқуқӣ мебошанд ва чораҳои тарбиявӣ нисбаташон татбиқгардида на ҳама вақт натиҷаи дилхоҳ медиҳанд. Маҳз, барои ҳамин, дар мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, ҳифзи ҳуқуқ мунтазам корҳои кадрӣ гузаронида мешаванд, ки яке аз мақсадҳои чунин чораҳо дар байни кормандонашон муайян кардани шахсони тасодуфӣ ва сабукдуш намудани онҳо аз вазифаи ишғолкардаашон бинобар сабаби мувофиқат накарданашон ё тамоман аз низом хориҷ намудани кормандони мазкур.

Зуҳуроти асосие, ки самаранокии фаъолияти низоми ҳифзи ҳуқуқро паст менамоянд ва сабаби истифода набурдани натиҷаҳои ФОҶ дар марҳилаи мурофиаи судӣ, инҳоянд:

– набудани механизмҳои ҳуқуқии мустақими ворид кардани натиҷаҳои ФОҶ ба мурофиаи ҷиноятӣ;

– набудани танзимгари ягонаи ҳуқуқӣ барои мутобиқгардонии ҳолатҳои муқарраротиҚонуни ФОҶ ва КМҶ ҶТ дар бахши истифодаи натиҷаҳои ФОҶ ҳангоми мурофиаи ҷиноятӣ;

– набудани донишҳои касбӣ зарурӣ дар миёни кормандони сохторҳои оперативии МАФОҶ ва муфаттишон барои ворид кардани натиҷаҳои ФОҶ ба мурофиаи ҷиноятӣ;

– сатҳи нокифояи таъмин намудани моддӣ-техникии сохторҳои оперативии;

– сатҳи нокифояи таҳқиқоти илмӣ-техникӣ дар бораи омодасозӣ ва гузаронидани чорабиниҳои техникии махсус, ки бо гирифтани маълумот аз каналҳои техникии иртибот ва гирифтани маълумоти компютерӣ алоқаманд мебошанд, ва ворид кардани натиҷаҳои онҳо ба мурофиаи ҷиноятӣ;

– зарурати таҳияи иловагии барномаҳои таълимӣ дар мавзуъҳои "Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии мақомоти корҳои дохилӣ" ва "Мурофиаи ҷиноятӣ" дар бахши омӯзиши амиқи бештар дар бораи истифодаи натиҷаҳои ФОҶ дар мурофиаи ҷиноятӣ;

– сатҳи нокифояи ҳамкории байналмилалӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои хориҷӣ дар бахши истифодаи натиҷаҳои ФОҶ дар мурофиаи ҷиноятӣ.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқоти гузаронидагиамон ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Сарчашмаи мушкилоти асосии истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ камбудиҳои зерин таъсис менамоянд:

1) Сатҳи пасти ФОҶ ба роҳ мондашуда ва амалӣ намудани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ;

2) Мувофиқат накардани ҳуҷҷатноккунонии натиҷаҳои чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯии гузаронидашуда, тарзи барасмиятдарории онҳо ба талаботи қонун;

3) Вайрон кардани қонуният ҳангоми ФОҶ, ки ба сифати натиҷаҳои он таъсироти манфӣ мерасонад.

Ҳолатҳои зикргардида метавонанд ҷиҳати ҷараёни истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ мушкилӣ ба миён оранд ё ин ки тамоман истифодабарии натиҷаҳоро ғайриимкон намоянд дар фаъолияти мақомоти амаликунандаи ФОҶ.

2. Мушкилот вобаста ба истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар мурофиаи ҷиноятӣ шартан ба ду гурӯҳ таҷзия менамоем:

1) Масъалаҳое, ки бевосита ба ҷараёни тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ва баррасии он дар мурофиаи судӣ мансуб мебошанд, хусусан таҷрибаи истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар марҳилаҳои мазкур;

2) Масъалаҳои ташкилу танзими мурофиаи судии ҷиноятӣ, хусусан механизми натиҷаҳои истифодабарии ФОҶ дар тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ва мурофиаи судӣ, ки аз назарияи ФОҶ ва мурофиаи ҷиноятӣ ва қонунгузории соҳавии амалкунанда ба вуҷуд омадаанд.

3. Дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаамон метавонем масъалаҳои муҳим ва мушкилоти вобаста ба истифодаи натиҷаҳои ФОҶ-ро дар мурофиаи ҷиноятӣ ба категорияҳои зерин гурӯҳбандӣ намоем:

1) Масоили назариявӣ, ки дар корҳои илмии олимону мутахассисон баррасӣ гардида, то ҳол баъзе масъалаҳои баҳснок ҳалли худро наёфтаанд. Яке аз ин муаммоҳо ин мавқеи ФОҶ дар низоми мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

2) Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи ФОҶ ва истифодабарии натиҷаҳои он нуқсон доранд, ки дар ҷараёни амалигардонии онҳо боиси мушкилот мешаванд.

3) Вайронкуниҳои меъёрҳои Қонуни ФОҶ ва КМҶ ҶТ, ки аз ҷониби МАФОҶ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми мурофиаи ҷиноятӣ, алалхусус, дар рафти истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ.

# БОБИ 3. МУКАММАЛНАМОИИ НИЗОМИ НАЗОРАТӢ ВОБАСТА БА ИСТИФОДАБАРИИ НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ

## § 3.1. Назоратбарии идоравӣ ҷиҳати истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷониби мақомоти амаликунандаи он

Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки роҳи ташаккули давлати ҳуқуқбунёдро пеш гирифтааст, сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла мақомоти амаликунандаи фаъолияти ФОҶ, бояд ба пешгирӣ ва рафъи ҳама гуна қонуншиканиҳо дар ҷараёни фаъолияти мазкур равона карда шавад.

Дар шароити мазкур аҳаммияти назоратбарии идоравӣ ба ФОҶ, аз ҷониби роҳбарияти мақомоте, ки дар сохтораш воҳиди оперативӣ-ҷустуҷӯӣ вуҷуд дорад, инчунин, аз тарафи худи сардорони ин ҷузъу том, меафзояд.

Дар коркарди назоратбарии идоравӣ олимон Атмажитов В.М., Бобров В.Г. [80], Горяинов К.К. [75], Железняк Н.С. [40], Климов И.А. [50], Синилов Г.К. [35] , Раҳимзода Р.Ҳ. [125, с. 17-20], [124, с. 93-102], Черников В.В., Чечетин А.Е. [78], [27] ва диг. саҳми арзанда гузоштаанд. Дастовардҳои олимони мазкур ба ташаккулу такмили назоратбарии идоравӣ дар соҳаи истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ мусоидат намудаанд ва бо ҳамин сабаб мо низ ҳангоми таҳқиқоти илмӣ ба консепсияҳои идоравии онҳо такя хоҳем кард.

Таҳқиқоти илмӣ дар мавзуи мазкуре, ки аз ҷониби олимону мутахассисон баррасӣ мешавад, дар аксари ҳолатҳо бо таҳлили қонунгузории амаликунандаи соҳавӣ (ФОҶ, мурофиаи ҷиноятӣ) сурат мегирад ва, бинобар ин, онҳо нуқтаи назари хешро вобаста ба меъёрҳои қонун баён мекунанд. Бешубҳа, диққати мо бештар ба он масъалаҳо ва хулосаҳое равона гардид, ки барои такмили қонунгузорӣ ва низоми

фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим ва мубрам доранд. Ҷиҳати мавқеи муаллифон илова кардан лозим аст, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия вобаста ба ФОҶ ва консепсияи сохтори воҳиди амаликунандаи ФОҶ ба якдигар монандӣ доранд, ки ин ҳолат ба мо имконият медиҳад, нуқтаи назари онҳоро баҳри мукаммалнамоии низоми назоратӣ вобаста ба истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар мурофиаи ҷиноятӣ ва умуман барои такмили асосоҳои ҳуқуқии танзимкунандаи он дар мурофиаи ҷиноятӣ ва амалигардонии механизми мазкур дар таҷрибаи кории мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ба инобат гирифта, бобати ташаккулёбии консепсияи самаранокии исбот мусоидат намоем.

Пеш аз ҳама, бояд қайд намоем, ки барои муайян кардани нақшу ҷойи назоратбарии идоравӣ дар соҳаи ФОҶ, алалхусус, роҷеъ ба истифодабарии натиҷаҳои он, усули низомнок лозим аст, ки ба таҳқиқоти ҳаматарафаи мавзуи баррасигардидаамон мусоидат мекунад. Вобаста ба ин мо мавқеи Климов И.А. ва Сазонов Н.И. дастгирӣ менамоем, зеро онҳо истифодабарии усули мазкурро тавсия дода, муқаррароти зайлро пешниҳод менамоянд: “ҳар як объекти таҳқиқшаванда метавонад дар шакли низоми ягона баррасӣ карда шавад; дар таркиби он (объекти омӯзишшаванда) бисёр унсурҳо вуҷуд доранд; пайдо кардани онҳо (унсурҳои объект) дар робитаи зич бо ҳамдигар; ҳеҷ яке аз унсурҳо хосиятҳои умумии сифати низомро ифода кардан наметавонанд” [110, с. 63]. Бо дарназардошти мавқеи пешкашгардидаи муаллифон, назоратбарии идоравиро ҳамчун низоми бо унсурҳои бисёр дар дохилаш мавҷуддошта тасаввур кардан мумкин аст, зеро муқаррароти онҳо имконият медиҳад ба ин самти фаъолияти роҳбарикунанда аз нуқтаи назари мухталиф нигоҳ кунем.

Назоратбарии идоравии ба ФОҶ дар умум тибқи муқаррароти пешниҳодкардашудаи Иванов П.И. дар шакли соддакардашудаи зерин

тасаввур кардан мумкин аст: “баҳогузории қонуният – баратараф намудани қарорҳои ғайриқонунӣ – барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолгардида” [105, с. 136]. Мо бо ин мавқеи муаллиф розӣ буда, моҳияту нақши ҳар яке аз ин зинаҳоро, чунин мешуморем:

а) Вазъи риояи қонуният муайян карда шуда, ҷиҳати мавҷуд будани аломати вайронкунии он баҳо гузошта мешавад;

б) дар сурати вуҷуд доштани ҳолати қонунвайронкунӣ, чораҳои бартараф кардани он дида мешаванд, аз ҷумла, шахсони дар он гунаҳгорбуда ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ (юридикӣ) ҷалб карда мешаванд;

в) оқибатҳои манфии қонуншиканӣ бо роҳи барқарор кардани ҳуқуқҳои шахсони зарардида бартараф карда мешаванд. Аз аломатҳои таркибии модели назоратбарии идоравии мазкур бар меояд, ки Иванов П.И. онҳоро ҳамчун марҳилаҳои амали субъекти роҳбарикунандаро (масалан, сардори воҳиди оперативӣ-ҷустуҷӯӣ) дар ҳолати мавҷуд будани қонунвайронкунӣ пешкаш кардааст, зеро, агар дар навбати аввал, яъне санҷиши вазъи қонуният вайронкунии он ҷой надошта бошад, ҳоҷати ду амали бартарафкунии оқибатҳои қонуншикании дар боло зикргардида ба вуҷуд намеоянд. Аниқтар муқаррароти пешниҳодкардашудаи муаллиф ҳамчун чораҳои вокуниши назоратбарии идоравии роҳбар посух ба қонуншикание мебошад, ки аз ҷониби зердасти ӯ ҳангоми ФОҶ роҳ дода шудааст. Масалан, зарурати мазкур дар натиҷаи шикояти шаҳрванд ё санҷиши фаъолияти кории ваколатдори оперативӣ, ба миён омадааст.

Мафҳуми расмии назоратбарии идоравӣ дар м. 22 Қонуни ФОҶ ба тариқи мухтасар дода мешавад: “Роҳбарони мақомоти амаликунандаи ФОҶ барои риояи қонуният ҳангоми ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ масъуланд” [48, с. 468].

Аз ин лиҳоз ба тафсири меъёри мазкур, ки аз ҷониби Маҷидзода Ҷ.З. дода шудааст муроҷиат мекунем, ки дар он муаллиф маҳфҳуми

назоратбарии идоравиро ба тариқи зайл дарҷ кардааст: “Назорати идоравӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти марказии давлатӣ, роҳбарони МАФОҶ ба фаъолияти мунтазами сохторҳои поёнии идоравӣ, ҳамчунин роҳбарони зинаҳои алоҳида ва қисмҳои дастгоҳ дар шакли шӯъба, гурӯҳ, комиссия, ситод, ки дар фаъолияти онҳо бо супориши сардори таҳлилгари намудҳои фаъолият, дастурҳои беҳдошти сифати корҳои иҷрошуда нигаронида шудаанд ба роҳ монда мешавад” [48, с.468].

Инчунин, профессор Маҷидзода Ҷ.З., қайд мекунад, ки назорати идоравӣ, ки дар ФОҶ ба амал бароварда мешавад дар навбати худ, роҳбари МАФОҶ, ки дар асоси м. 22-и Қонуни ФОҶ мазкур ва меъёрҳои идоравӣ, ки ҷавобгарии касбиро ба зимма доранд, ва ин намуди назорат аз принсипи яккасардорӣ вобастагӣ дорад, бармеояд. Аз моҳияти назорати идоравӣ бармеояд, ки ин як намуди фаъолияти маъмуриест, ки бо ҳамин роҳу восита ва усулҳои азнавташкилкунии унсурҳои ҷудогонаи низоми дорои бо амаликунонии назорати идоравӣ-ташкилии муайян алоқаи зич дорад ё воситаҳои алоҳидаи инкишофи он, қисман бо истифода аз ФОҶ, ки ба самти ҳалли вазифаи хусусӣ ва умумии мубориза бар зидди ҷиноятгорӣ, ҷустуҷӯ ва муайянкунии категорияҳои шаҳрвандон, беҳтар ба роҳнамоии гузаронидани ЧОҶ равона карда шудааст ба тарзи назорат ба амал бароварда мешавад [48, с. 468].

Бо вуҷуди он, ки тафсири додашудаи Ҷ.З. Маҷидзода ҷиҳати мафҳуми назоратбарии идоравӣ барои таҳқиқоти мо аҳаммияти калон дорад ва мо бо мавқеи ӯ дар ин хусус розӣ ҳастем, инчунин онро дар кори илмиамон ҳамчун муқарраროти базавӣ қабул менамоем, таваҷҷуҳамонро ба истилоҳи “назорати идоравӣ” мегузорем, зеро дар Қонуни тафсиркардаи (“Дар бораи ФОҶ”) муаллиф ба тариқи қонунгузори истилоҳи “назоратбарии идоравӣ” мустаҳкам шудааст, ки ин ҳолат истифодабарии онро дар назария, қонунгузорӣ ва амалия талаб мекунад. Вобаста ба ин, гумон кардан ба маврид аст, ки ҷиҳати масъалаи

мазкур муаммои забоншиносӣ (лингвистӣ) мавҷуд дорад, зеро дар забони тоҷикӣ истилоҳҳои “назорат” ва “назоратбарӣ” ҳаммъано мебошанд. Масалан, новобаста аз сохтори (конструксияи) калимаҳои “истифода” ва “истифодабарӣ” онҳо одатан як хел фаҳмида мешаванд, як амалро дар назар доранд. Вале, агар чуқуртар ин истилоҳҳоро таҳлил намоем, муайян мешавад, ки якумаш худи вуҷуди амалро, яъне истифодаро муқаррар мекунад, дуюм шакл бошад, таваҷҷуҳро ба ҷараёни ин амал равона карда, “бурдани” онро дарҷ менамояд.

Аммо, чунин қиёс ба истилоҳҳои “назорат” ва “назоратбарӣ” рост намеояд, зеро агар “истифода” ва “истифодабарӣ” ба як мафҳум мансуб мебошанд, “назорат” ва “назоратбарӣ” дар забони ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузорӣ истилоҳҳои гуногунмаъно ҳастанд. Дар Қонуни ФОҶ дар таҳрири расмии бо забони русӣ коркарду қабулгардидаи қонунгузор (“Закон Республики Таджикистан Об оперативно-розыскной деятельности»”) [9] боби 6 чунин номида шудааст: “Контроль и надзор за оперативно-розыскной деятельностью”, яъне “Назоратбарӣ ва назорат ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” [9].

Қобили зикр аст, ки дар забони русӣ низ доир ба фарқияти байни истилоҳҳои “назоратбарӣ” (“контроль”) ва “назорат” (“надзор”) баҳсҳо мавҷуд мебошанд, зеро сабаби онҳо, аз руи нуқтаи назарамон дар он мебошад, ки агар категорияҳои мазкур шаклан гуногун ҳам бошанд, ҳардуяшон ба як ҳадаф хизмат мекунанд – объекте, ки таҳти назоратбарӣ ё назорат қарор дорад, бояд ба сифати муқарраргардида мувофиқат кунад ва худи амали назоратбариву назоратӣ нисбати объект таъсироти интизомкунанда мерасонад.

Пеш аз таҳлили унсурҳои сохтори мукаммалбудаи низоми назоиатбарии идоравӣ ба ФОҶ, зарурати муайянкунии мазмуну моҳияти истилоҳоти дахлдор, инчунин, аломатҳои тавсифкунандаи он ба миён меояд. Қобили зикр аст, ки то ҳол дар илми оперативӣ-ҷустуҷӯӣ нисбат

ба мафҳуми назоратбарии идоравӣ мавқеъҳои мухталиф вуҷуд доранд ва тафсири ягонаи он дастрас нашудааст.

Масалан, муаллифи аввалини силсилаи китобҳои дарсӣ аз фани “Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳимзода Р.Ҳ. чунин тавсия медиҳад, ки зери мафҳуми назоратбарии идоравӣ бояд фаҳмида шавад: “... фаъолияти роҳбарони мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ оид ба қонунӣ будани амалҳои шахсони мансабдори ин сохторҳо ҳангоми ҳал намудани вазифаҳои ФОҶ, самаранок истифода намудани қувваю воситаҳои сафарбаршуда ва риояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон мебошад. Назоратбарии идоравиро аз болои ФОҶ роҳбарони мақомоти (субъектҳои) амаликунандаи ФОҶ дар асоси Қонуни ФОҶ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ амалӣ менамоянд” [57, с. 587].

Нуқтаи назари дигарро Горяинов К.К. баён мекунад, ки дар муҳтавои истилоҳи “назоратбарии идоравии ба ФОҶ” танҳо ду аломати низоми назоратбариро ҷудо мекунанд – мақсад ва субъектҳое, ки онро амалӣ менамоянд [75, с. 642]. Дигар унсурҳои фаъолияти назоратбарии мазкурро, аз ҷумла объект, самтҳо, вазифаҳо, афзалиятҳо, муаллиф ба инобат намегирад. Ҳайати муаллифон Вагин О.А., Исиченко А.П., Чечетин А.Е. чунин мешуморанд, ки “назоратбарии идоравӣ ба ФОҶ” функсияи роҳбарикунандаи субъектҳои ФОҶ буда, бо мақсади муваффақият ноил гаштан дар ҳалли масъалаҳои пешбининамудаи Қонуни ФОҶ истифода бурда мешавад [27, с. 134].

Дубоносов Е.С., Климов И.А., Кузмин Н.А. [50, с. 387] тафсири назорати идоравиро дода, таваҷҷуҳи худро ба ду аломати ба ҳам алоқаманд ҷалб намудаанд: а) мушаххас кардани предмети фаъолияти мазкур; б) муайян кардани доираи предмети он мувофиқи м. 22 Қонуни федералии Федератсияи Россия “Дар бораи ФОҶ” [22] (мутаносибан ба Қонуни ФОҶ – м. 22). Муаллифон аҳаммияти назоратбариро таъкид намуда, қайд мекунанд, ки он бо худи объекти таъсиррасонӣ – ФОҶ, ки асосан бо қувваҳо, воситаҳо, усулҳо ва чорабиниҳои ғайриошкоро

баргузор мегардад, имконияти назорати шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятиро маҳдуд мекунад. Онҳо дуруст қайд мекунанд, ки навъи назоратбарии мазкур яке аз шаклҳои таъсиррасонии идоравӣ буда, дар дохили ШВКД аз ҷониби роҳбарияти он бевосита ба амал баровarda мешавад.

Горяинов К.К., Черников В.В., Чечетин А.Е. [27, с. 134], [75, с. 642] хусусиятҳои идоравии ин намуди назоратбариро баррасӣ намуда, қайд менамоянд, ки аҳаммияти он дида мешавад дар муайян намудани захираҳои дохилӣ барои баланд бардоштани самаранокии гузаронидани ЧОҶ ва хароҷотҳои захираҳои моддӣ ва пулии барои таъминоти ФОҶ ҷудошуда, инчунин дар халли бомуваффақияти вазифаи аввалиндараҷа – пешгирии вайронкунии эҳтимолии қонунгузории оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.

Барои пуррагӣ ва ҳаматарафагии таҳқиқоти назоратбарии идоравӣ ҷиҳати истифодабарии ФОҶ, на танҳо қонуният, балки дигар унсурҳои онро омӯхтан зарур аст.

Албатта хусусиятҳои назоратбарии идоравӣ ва нозукиҳои онро дар соҳаи ФОҶ кормандони амалия, ки дар давоми собиқаи кориашон дар вазифаҳои гуногуни мақомоти мақомоти ФОҶ кор намуда, таҷрибаи бойи идоракуниро ноил гаштан, пурратар ва чуқуртар дарк менамоянд. Бинобар ин, мавқеи онҳо барои таҳқиқоти мо аҳаммияти калон дорад, зеро олимони ҳуқуқшиносу яквақта роҳбарони мақомоте, ки дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар сафи аввал қарор доранд, ҳамчун мутахассисони кордида, ба рушди ФОҶ саҳми арзандаи худро гузошта истодаанд.

Яке аз чунин ходимони илм З.Ҷ. Маҷидзода мебошад, ки вобаста ба мавзуи мазкур мегуяд: “Таҷриба нишон медиҳад, ки маҳз роҳбари масъулиятшинос ва ҳисси ҷавобгарӣ дошта роҳ намедиҳад, ва кушиш менамояд, ки аз ҷониби зердастон дар вақти гузаронидани ЧОҶ ва амалисозии ФОҶ ба риояи ҳуқуқ, озодӣ ва эҳтироми инсон ва шаҳрванд, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт шудаанд роҳ дода

нашавад. Дар ҳолати хунукназарӣ ва бепарвоӣ зоҳир кардани роҳбарон, аз ҷониби зердастон, албатта, ба камбудӣ ва норасоиҳои зиёд роҳ медиҳанд, ки оқибат ё ба курсии ҷиноӣ ва маҳрум сохтан аз озодӣ худи роҳбарро ва корманди оперативиро оварда мерасонад. Барои ҳамин, маҳз ҳиси масъулияшиносӣ ва боз ҳам ҳисси ҷавобгарӣ доштани роҳбари мақомоти амаликунандаи салоҳиятдори ФОҶ, маҳз ба оқибатҳои натиҷаовари ЧОҶ, ки аз ҷониби кормандони оперативӣ гузаронида мешавад бо риояи қонуни ФОҶ ба пешгирӣ, огоҳонидан ва сари вақт кушодани ҷиноят оварда мерасонад, ки ин сазовори пеш аз хама пешгирии суқасд ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мегардад” [48, с. 470].

Аммо, дар адабиёт нуқтаи назаре, ки ба муқобили назоратбарии идоравӣ баромад мекунад низ мавҷуд дорад. Масалан, Железняк Н.С. [40, с. 316] тарафдои он аст, ки м. 22 “Назоратбарии идоравӣ”, ки онро “сӯрохии сиёҳ” номидааст аз Қонуни федералии “Дар бораи ФОҶ” хориҷ карда шавад. Албатта, бо дарназардошти аҳаммияти калони назоратбарии идоравӣ дар соҳаи ФОҶ мо бо пешниҳоди олим розӣ шудан наметавонем, вале эроди ӯ оид ба вуҷуд доштаниит камбудиҳо дар назоратбарии идоравӣ дар соҳаи ФОҶ асоснок мебошад.

Инро Козусев А.Ф. низ тасдиқ намуда, қайд мекунад, ки самаранокии назоратбарии идоравӣ аз нуқтаи назари объективӣ нисбатан паст мебошад, зеро роҳбарони воҳидҳои оперативии алоҳида бо вуҷуди афзалияти вазифаҳои идоравие, ки кушодани ҷиноятҳо ба воситаи ФОҶ талаб менамоянд, дар ошкор кардани қонунвайронкуниҳои ҳангоми он роҳдодашуда манфиатдор нестанд [148, с. 41-45].

Муаллиф аниқ менамояд, ки самтгирӣ ба нишондодҳои миқдорӣ дар аксари ҳолатҳо боиси дуршавӣ аз талаботи қонуният ва сифат мегардад. Аммо, ҳатто ошкор намудани ҳолатҳои вайронкунии талаботи қонун дар ин соҳа, таъини ҷазои интизомӣ, на танҳо сабабҳо ва

мутаносибан низоми ин вайронкуниҳоро бартараф намекунад ва аз байн намебарад, балки баръакс, баҳри ноил шудан ба нишондоҳои зарурии идоравӣ ақидаи зердастонро дар хусуси роҳ додани чунин камбудиҳо ташаккул медиҳад. Пӯшида будани натиҷаҳои санҷишҳои идоравӣ ба роҳбарон имконят медиҳад, ки мувофиқи хоҳиши худ қарор қабул намоянд [148, с. 41-45].

Ҳамин тариқ, маҷмӯи ин хусусиятҳои назорати идоравӣ дар умум ҳама ҷанбаҳои асосии онро дарбар гирифта, бо ҳамин мустақилияти онро дар низоми назорати давлатӣ ҷиҳати ФОҶ, алалхусус, истифодабарии натиҷаҳои онро таъкид менамояд.

Назоратбарии идоравӣ баҳогузории сатҳи риояи қонуният, асоснокӣ ва самаранокии ФОҶ-ро дарбар гирифта, барои пешгирии қабули қарори ғайриқонунӣ ва барқарор кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии поймолшудаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мусоидат мекунад, инчунин ба роҳбар ҳангоми иҷрои функсияи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар қабул кардани қарори мустақилона кумак мерасонад.

Назоратбарии идоравӣ яке аз шаклҳои таъсироти идоракунӣ мебошад, ки дар дохили мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бевосита аз ҷониби роҳбарон ва шахсони мансабдори ваколатдошта тибқи м. 22 Қонуни ФОҶ амалӣ карда мешавад.

Мақсадҳои назорати идоравӣ инҳоянд:

- саривакт пешгирӣ намудани вайронкунихои конун ва ошкор намудани камбудиҳо дар ҷараёни ФОҶ;

- муайян кардани мутобиқати ин фаъолият ба талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии идоравӣ;

- таъмини низоми махфият ва амнияти шаҳрвандоне, ки бо мақомоти амаликунадаи ФОҶ дар асоси пинҳонкорӣ ҳамкорӣ менамоянд;

- ба ҷавобгарӣ кашидани шахсоне, ки тартиби гузаронидани амалиётҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва барасмият даровардани ҳуҷҷатҳои оперативӣ-ҷустуҷӯии муқарраркардашудаи қонун ва низомномаи идоравиро вайрон мекунанд.

Вобаста ба ин, Раҳимзода Р.Ҳ. тавсия медиҳад, ки барои ба мақсади назоратбарии идоравӣ ноил шудан як қатор масъалаҳоро амалӣ намудан зарур аст, аз ҷумла:

- санҷиши асос, ташкил ва тактикаи гузаронидани ЧОҶ;

- назоратбарӣ ҷиҳати фаврану ҳаматарафа ва бо таври оперативӣ санҷидани аризаю хабарҳо оид ба ҳодисаи ҷиноятӣ;

- санҷиши риояи қоидаҳои пинҳонкорӣ (конспиратсия);

- дарёфт намудани роҳҳои дигар оид ба самарабахш гузаронидани ЧОҶ, мукаммал ва такмил додани ташкил ва тактикаи ФОҶ, хароҷоти самараноки воситаҳои моддӣ ва пулӣ барои таъмини он;

- огоҳонидан ва пешгирӣ намудани эҳтимолияти вайрон намудани қонунгузории оперативӣ-ҷустуҷӯӣ;

- таъмини амнитяти иштирокчиёни ЧОҶ, назорати иҷрои уҳдадориҳои қарордод аз ҷониби шахсоне, ки бо мақомот ҳамкорӣ мененамоянд ва таъмин кардани ҳимояи ҳуқуқӣ ва иҷтомоии онҳо” [53, с. 452].

Бо дарназардошти он, ки назоратбарии идоравӣ ин вазифаи идоракунии роҳбарон мебошад, бинобар онҳо:

- оид ба гузаронидани корҳо барои амалӣ намудани санҷиши оперативӣ супориш медиҳанд;

- барои оғоз намудани парвандаи баҳисобгирии оперативӣ розигӣ медиҳанд;

- муҳлат, тартиб ва пешбурди ҳаматарафаи онро назоратбарӣ мекунанд;

- асоснокии қатъ кардани онҳоро месанҷанд;

- нақшаи чорабиниҳоро тасдиқ менамоянд;

- оид ба аз ҷониби дигар воҳидҳои мақомот гузаронидани ЧОҶ вазифагузорӣ ва қарор қабул мекунанд;

- қарор таҳия намуда, барои гузаронидани ЧОҶ дархост пешниҳод менамоянд;

- додани маблағҳои пулиро барои хароҷоти оперативӣ тасдиқ мекунанд;

- ҳисоботи иштироккунандагони ЧОҶ-ро шунида, ба онҳо супориши иҷроишаш ҳатмиро медиҳанд;

- бо шахсоне, ки хоҳиши бо воҳидҳои ФОҶ ҳамкорӣ карданро доранд, қарордод мебанданд;

- маълумоти оперативиро таҳлил карда, хулоса мебароранд ва аз рӯйи он барои гузаронидани чорабиниҳо супориш медиҳанд;

- арзу шикоятҳои шаҳрвандонро, аз ҷумла нисбати ҳаракатҳои ғайриқонунии шахсони мансабдор, баррасӣ менамоянд [57, с. 588-589].

Шаклҳои асосии назорати идоравӣ инҳоянд:

1) шиносоии шахсии шахси мансабдор бо ҳуҷҷатҳои оперативӣ ва расмие, ки зарурат ва асоснокии гузаронидани мониторинги оперативиро тасдиқ мекунанд;

2) иштироки шахсии сардори воҳиди оперативӣ дар гузаронидани амалиёти оперативӣ ё назорат аз рафти он ва иҷрои он, чун қоида, дастури хаттӣ додан;

3) таҳлили расмиёти амалиёте, ки дар маҷлиси оперативи гузаронида мешавад;

4) шунидани суханони кормандони алоҳидаи оперативӣ оид ба масъалаҳои самаранокии фаъолияти оперативӣ;

5) баррасии ҳуҷҷатҳо оид ба харҷи маблағҳои молиявӣ ҳангоми тафтиши оперативӣ;

6) шинос намудани сардори воҳиди оперативӣ бо парвандаҳои баҳисобгирии оперативӣ;

7) омухтани афкори ҷамъиятӣ дар бораи фаъолияти звенои оперативии пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноятҳо ва ғайра.

Ҷиҳати муҳлати ба амал баровардани назорати ғайриидоравӣ онро ба навъҳои зерин тақсим кардан мумкин аст: а) пешакӣ; б) ҷорӣ; в) минбаъда.

Субъектҳои назоратбарии идоравӣ ҷиҳати истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ МАФОҶ мебошад, ки дар мод. 13 Қонуни ФОҶ нишон дода шудааст. Дар қ. 1-и Қонуни мазкур мақомоти зерин нобар шудаанд, ки ҳамзамон дар м. 40 КМҶ ҶТ низ ҳамчун мақомоти таҳқиқ муаррифӣ мешаванд:

- мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақомоти мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақомоти адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақомоти назорати маводи нашъаовари Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Қисми 3-и Қонун пешбинӣ менамояд, ки МАФОҶ вазифаҳои муайянкардаи Қонуни мазкурро танҳо дар доираи ваколати худ, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунанд, иҷро менамоянд.

Дар қ. 4 ба салоҳияти мақомоти мазкур функсияи ҳуқуқэҷодкунӣ дода шудааст, ки дар доираи он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тартиб, ташкил ва тактикаи гузаронидани ЧОҶ ва ҳаракатҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунанда қабул менамоянд.

Ҳамин тариқ, аз муҳтавои меъёрҳои баррасишудаамон бар меояд, ки роҳбари мақомоти ФОҶ барои ташкил ва амалигардонии нақши

назоратбарандагиро дар сатҳи қонунгузорӣ бо ваколати кофи таъмин карда шудааст. Аз маънои меъёрҳои мазкур бармеояд, ки ҳадди ҳуқуқҳои роҳбари назоратбаранда дар чорчӯбаи қонун ҷой мегирад ва ӯ имконият дорад, ки санади зерқонунии идоравиро қабул намояд, масалан, дар хусуси талабот ба зердастонаш оид ба интизоми хизматӣ ва риояи қонуният ҳангоми гузаронидани ЧОҶ, пешниҳод ва истифодабарии натиҷаҳои он ба мақомоти тафтишоти пешакӣ, суд ва прокурори ваколатдор.

Уҳдадориҳои МАФОҶ, ки дар м. 14 Қонуни номбурда оварда шудаанд, барои роҳбари мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ метавонад яквақта ҳам уҳдадориҳо ва инчунин ба сифати самтҳои назоратбарии ӯ хизмат кунанд. Аз ин лиҳоз, баррасӣ намудани уҳдадориҳои зерин, ки ба роҳбари мақомот ва тобеонаш бевосита вогузор шудаанд, барои пурратар кушодани моҳияту хусусиятҳои хоси фаъолияти назоратбарии ӯ мусоидат менамояд. Мутобиқи м.14 Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ": "Ҳангоми ҳалли вазифаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии дар Қонуни мазкур муайяншуда мақомоти барои амалӣ намудани он ваколатдор ӯҳдадоранд:

- дар доираи ваколати худ барои ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, моликият, ҳамчунин, барои таъмини амнияти ҷамъият ва давлат тамоми чораҳои зарурииро андешанд;

- дар доираи ваколати худ супоришҳои хаттии мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва қарори судро (судяро) оид ба гузаронидани ЧОҶ аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятие, ки дар пешбурди онҳо қарор доранд, иҷро намоянд;

- дар асос ва бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ ва шартномаҳои байналмилалии ҶТ дархости созмонҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти махсуси дахлдори давлатҳои хориҷиро иҷро намоянд;

- ба мақомоти дигаре, ки дар ҳудуди ҶТ ФОҶ-ро амалӣ мегардонанд, оид ба фаъолияти зиддиҳуқуқии ба онҳо маълумшуда, ки ба ваколати ин мақомот мансубанд, хабар диҳанд ва ба онҳо кӯмаки зарурӣ расонанд;

- қоидаҳои пинҳонкориро (конспиратсияро) ҳангоми амалӣ намудани ФОҶ риоя намоянд;

- барои таъмини амният ва маҳфуз доштани молу мулки кормандони худ, шахсони ба МАФОҶ мусоидаткунанда, иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва ҳамчунин хешовандони наздики онҳо аз таҷовузҳои ҷиноятӣ бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории ҶТ мусоидат намоянд” [9].

Аз ин лиҳоз, барои пешгирии қонуншиканӣ ва ҷиноятҳои “мансабӣ” (*Боби 31. Ҷиноятҳо ба муқобили тартиби идоракунӣ: моддаҳои: 314 (Суиистифода аз ваколати мансабӣ); 315 (Бемалӣ дар иҷрои вазифа); 316 (Баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ); 319 (Гирифтани пора); 322 (Хунукназарӣ); 323 (Сохтакории хизматӣ); 324 (Гирифтани мукофот бо роҳи тамаҷӯӣ); Боби 32. Ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ: 348 (Дидаю дониста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси бегуноҳ); 354 (Аз ҷониби шахси таҳқиқи ибтидоӣ тафтиши пешакӣ гузаронида ё адолати судиро татбиқкунанда маҷбур сохтан ба додани нишондод; 357 (Ғайриқонунӣ дастгир ё ҳабс намудан); 359 (Сохтакории далелҳо); 360 (Ғайриқонунӣ озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ); 361 (Фош кардани маълумоти таҳқиқи ибтидоӣ ё тафтиши пешакӣ); 362 (Ҳаракати ғайриқонунӣ нисбати амволе, ки рӯйхат шудааст, ё ба вай ҳабс гузошта шудааст, ё ин ки мусодира карда мешавад; 363 (Иҷро накардани ҳукми суд, ҳалномаи суд ё санади дигари судӣ) ва ғ.*) дар байни ҳайати шахсии ҳангоми иҷрои вазифаҳо, субъекти назоратбарии идоравӣ (роҳбари мақомот) бояд вобаста ба ҳуқуқҳои МАФОҶ-ии пешбининамудаи м. 15-и Қонуни ФОҶ назоратбариро аз болои зердастонаш ба роҳ монад:

- тибқи моддаи 6-и Қонуни мазкур, ЧОҶ мумкин аст ҳам ба таври ошкор ва ҳам ғайриошкор гузаронида шаванд. Дар ҷараёни онҳо мақомоти дахлдор ҳуқуқ доранд ҳуҷҷатҳо, ашё, мавод ва маълумоти заруриро ба даст оранд.

Ҳамчунин, дар ҳолатҳои истисноӣ, ки таҳдиди ҷиддӣ ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон ё амнияти давлатӣ, ҷамъиятӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ва экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд дорад, метавонанд ба таври муваққатӣ хизмати алоқаро қатъ намоянд.

Илова бар ин, мақомоти мазкур метавонанд: бо шахсоне, ки хоҳиши кӯмакрасонӣ ба мақомоти оперативиро доранд, новобаста аз он ки чунин кӯмак пулакӣ ё ройгон аст, ҳамкории махфиро ба роҳ монанд;бо мувофиқа ё шартнома аз биноҳои хизматӣ, молу мулки корхонаҳо, муассисаҳо, қисмҳои ҳарбӣ, хонаҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, воситаҳои нақлиёт ва дигар амволи шаҳрвандон истифода баранд; бо мақсади риояи махфият ҳуҷҷатҳои махсусеро истифода намоянд, ки шахсияти кормандон, мансубияти ташкилотӣ, инчунин тааллуқ доштани биноҳо ва воситаҳои нақлиётро ба мақомоти оперативӣ пинҳон мекунанд; ҳуҷҷатҳоеро истифода кунанд, ки шахсияти шаҳрвандони махфиёна ҳамкориро муҳофизат мекунанд; якҷо бо дигар мақомоти амаликунандаи чорабиниҳои оперативӣ нақшаҳои амалиётҳои махсус ва маҷмуиро барои ошкор намудан ва дастгир кардани ҷинояткорон таҳия ва амалӣ намоянд.

Бо дарназардошти муқаррароти дар боло зикргардида, вобаста ба нақшу аҳаммияти назоратбарии идоравӣ дар соҳаи ФОҶ ва низоми мурофиаи ҷиноятӣ, аниқ кардан лозим аст, ки фаъолияти назоратбарии мазкур ду тарафи бо якдигар пайвасташударо дар бар мегирад:

1) Ҷараёни ФОҶ, чорабиниҳои он;

2) Истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ (ЧОҶ).

Дар чорчӯбаи таҳқиқоти илмиамон, ҳарду ин тарафҳо аҳаммияти баробар доранд, зеро худи ФОҶ ба тавассути истифодабарии

натиҷаҳояш дар мурофиаи ҷиноятӣ саҳми хешро мегузорад. Дар рафти назоратбарии судӣ, назорати прокурорӣ ва назоратбарии идоравӣ мақомоту (суд, прокуратура, идора) шахси мансабдори (судя, прокурор, сардори идора) ваколатдор ҷараёни истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ-ро зери назорат гирифта, таваҷҷуҳи хешро ба сифати ЧОҶ, ки дар ҳуҷҷатҳо инъикос гардидаанд, дар хусуси мувофиқат кардани онҳо (маводи оперативӣ) ба талаботи аз ҷониби қонун нисбати "натиҷаи ФОҶ" пешбинишуда, баҳогузорӣ менамоянд.

Аз ин лиҳоз, рафти ФОҶ (ЧОҶ) марҳилаи аввалин буда, истифодабарии натиҷаҳои он бошад, ҳамчун марҳилаи дуюм ҳисобидан мумкин аст. Инчунин, қобили зикр аст, ки ФОҶ на танҳо махсусан бо мақсади истифодабарии натиҷаҳои он дар мурофиаи ҷиноятӣ аз ҷониби субъектҳои қайдкардашуда таҳти назорат гирифта мешавад, балки дар марҳилаи гузаронидани ЧОҶ низ ба саҳми онҳо гузошта мешавад. Дар баъзе ҳолатҳо, субъектҳои мазкур дар ҳамбастагӣ фаъолияти назоратиро (назоратбариро) ҷиҳати ФОҶ ба амал мебароранд. Масалан, барои гузаронидани ЧОҶ-е, ки тибқи қонунгузорӣ иҷозати судя ҳатмист, сардори воҳиди оперативӣ (шуъбаи кофтукови ҷиноятӣ) ё роҳбарияти мақомот (муовини сардори ШВКД оид ба корҳои оперативӣ), бо зердастонаш оид ба зарурати ЧОҶ машварт мекунанд, сипас, бо розигии прокурори ваколатдор барои иҷозат гирифтан ҷиҳати чорабинии ба нақшагирифташуда, тариқи расмӣ ба суд мурочиат менамоянд.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқоти гузаронидагиамон ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Назоратбарии идоравӣ воситаи муҳимми таъмини қонуният на танҳо дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, балки дар мурофиаи судии ҷиноятӣ аҳаммияти дахлдор дорад. Хусусияти назоратбарии идоравӣ дар он тавсиф меёбад, ки вазифаи мазкур аз ҷониби МАФОҶ сурат

мегирад. Яъне ин функсия феълан худназоратбарӣ мебошад, зеро он дар дохили идора – МАФОҶ баргузор мегардад.

2. Аз матни Қонуни ФОҶ бар меояд, ки назоратбарии идоравӣ аз тарафи роҳбарони амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ барои риояи қонуният ҳангоми ташкил ва гузаронидани чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ иҷро мешавад. Бо дарназардошти оне, ки ба ғайр аз ин муқаррарот дар Қонуни мазкур ҷиҳати назоратбарии идоравӣ дигар муқаррарот дида намешавад ва сохтори МАФОҶ ба инобат гирифта, роҳбарони онро ба ду зина ҷудо кардан мумкин аст: роҳбарони бевоситаи воҳиди оперативӣ ва роҳбарияти мақомоте, ки дар сохтораш воҳиди оперативӣ вуҷуд дорад.

3. Назоратбарии идоравӣ яке аз вазифаҳои роҳбарикунандаи МАФОҶ ба шумор меравад. Бинобар он, ки мақомоти мазкур ҳангоми фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ тарзу усулҳо ва воситаҳои ғайриошкоро истифода мебарад, маълумот оид ба рафти ҷорабиниҳои он ва натиҷаҳояшон тибқи талаботи қонун барои атрофиён ноайён ва пӯшида мебошад. Аз ин ру, эҳтимолияти вайронкунии қонун дар ҷараёни фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷониби воҳидҳое, ки чорабиниҳои онро амалӣ менамоянд, меафзояд. Маҳз ин ҳолат назоратбарии идоравиро ҷиҳати фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва хусусан истифодабарии натиҷаҳои он аз ҷониби мақомоти амаликунандаи фаъолияти мазкур талаб менамояд.

4. Хусусияти хоси фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки дар низоми махфӣ ва пӯшида инъикос мегардад барои назорати прокурорӣ ва назоратбарии судӣ мушкилӣ ҷиҳати дастрасии ҳуҷҷатҳои оперативӣ ва маълумотҳо вобаста ба чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба миён меорад. Мақомоти суд ва прокуратура ҳангоми амалҳои пешбиникардашудаи қонунгузории соҳавӣ оид ба дастрас кардани ҳуҷҷату маълумоти оперативии мазкур на дар ҳама ҳолатҳо натиҷаҳои дилхоҳ ноил мегарданд, зеро МАФОҶ манфиати идоравиро дастгирӣ

карда метавонад асоснок ё бе асоси кофӣ ба ҳадафи онҳо мамоният гузорад. Дар ҳолати пешбининамудаи қонунгузории соҳавӣ, ҳадди назорати прокурорӣ ва назоратбарии судӣ ба прокуратура (прокурор) ва суд (судя) маҳдудият муқаррар менамояд ва назоратбарии идоравӣ ба он қисми фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ назоратнашударо (аз ҷониби прокурору судя) паҳн мегардад ва онро пурра дар бар мегирад.

5. Камбудии назоратбарии идоравӣ дар он мебошад, ки МАФОҶ яквақта ду вазифаи (функсияи) алоҳидаро, яъне фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва назорати онро иҷро мекунад. Дар мақомоти мазкур иҷрои вазифаҳои пешбининамудаи Қонуни ФОҶ ва КМҶ ҶТ самти афзалиятнок ба шумор меравand, зеро самаранокии фаъолияти он бевосита аз натиҷаи иҷроишашон ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар ин замина риояи қонуният ва назоратбарии идоравӣ мубрам бошанд ҳам дар низоми манфиатҳои идоравӣ ҷои дуюмдараҷаро ишғол мекунанд, ки ин ҳолат ба талаботи қонун мухолифат мекунад. Ҳолати мазкур, ба фикри мо, дар таҷрибаи МАФОҶ аз даврони Иттиҳоди Шуравӣ боқимонда, то ҳол дар таҷрибаи ин мақомот давом дорад ва агар роҳбарияти он аз паси нишондиҳандаҳои ҳисобӣ шавад ва ба нишондиҳандаҳои сифатӣ таваҷҷуҳ надиҳанд, зуҳуроти мазкур хоҳад монд. Бинобар ин, назорати прокурорӣ ва назоратбарии судӣ бояд камбудиҳои назорати идоравиро ба қадри имкон ҷуброн намоянд.

## § 3.2. Назорати прокурорӣ бобати риоя ва иҷрои қонунҳо вобаста ба истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ

“Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти прокуратура аз Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад” [5] (м. 3 ҚК ҶТ “Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ”). Илова бар ин, дар м. 6 (Принсипҳои ташкил ва фаъолияти мақомоти прокуратура) қайд мешавад, ки “Мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатҳои худро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии мазкур, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои меъёрии Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар доираи салоҳияташ қабул намудааст, иҷро менамоянд” [5]. Ба охирин, масалан, масуб дорад, Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба таъмини риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ».

Боби 9-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (м.м. 93–97) пурра ба фаъолияти мақомоти прокуратура бахшида шудааст. Моддаи 93 муайян мекунад, ки “назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар қаламрави Тоҷикистон Прокуратураи генералӣ ва прокурорҳои тобеи он дар доираи ваколати худ татбиқ менамоянд” [4]. Мустақилияти Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он, инчунин, норавогии дахолат ба фаъолияти онҳо аз тарафи дигар мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор дар м. 96 мустаҳкам карда шудааст.

Моддаи 95-и Конститутсия ба Қонуни конститутсионии “Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ” ишора карда, танзими фаъолият, салоҳият ва сохтори мақомоти прокуратураро ба зиммаи он гузоштааст.

Бинобар ин, таҳлили Қонуни конститутсионии номбурда барои муайян кардани мавқеи мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти давлатӣ, инчунин, функсияи назоратии он дар соҳаи ФОҶ, алалхусус бобати риоя ва иҷрои қонунҳо вобаста ба истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ мувофиқи мақсади таҳқиқотамон мебошад.

Таърихи 25 июли соли 2005 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳти рақами 107 қабул гардида, то имрӯз эътибори ҳуқуқии худро нигоҳ доштааст [5]. Аз ному муҳтавои ин Қонуни бармеояд, ки он санади меъёрии ҳуқуқиест, ки хусусан, фаъолияти мақомоти прокуратураро ба танзим медарорад. Амалигардонии Қонун дар фазои ҳуқуқии Қонунгузории Тоҷикистон ҷойгир буда, вобаста ба самтҳои фаъолияти прокуратура бо дигар санадҳои ҳуқуқии ҷумҳурӣ ва байналмилалии дахлдор дар ҳамбастагӣ сурат мегирад.

Мақом ва вазифаи прокуратура ҳамчун мақомоти давлатии назораткунанда дар моддаи 1-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин муайян шудааст: «Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ягона ва марказонидашуда буда, вазифаи асосии он дар доираи салоҳияти худ назорати иҷрои дақиқ ва ягонаи қонунгузорӣ дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ғайр аз ин, прокуратура вазифаҳои дигари пешбинишуда дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни мазкур ва дигар қонунҳоро иҷро мекунад» [5].

Ҳамзамон, аз муҳтавои қ. 1 м.1 Қонуни зикршуда бармеояд, ки фаъолияти прокуратура танҳо назорати риояи қонунҳоро дар бар

мегирад ва ба санадҳои меъёрии дохилиидоравии мақомоти таҳти назораташ дахл надорад.

Дар м. 2 Қонуни мазкур мафҳуми “прокурор” тафсир дода шудааст. Аз он фаҳмида мешавад, ки роҳбарияти мақомоти прокуратура, аз Прокурори генералӣ ва муовинонаш сар карда, то прокурорҳои зинаҳои поёнӣ, новобаста аз вазифаи ишғолкардаашон, дар умум ба ҳайси прокурор баромад мекунанд.

Дар м. 4 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”қайд карда мешавад, ки: “вазифаҳои мақомоти прокуратура аз таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ бо мақсади ҳифзи: соҳибихтиёрӣ, истиқлолияти давлатӣ, тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҳуқуқи иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; асосҳои сохтори демократии ҳокимияти давлатӣ, вазъи ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, дигар мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар сохторҳои ғайридавлатӣ иборат мебошад” [5].

Дар м. 5. Самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура дар м.5 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” номбар гардидаанд:

“- назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- назорат ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз тарафи ҳамаи сохторҳо ва шахсони мансабдоре, ки дар сархати якуми қисми якуми моддаи мазкур зикр шудаанд;

- назорат ба риоя ва иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки бар зидди ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар мубориза мебаранд, инчунин, мақомоте, ки бо ФОҶ, таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ машғул мебошанд;

- ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, манфиатҳои давлат, шаклҳои гуногуни моликияти давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар мурофиаи судӣ;

- назорат ба риоя ва иҷрои қонунҳо дар ҷойҳои нигоҳдории боздоштшудагон, ҳабси пешакӣ, ҳангоми иҷрои ҷазо ва дигар чораҳои дорои хусусияти маҷбуркунӣ, ки суд муқаррар мекунад;

- назорат ба риояи қонунҳо ҳангоми иҷрои ҳалномаҳои судӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои иҷро, ки қонун муқаррар намудааст, аз ҷониби иҷрочиёни мақомоти иҷро ва дигар мақомоти ваколатдор;

- тафтишоти ҷиноятҳо;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва пешгирии он, ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо;

- иштирок дар баррасии парвандаҳо аз ҷониби судҳо;

- эътироз, шикоят ва ариза овардан нисбати фармон, ҳалнома, ҳукм, таъинот ва қарорҳои судҳо, ки хилофи қонун мебошанд” [5].

Моддаи 35-и Қонуни мазкур пешбинӣ менамояд, ки: “прокурор иштирокчии мурофиаи судӣ буда, бо дигар иштироккунандагон ҳуқуқи баробар дорад ва ваколати прокурори дар маҷлиси суд иштироккунандаро қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд” [5].

Дар м. 36 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” қайд карда мешавад, ки “иштироки прокурор дар баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ҳолатҳое, ки қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, ҳатмист. Прокурор метавонад дар ҳар давраи мурофиаи судии ҷиноятӣ ба баррасии парванда ворид шавад. Инчунин, прокурор дар доираи салоҳияти худ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ айбдоркуниро аз номи давлат дастгирӣ менамояд” [5].

Ҳамин тариқ, муқаррароти меъёрҳои Қонуни конститутсионии “Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ” дар боло овардашуда қисми асосҳои ҳуқуқии фаъолияти прокурорро ташкил намуда, ҳамзамон назорати прокурориро бобати риоя ва иҷрои қонунҳо вобаста ба истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ танзим мекунанд. Аммо, бо вуҷуди ин меъёрҳо, соҳаи ФОҶ ҳамчун самти алоҳидаи назорати прокурорӣ буда, дорои хусусиятҳо аст, ки қонунгузор лозим шуморидааст, ки махсус барои амалигардонии Қонуни мазкур муқаррароти танзимкунандаи онро ҷорӣ намояд.

Боби 4 Қонуни мазкур назорати прокурорӣ ба иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки ФОҶ, таҳқиқу тафтиши пешакиро ба амал мебароранд ба танзим медарорад.

Тибқи м. 30 Қонуни конститутсионии “Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ” ба предмети назорати прокурорӣ ба иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки ФОҶ, таҳқиқу тафтиши пешакиро ба амал мебароранд мансуб доранд:

“- риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

- бо тартиби муқарраркардаи қонун ҳаллу фасл намудани аризаҳо ва хабарҳо дар бораи ҷиноятҳои тайёршаванда, содиршаванда ва содиршуда;

- гузаронидани ЧОҶ бо мақсади ошкор намудани ҷиноятҳо ва ҷустуҷӯи ҷинояткорон;

- кофтукови далелҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ;

- гузаронидани таҳқиқу тафтиши пешакӣ;

- қонунӣ будани қарорҳои қабулкардаи онҳо” [5].

Моддаи 31 Қонуни конститутсионии “Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ” ваколати прокурор дар соҳаи ФОҶ ва таҳқиқу тафтиши пешакӣ муайян мекунад, ки аз ҳуқуқҳои зерин иборат мебошад:

“- қонунӣ будани гузаронидани ЧОҶ, истифодаи воситаҳои илмӣ-техникиро санҷад;

- аз мақомоти дахлдор парвандаҳои баҳисобгирии оперативӣ, мавод, ҳуҷҷатҳо ва дигар маълумотро дар бораи рафти ФОҶ барои тафтиш талаб намояд;

- муроҷиатҳоро оид ба амал ва қарори мансабдорони дахлдор санҷад ва баррасӣ намояд;

- қарорҳои ғайриқонунӣ ва беасоси мансабдорони мақомотеро, ки ФОҶ-ро ба амал мебароранд, бекор кунад;

- ба муфаттиш ва таҳқиқбаранда барои муроҷиат намудан бо дархост ба суд оид ба татбиқи чораҳои пешгирӣ дар намуди ба ҳабс ва ҳабси хонагӣ гирифтан, дар бораи дароз кардани муҳлати онҳо, чораҳои маҷбурии мурофиавии муваққатан дур кардан аз вазифа, ҳабси молу мулк, маблағҳои амонатӣ, суратҳисобҳои бонкӣ, коғазҳои қиматнок, кофтуков, ёфта гирифтан, ҳабс ва гирифтани муросилоти почтаю телеграф, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигаре, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол меёбанд, гӯш кардан ва сабти гуфтугӯи телефонӣ ё гуфтугӯҳо бо истифодаи воситаҳои дигари алоқа ва дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гузаронидани ЧОҶ розигӣ диҳад;

- барои татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди гарав розигӣ диҳад;

- дигар амали пешбиникардаи қонунро иҷро намояд” [5].

Таҳлили ҳуқуқии боби 4 Қонуни конститутсионӣ “Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ” нишон медиҳад, ки дар он қонунгузор назорати прокурориро ба субъектҳое, ки бо амалигардонии ФОҶ, пешбурди тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ машғул мебошанд, яъне итирокчии мурофиаи ҷиноятӣ муқаррар менамояд. Бинобар ин дар м. 30 қайд карда мешавад, ки ваколати прокурорро ҳангоми назорат ба риояи қонунҳо аз ҷониби мақомоти таҳқиқу тафтиши пешакӣ қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ муайян менамояд, яъне меъёри мазкур тартиби ба амал баровардани фаъолияти назоратии прокуроро дар соҳаи пешбурди

мурофиаи судии ҷиноятро пурра накушода, функсияи танзимкунандагии онро ба зиммаи Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ мегузорад. Инчунин, дар моддаи мазкур таъкид карда мешавад, ки дастури Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои тафтишу таҳқиқи пешакӣ, ки танзими қонуниро талаб намекунад, барои иҷро ҳатмӣ мебошад.

Ба ғайр аз ин, аниқ кардан ба маврид аст, ки розигии прокурор дар ҳолатҳои пешбининамудаи м. 30 Қонуни мазкур ва меъёрҳои КМҶ ҶТ ба МАФОҶ, инчунин, муфаттиш ва таҳқиқбаранда имконият медиҳад, ки бо дастгирии прокурор оид ба гузаронидани чорабиниҳои лозимӣ барои гирифтани иҷозат ба суд муроҷиат намоянд.

Ҳамин тариқ, бо ишораи Қонуни конститутсионии баррасигардидаамон, баъзе меъёрҳои қонунгузори мурофиавии ҷиноятиро, ки бевосита назорати прокурорӣ ҷиҳати риоя ва иҷрои қонунҳо вобаста ба истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ ба танзим медароранд, таҳлил хоҳад кард. Қонунгузории мурофиавӣ асосан дар шакли КМҶ ҶТ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки Кодекси мазкур ба онҳо ишора мекунад, инъикос мегардад.

Чуноне, ки қаблан қайд карда будем, Қонуни ФОҶ дар ҳамбастагӣ бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амал мекунад. КМҶ ҶТ дар ин радиф умуман соҳаи мурофиаи ҷиноятиро дар бар мегирад, ки ФОҶ низ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи низоми он бо риояи тартиби муқараргардидаи Кодекси мазкур аз ҷониби мақомоти дахлдор ба амал бароварда мешавад. Ҳамзамон, прокурор дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ дар асоси Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ", ки барои ӯ феълан ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти идоравӣ ба шумор меравад, ва бо дастрасии қонуну қоидаҳои муқарраршудаи КМҶ ҶТ фаъолияти назоратиашро иҷро менамояд.

Фаъолияти назоратии прокурор дар самти ФОҶ дар асоси м. 21 Қонуни ФОҶ ба амал бароварда мешавад. Дар қ. 1-и м. 21 пешбинӣ

шудааст, назорати иҷрои Қонуни мазкур аз ҷониби Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокурорҳои тобеи он дар доираи ваколатҳояшон амалӣ карда мешавад. Аз матни муқаррароти меъёри мазкур бар меояд, ки предмети назорати прокурорӣ иҷрои Қонуни ФОҶ мебошад, яъне мантиқан фаъолияти назоратии прокурор ҳама амалҳое, ки дар Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст ва дар асоси он баргузор мегарданд, дарбар мегирад. Ба фикри мо, қонунгузор бо чунин тасвият доира назорати прокурориро тариқи мушаххас ба иҷрои Қонун вобаста кардааст, зеро агар ба ҷойи ин бевосита “ФОҶ” ё “соҳаи ФОҶ” дарҷ гардид, ваколати назоратии прокурор васеътар шуда, на танҳо иҷрои Қонун, балки ҷараёни ФОҶ-ро низ таҳти назорат мегирифт, ки метавонист боиси дахолат ба рафти ФОҶ гардида, мустақилияти онро ҳамчун фаъолияти алоҳидаи давлатӣ, зери шубҳа мемонд.

Инчунин, аз мазмуни қ. 1 м. 21 фаҳмида мешавад, ки функсияи назорати ба субъектҳои амаликунандаи ФОҶ ба зиммаи прокуратура гузошта шудааст ва масъалаи таъмини қонуният дар соҳаи мазкур дар маркази таваҷҷӯҳи прокурору кормандони зердасти ӯ қарор дорад. Вобаста ба ин, м. 1-и Қонун (Мафҳумҳои асосӣ) тафсир дода, муайян мекунад, ки “прокурори ваколатдор – прокуроре, ки дар доираи салоҳияти худ ҳуқуқи шинос шудан бо ҳуҷҷатҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва санҷиши қонунӣ будани қарорҳои МАФОҶ оид ба гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дорад”.

Ваколати назоратии прокурор вобаста ба соҳаи ФОҶ дар қ. 2 м. 21 Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти оперативӣ- ҷустуҷӯӣ”оварада шудаанд, ки тибқи он: “бо дархости прокурори ваколатдор бинобар ба прокуратура ворид гаштани мавод, иттилоот ва муроҷиатҳои шаҳрвандон оид ба вайрон намудани Қонуни мазкур ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ҳамчунин, ҳангоми санҷиши тартиби муқарраршудаи гузаронидани чорабиниҳои

оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва қонунӣ будани қарори дар ин замина қабулшудаи роҳбарони МАФОҶ ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматие, ки барои гузаронидани ин чорабиниҳо асос шудаанд, пешниҳод карда мешаванд” [9].

Дар қ. 3 м. 21-и Қонуни мазкур баъзе маҳдудиятҳо барои прокурор оид ба дастрасӣ ба маводи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пешбинӣ шудаанд. Тибқи он, маълумот дар бораи шахсоне, ки ба гурӯҳҳои ҷиноятӣ ворид шудаанд, инчунин дар бораи кормандони махфӣ ва шахсони махфиёна кӯмаккунандаи мақомоти оперативӣ танҳо бо иҷозати хаттии онҳо ба прокурор пешниҳод карда мешавад. Аммо агар ин шахсон ҷиноят содир карда бошанд, иҷозати онҳо лозим нест.

Маълумоте, ки ба сохтор, усулҳо, воситаҳо ва тартиби фаъолияти оперативӣ тааллуқ дорад, мавриди назорати прокурорӣ қарор намегирад.

Ғайр аз ин, қ. 5 м. 21 прокурорро вазифадор мекунад, ки махфияти маълумоти дар ҳуҷҷатҳо ва маводи пешниҳодшуда зикршударо пурра таъмин намояд [9].

Ба ғайр аз ин, дар қ. 1 м. 21-и Қонуни ФОҶ пешбинӣ шудааст: “Назорати иҷрои Қонуни мазкур Прокурори генералии ҶТ ва прокурорҳои тобеъи он дар доираи ваколатҳояшон амалӣ карда мешавад” [9]. Яъне дар ҳардуи қонунҳои мазкур назорати прокурорӣ ба ФОҶ ҷиҳати иҷрои Қонуни ФОҶ муқаррар карда шудааст.

Аз ин лиҳоз, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар қонунгузорие, ки назорати прокурориро ба ФОҶ ба танзим медарорад ба сифати предмети он баромад мекунанд:

- иҷрои қонунҳо аз ҷониби мақомотҳое, ки ФОҶ-ро ба амал мебароранд (м. 1 Қонуни “Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ”);

- иҷрои Қонуни ФОҶ (қ. 1 м. 21-и Қонуни ФОҶ);

- ФОҶ (номи м. 21 “Назорати прокурорӣ ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ”).

Дар асоси натиҷаи таҳлили КМҶ ҶТ меъёрҳои зеринро, ки назорати прокурориро ба ФОҶ, хусусан ҷиҳати истифодабарии натиҷаҳои он дар рафти тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ва мурофиаи судӣ, бевосита ба танзим медароранд ва дар қатори дигар санадҳо ҳамчун асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти прокурор дар самти мазкур баромад мекунанд, баррасӣ хоҳем кард.

Дар м. 6-и Кодекси мазкур мафҳумҳои асосӣ оварда шудаанд, ки аз онҳо ба прокурор дахл доранд "прокурор" ва "айбдоркунандаи давлатӣ", "тарафи айбдоркунанда". Мафҳуми "прокурор"-е, ки дар Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ" ба тафсири ин истилоҳи дар КМҶ ҶТ додашуда мазмунан монанд мебошад. Функсияи айбдоркунии давлатӣ, яъне тарафи айбдоркунанда дар мурофиаи ҷиноятӣ яке аз нақшҳои прокурор мебошад.

Мавқеъ ва нақши ҳуқуқии прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ дар моддаи 36 чунин муайян шудааст:

1. Прокурор шахси мансабдори давлатӣ аст. Вай аз номи давлат айбдоркунӣ ва таъқиби ҷиноятиро дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ таъмин мекунад.

2. Прокурор назорат мекунад, ки мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ қонунро дақиқ ва дуруст иҷро намоянд.

3. Прокуроре, ки дар мурофиаи судӣ иштирок мекунад, айбдоркунандаи давлатӣ номида мешавад. Ӯ дар суд мавқеи худро вобаста ба татбиқи қонун ва таъин кардани ҷазо бо назардошти далелҳои парванда ва эътимоди ботинии худ баён мекунад.

4. Агар прокурор бо қарори суд розӣ набошад, метавонад дар доираи қонун ба суди болоӣ эътироз пешниҳод намояд.

5. Прокурор метавонад, тибқи талаботи қонун, то лаҳзаи баромадани суд ба хонаи машваратӣ, аз таъқиби ҷиноятӣ ва айбдоркунӣ даст кашад.

Фаъолияти назоратии прокурор дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз тарафи Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили назорати прокурорӣ оид ба таъмини риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ба танзим даровarda шудааст. Ин фармон ҳамчун санади зерқонунӣ амал мекунад.

Ҳамин тариқ, нақши асосии мақомоти прокуратура назорати риояи қонуният дар соҳаии ФОҶ ва умуман мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, фаҳмиши моҳияти қонуният ба дурустӣ ва пуррагӣ дарк кардани аҳаммияти назорати прокурорӣ дар соҳаи ФОҶ оварда, барои амалигардонии принсипи мазкур мусоидат менамояд, зеро аз сифати риоя ва иҷрои талаботи қонунгузорӣ дар фаъолияти кормандони воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ имконпазирии истифодабарии натиҷаҳои он бевосита вобастагӣ дорад.

Бинобар ин, на танҳо корманди мақомоти амалкунандаи ФОҶ бояд аҳаммияти калони қонуниятро эҳсос намояд, балки дар аввал худи корманди прокуратура, назораткунандаи иҷрои принсипи мазкур дар соҳаи дахлдор ҳис кунад, ки амалигардонии қонуният дар таҷрибаи ФОҶ аз мавқеъ ва сифати кори ӯ сарчашма мегирад. Агар, корманди прокуратура, назар ба дигар манфиатҳо қонуниятро ҳамчун арзиши олӣ эътироф намояд, пас ӯ волоияти қонунро дар фаъолияти назоратиаш бе мушкили риоя мекунад. Дар ин раванд, корманди прокуратура дар роҳи таҳкими қонуният устуворона қадам зада, ба ягон мамонияте, ки аз ҷониби шахсони манфиатдори ғаразнок (масалан, кирдорҳои дорои хусусияти коррупсионӣ: м. 321 КҶ ҶТ) ё дигар зуҳуротҳои ба миёномада, дода намешавад. Чуноне, ки таҷриба нишон дод, оқибати назорати прокурории суст дар соҳаи ФОҶ, албатта, боиси қонуншиканӣ мешавад.

Эҳтимолияти фаро расидани чунин натиҷаи манфӣ аз рӯйи хусусиятҳои зерини ФОҶ ба вуҷуд меояд:

- ФОҶ бо ҳамбастагии усул ва воситаҳои ошкоро ва ғайриошкоро, инчунин, пинҳонкорӣ ҷараён мегирад, ки барои суистифодаи низоми муқарраргардидаи қонун барои руйпӯш намудани ҳаракатҳои ғайриқонунии худи кормандон шароит фароҳам медиҳад;

- ФОҶ ба андозаи муайянкардашудаи қонун метавонад ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дахолат намояд ва бинобар ин масъалаи асоснокии чунин маҳдудият ва аз меъёр зиёд будани он, инчунин, тавозун байни зарурати феълӣ татбиқи чунин маҳдудият ва риояи манфиати қонунии одам, баҳснок мебошад;

- дар мурофиаи ҷиноятӣ воҳиди амаликунандаи ФОҶ мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ба шумор меравад ва ҳангоми гузаронидани ЧОҶ бо муқовимат дучор мегарданд, ки дар натиҷа метавонад боиси қонуншиканӣ гардад;

- кормандон-субъектони ФОҶ дар роҳи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ пешсаф мебошанд ва бинобар ин, дар аксари ҳолатҳо маҳз аз хизмати содиқона ва поквиҷдонаи онҳо тақдири ҷиноят (ошкор мешавад ё не) ва ашхоси содиркардаи он (шахсияташ маълум мегардад ё не, дастгир карда мешавад ё не) вобастагии калон дорад.

Ҳамин тариқ, маҳз бо вуҷуди зуҳуротҳои зикргардида ва хусусияти хоси ФОҶ, зарурати назорати прокурорӣ ба воҳидҳои оперативӣ (*тибқи м. 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ" ба воҳидҳои оперативии мақомотҳои зерини Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи амалӣ намудани ФОҶ дар ҳудуди он дода мешавад: корҳои дохилӣ (ВКД); амнияти миллӣ (КДАМ); мудофиа; адлия; назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия АНДММК); мақомоти назорати маводи нашъаовар (АНМН); Гвардияи миллӣ; мақомоти гумрук*) муқаррар карда шудааст.

Қобили зикр аст, ки назорати прокурорӣ ба ФОҶ, ки асосан баҳри таъмини қонуният ҷараён мегирад, бо душвориҳои гуногун дучор мегардад.

Масоили таъмини қонуният дар рафти ФОҶ ҳангоми амалигардонии функсияи назорати прокурорӣ дар корҳои илмии Блинов Ю.С., Железняк Н.С., Капканов В.И., Луговик В.Ф., Осипкин В.Н., Рохлин В.И., Фролова Т.А. ва диг. баррасӣ карда шудааст. Вале, чуноне, ки Гузова А.С. қайд мекунад, бо вуҷуди эътироф кардани саҳми калони намояндагони илм дар соҳаи мазкур, дар умум коркардҳои таҳқиқотии он то ҳол ба анҷом нарасидаанд [98, с. 89].

Чуноне, ки маълум аст, қонуният ҷузъи ҷудонашавандаву таркибии давлати ҳуқуқбунёд буда, инкишофи онро кафолат медиҳад. Риояи қонуният заминаи таъмини волоияти қонун буда, кафолати амалишавии принсипҳо ва шаклҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, он барои таҳкими ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳамчун арзиши асосии ҷомеа, мусоидат менамояд. Принсипи мазкур аз ҳама унсурҳои механизми давлат ва ҷомеа риояи мутлақонаи қонунгузориро талаб мекунад. Ҳамзамон, қонуният дар ФОҶ принсипи афзалиятноки конститутсионӣ ба шумор рафта, бо тарзи итоати воҳидҳои оперативи-ҷустуҷӯӣ ба талаботи он амалигардонӣ мешавад.

Мазмуну муҳтавои принсипи қонуният ба тариқи пурра тавсир шудааст дар осорҳои олимони ҳуқуқшиносон, аз ҷумла Алексеев С.С., Александров Н.Г., Борисов В.В., Строгович М.С. ва диг.

Алексеев С.С., чунин мешуморад, ки “қонуният – ин на танҳо талаботи риоя кардани меъёрҳои маҳдудкунанда ва меъёрҳои уҳдадорикунада, балки талаботи амалигардонии ҳуқуқу озодиҳои ба халқ додашуда мебошад” [23, с 436].

Маҷидзода Ҷ.З. м. 4 Қонуни “Дар бораи ФОҶ” тафсир дода, аҳаммияти онро дар соҳаи ФОҶ ба тариқи васеъ қайд менамояд, ки дар ФОҶ риояи қонуният мавқеи воло дорад, новобаста аз он ки ин намуди фаъолият, бо кадом роҳу усул ба амал баровarda мешавад. Яъне, ба тарзи ошкоро ё ғайриошкоро ва кафолати риояи ин принсип аз тарафи МАФОҶ ё ки субъектҳои ин фаъолият ҳатмист.

Принсипи қонуният, волоияти қонунро нишон дода, риоя ва иҷрои бечунучарои қонунҳо ва дигар санадҳои ба он баробари ҳуқуқии ҳамаи сохторҳои давлатиро аз тарафи мансабдорон ва кормандони субъекти ФОҶ тақозо менамояд. Қонуни мазкур манбаи асосии ҳуқуқӣ барои ҳамаи мақомоте, ки ФОҶ мебаранд ба шумор меравад, иҷро накардани талаботи қонун ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорад. Дар ФОҶ риояи қонуният мавқеи аввалиндараҷа дорад, яъне, ин тарзи фаъолият аслан махфӣ сурат мегирад [48, с. 100].

Вобаста ба ин қайд кардан ба маврид аст, ки таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии Қонуни мазкур ва монанди он – Қонуни федералии Федератсияи Россия “Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” [22] нишон медиҳад, ки матни баъзе меъёрҳои Қонуни ҶТ аз Қонуни ФР истифода шудааст, масалан, меъёри ба назорати прокурорӣ бахшидашуда дар ҳарду қонунҳо дар м. 21 ҷойгир шуда, номи моддаи мазкур як хел мебошад “Назорати прокурорӣ ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” (“Прокурорский надзор за оперативно-розыскной деятельностью”). Инчунин, сохтори (конструксияи) матни ин меъёрҳо мазмунан монанд ҳастанд. Албатта, чунин таҷриба дар қоидаи қонунэҷодкунӣ дуруст ҳисобида мешавад, зеро тавассути истифодабарии дастовардҳои парлумони дигар кишвар дар соҳаи қонунгузорӣ вақту дигар захираҳоро сарфа мешаванд. Мансубияти қонунгузории Тоҷикистон ва Россия ба як “оилаи ҳуқуқӣ”, монандии низоми қонунгузорӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба қонунгузор имконият медиҳад, ки қисми санади меъёрии ҳуқуқии дигар кишварро ҳамчун намуна гирифта, мувофиқи шароити дохилаи давлати худ табдил дода, дар қонунгузории миллӣ ҷорӣ намояд. Аммо, ҳамзамон дар ҳолати мазкур эҳтимолияти такрор кардани камбудиҳои санади меъёрии ҳуқуқи дигар давлат дар қонуни нав эҷодкардашудаи миллӣ низ ба миён меояд. Аз ин лиҳоз, шиносоӣ бо нуқтаи назари олимони рус доир ба масъалаи ҷой доштани камбудиҳои дар қонунҳои федералии Федератсияи Россия “Дар бораи прокуратураи

Федератсияи Россия” [21] ва “Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” [22] барои таҳқиқоти мо ба маврид аст.

Мувофиқи эроди як қатор олимон, аз ҷумла Железняк Н.С. [102, с. 5] ва Луговик В.Ф. [117, с. 129], дар қонунҳои номбурда предмети назорати прокурорӣ ба таври мушаххас таҳия нашудааст. Масалан, дар қ. 1 м. 21 ҚФ ФР “Дар бораи ФОҶ” чунин оварда шудааст: “Назорати прокурорӣ ба иҷрои Қонуни федералии мазкур ...”, вале номи модда бошад пешбинӣ мекунад: “Назорати прокурорӣ ба фаъолияти оперативии-ҷустуҷӯӣ”, яъне он нисбат ба муҳтавои меъёри мазкур на танҳо иҷрои қонунро, балки умуман соҳаи ФОҶ-ро дар бар мегирад, ки аз нуқтаи назари муаллифон васеътар мебошад. Ба ғайр аз ин, муқаррароти қ. 2 м. 1 ҚФ ФР “Дар бораи прокуратураи ФР” бошад, муайян мекунад: “... назорати иҷрои қонунҳо аз ҷониби мақомоте, ки ФОҶ-ро ба амал мебароранд ...”.

Луговик В.Ф., ба муқаррароти мазкур такя намуда, тавсия медиҳад, ки дар ҳолати мазкур предмети назорати прокурорӣ бояд дар қонун тариқи зайл муқаррар карда шавад: “назорати прокурории иҷрои Қонуни федералии “Дар бораи ФОҶ” [117, с. 129]. Муаллиф, ин мавқеъро бо он асос мекунад, ки м. 1 ҚФ “Дар бораи прокуратура”, самтҳои асосии фаъолияти мақомоти мазкурро муайян карда, танҳо дар хусуси назорти иҷрои қонунҳоро дар назар дорад. Аз ин лиҳоз, ӯ ба хулоса меояд, ки предмети назорати прокурорӣ вобаста ба мавзуъи баррасишаванда фақат иҷрои ҚФ “Дар бораи ФОҶ” мебошад.

Ҳамин тариқ, барои таъмини мавқеи ягонаи қонунгузор ва самаранокии механизми иҷроиши он, мувофиқ намудани предмети назорати прокурорӣ дар ҳарду қонуни таҳлилшуда ва бартараф кардани ихтилофҳои мавҷуда аҳамияти махсус дорад.

Железняк Н.С. дар ин хусус мегуяд, ки ваҷҳи пешниҳоднамудаи мақомоти назоратӣ дар бораи он, ки шиносоӣ бо маводҳои оперативӣ

дар ҷои кориаш қуллай мебошад, дар сурати ҳатто эҳтимолияти ками вайронкунии реҷаи махфият будан, бояд қабул накарда, қонеъ нагардад [103, с. 14].

Бинобар сабаби он, ки қисми зиёди маълумоти оид ба ФОҶ ба сирри давлатӣ мансубанд, прокурори ваколатдор уҳдадор аст, ки мувофиқи тартиби муқарраргардида дастрасии дахлдорро ба расмият дарорад, ки он барои шиносой бо ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматӣ асоси расмӣ мегардад. Талаботи мазкур дар Дастурамал «Дар бораи тартиби роҳ додани шахсони мансабдор ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сирри давлатӣ», ки таҳти №703-21 аз 28 ноябри соли 2015 қабул шудааст, пешбинӣ гардидааст.

Яке аз масоили муҳим дар соҳаи назорати прокурорӣ ба ФОҶ коркарди дастгоҳи истилоҳотии ягона мебошад, зеро калимаҳои он дар муқаррароти қонун ифода ёфта, тавассути меъёрҳои мазкур ба саҳми иҷрокунандагони қонун расонида шуда, механизми фаъолияти мазкурро ба танзим медарорад [90, с. 28-33]. Дар натиҷаи ин, ба корманди прокуратура ва дигар субъектҳое, ки ӯ бо онҳо дар ҷараёни фаъолияти назоратиаш робита менамояд, аз ҷумла, кормандони МАФОҶ, мазмуни қонун ҷиҳати риоя ва иҷрои муқаррароти он фаҳмо гардида, онҳо талаботи қонунро дуруст дарк мекунанд [106, с. 180]. Чуноне, ки таҷриба нишон дод, қисми зиёди қонуншиканиҳо боиси нафаҳмидани мазмуну моҳияти меъёрҳои ҳуқуқӣ гардидаанд.

Вобаста ба ин, мутахассисони назарияи назорати прокурорӣ Даев В.Г. ва Маршунов М.Н. иқрор мешаванд, ки масъалаи объект ва предмети назорат аз ҷиҳати вожаҳои дар ин соҳа истифодабаранда мураккаб буда [37, с. 62], муаммои ҳалношуда мондааст.

Тибқи мафҳуми пешкашшуда Сухарев А.Я., назорати прокурорӣ намуди махсус ва мустақили фаъолияти давлатӣ буда, танҳо ба ваколати мақомоти прокуратура мансуб аст. Ҳеҷ як мақомоти дигари давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, тиҷоратӣ, муассисаҳо, шахсони мансабдор ё

шаҳрвандони алоҳида ҳуқуқи иҷро кардани ин вазифаро надоранд. Назорати мазкур танҳо аз номи давлат ва барои таъмини манфиатҳои давлатӣ амалӣ мегардад [24, с. 155].

Ғайр аз ин, М.А. Аушев таъкид менамояд, ки дар ҷараёни ЧОҶ эҳтимоли маҳдуд шудани ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд вуҷуд дорад, зеро фаъолияти мазкур аксаран бо тарзи махфӣ амалӣ мегардад., ки бо ҳамин сабабҳо назорати прокурорӣ дар муқаррару дастгирии қонунияти фаъолияти мазкур ҳамчун воситаи оқилонатарин баромад мекунад [81, с. 14].

В.Н. Омелин низ ба ҳамин мавқеъ розӣ буда, қайд мекунад, ки ФОҶ дар баъзе ҳолатҳо бо маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд амалӣ мешавад. Ҳангоми иҷрои чунин чорабиниҳо дахолат кардан ба ҳаёти шахсии шахсон низ эҳтимол дорад, ки дар баъзе мавридҳо ин дахолатҳо на ҳамеша мутобиқи талаботи қонунгузории дахлдор иҷро мегарданд. Аз ин рӯ, ба ақидаи муаллиф, назорати прокурорӣ ба фаъолияти МАФОҶ аҳамияти махсус пайдо мекунад [121, с. 101].

Муносибати байни кормандони прокуратура ва дигар мақомот вобаста ба назорати ФОҶ ва истифодабарии натиҷаҳои он низ барои таъмини ҳамкории сарфакоронаашон дар самти иҷрои вазифаҳои касбиашон яке аз масъалаҳои мубрамиятдошта ба шумор меравад. Пушида нест, ки муҳорибаи байниидоравӣ дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ сарчашма гирифташуда, то ҳол дар таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Россия ва дигар кишварҳои собиқ ИҶШС ҷой дорад. Чунин ҳолат дар шакли ҳуҷҷатгузорӣ низ метавонад зоҳир гардад. Аз ҷумла, В.Ф. Луговик зимни омӯзиши амалияи судӣ, санадҳои дахлдори прокурорӣ ва натиҷаи саволномаҳо бо кормандони оперативӣ, инчунин таҷрибаи худ дар ҷаласаҳои шӯрои машваратии назди Прокуратураи вилояти Омск (ФР), ба чунин натиҷа расидааст, ки меъёрҳои нодурусти арзёбии фаъолияти прокуророн

метавонанд онҳоро водор созанд, ки нисбат ба кормандони воҳидҳои оперативии политсия беасос чораҳои интизомӣ андешанд ё онҳоро ба ҷавобгарии маъмурӣ ҷалб намоянд [116, с. 43-48].

Баҳри ба амал баровардани назорати қонуният дар фаъолияти субъектҳои мухталиф ба зиммаи прокурор мувофиқи доираи вазифаҳоаш, маҷмуи салоҳиятҳо, ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳо гузошта мешаванд. Ваколати прокурор дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” вобаста ба самтҳои фаъолияти прокурорӣ муқаррар карда мешаванд. Чуноне, ки Кожевников О.А. дар ин хусус дуруст иброз менамояд, ваколати ягонагӣ барои тамоми фаъолияти прокурорӣ мавҷуд нест ва вуҷуд доштан наметавонад, зеро он қатъиян мувофиқи самтҳои алоҳида амалӣ мегардад [112, с. 58]. Дар ваколати прокурор, мисли вазифаҳояш, хусусияти фаъолияти субъектҳое, ки таҳти назорати ӯ қарор мегиранд, инъикос меёбад. Бинобар ин, ба ҳар як самт (масалан ФОҶ) маҷмуи ваколати махсуси прокурорӣ мувофиқат мекунад.

Ин ваколат тавассути воситаҳои ҳуқуқии назорати прокурорӣ, аз ҷумла санҷишҳои пркурорӣ, қарорҳо, эътироз, пешниҳодҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои прокурор иҷро мешаванд.

Чуноне, ки маълум аст, ФОҶ дар мубориза зидди ҷиноятkорӣ, ошкор ва пешгирии ҷиноятҳо аҳаммияти калон дорад. Дар баробари ин, рӯз аз рӯз эҳтиёҷоти афзоиши самаранокии ФОҶ зиёд шуда истодааст ва аз дигар тараф, зарурати риояи қатъии риояи ҳуқуқу озодиҳои иносн ва шаҳрванд дар ин соҳа ба вуҷуд меояд [131, с. 73]. Ҳалли масъалаҳои мазкур бе назорати прокурорӣ имконнопазир аст.

Назорати прокурорӣ ба ФОҶ барои таъмини волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона шудааст. Он тавассути ошкор кардани ҳуқуқвайронкуниҳо, бартараф намудани онҳо ва ҷалби шахсони гунаҳкор ба ҷавобгарӣ амалӣ мегардад. Дар замони ҳозира,

назорати прокурорӣ роҷеъ ба қонунияти ФОҶ самти мустақили фаъолияти прокурорӣ буда, ба соҳаи алоҳида – назорати прокурорӣ оид иҷрои қонунҳо аз ҷониби МАФОҶ ва тафтишоти пешакӣ ташаккул ёфтааст [30], [29] .

Ҳамин тавр, пас аз таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи нақш ва мавқеи мақомоти прокуратура дар мурофиаи ҷиноятӣ чунин хулоса кардан мумкин аст:

Асосҳои ҳуқуқии назорати прокурорӣ дар самти истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ инҳоянд: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ, Фармонҳои соҳавии Прокурори генералии ҶТ ва дигар санадҳои ҳуқуқии дохилӣ ва байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро қабул намудааст. Ин санадҳо фаъолияти мақомоти прокуратураро дар бахши назорат оид ба истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ муайян мекунанд ва танзим менамоянд.

Тартиб ва механизми назорати прокурорӣ дар самти риоя ва иҷрои қонунҳо вобаста ба истифодаи натиҷаҳои ФОҶ, ки дар санадҳои ҳуқуқии номбурда пешбинӣ гардидааст, барои татбиқи босамари фаъолияти назоратии прокурор дар ин соҳа кофӣ ва мувофиқ аст. Вале, омӯзиши таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар панҷ соли охир тафтишшуда, натиҷаҳои таҳлили маводҳои ҷамъовардашудаи эмпирикӣ дар маҷмӯ нишон медиҳад, ки зарурати мукаммалнамоии низоми назоратӣ вобаста ба истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ вуҷуд дорад. Мукаммалнамоӣ дар ин самт, пеш аз ҳама асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар бар мегирад, ки барои бардоштани самаранокии назорати прокурорӣ дар соҳаи мазкур мусоидат хоҳад кард.

Дар баробари ин, такмил ва таҳкими фаъолияти назоратии прокурор вобаста ба истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ аҳаммияти калон дошта, мустақимона ба низоми риояи қонуният дар ФОҶ ва умуман пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ таъсироти мусбат бахшида, сифати фаъолияти мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ баланд хоҳад кард, ки ин чора дар навбати худ, самаранокии механизми истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯиро мувофиқи талаботи қонун расонида, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ваколатдор имконят медиҳад, ки натиҷаҳои онро дар ҷараёни исбот бе мамонияту шубҳа фаъолона истифода баранд.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқоти гузаронидагиамон ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Прокуратура дар мурофиаи ҷиноятӣ функсияҳои таъқиби ҷиноятӣ, айбдоркунии давлатӣ ва назорати прокурориро вобаста ба пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ ва ФОҶ, хусусан истифодабарии натиҷаи онро иҷро мекунад. Предмети назорати прокурорӣ на ин ки ФОҶ, балки иҷрои Қонуни ФОҶ мебошад. Яъне, ҷараёни иҷрои Қонуни мазкур предмети назорати прокурориро ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз механизми назорати прокурорӣ ба ФОҶ тавассути ҷараёни иҷрои Қонуни мазкур, ки онро ба танзим медарорад, амалӣ мегардад. Мантиқан иҷрои Қонун дар рафти ФОҶ ва ФОҶ як механизмро ташкил медиҳанд ва таваҷҷуҳи назорати прокурорӣ танҳо ба мувофиқат кардани ФОҶ ба талаботи Қонуни зикргардида равона мебошад.

2. Назорати прокурорӣ оид ба ФОҶ бо риояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандоне, ки дар асоси қарордод бо МАФОҶ ҳамкорӣ менамоянд ва бо дарназардошти нигоҳ доштани сирри махфият роҷеъ ба тарафи тактикии гузаронидани чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо Қонуни ФОҶ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор маҳдуд мешавад. Ҳадди назорати прокурорӣ бо тасаввуроти зарурати функсияи он аз ҷониби қонунгузор муқаррар шудааст, ки мантиқан унсурҳои ФОҶ дар

зери назорати прокурор қарор надошта, бояд ҷиҳати риояи қонуният аз тарафи МАФОҶ ба тариқи иҷрои мунтазами талаботи қонун аз ҷониби кормандони оперативӣ ва назоратбарии идоравии роҳбарияти мақомоти мазкур таъмин карда шавад.

3. Раванди истифода намудани натиҷаҳои ФОҶ дар ҷараёни тафтишоти парвандаи ҷиноятӣ ва муҳокимаи он дар суд комилан таҳти назорати прокурорӣ қарор гирифтааст. Аз ин лиҳоз назорати прокурории босифат барои таъмини волоияти қонуният ҳангоми истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар мурофиаи ҷиноятӣ аҳаммияти калон дорад. Назорати прокурорӣ тавассути қадамҳои зерин амалӣ мегардад:

1) Фаъолияти прокурори ваколатдор дар марҳилаи тафтиши парвандаи ҷиноятӣ;

2) Ҳангоми иҷрои функсияи айбдоркунандаи давлатӣ дар марҳилаи мурофиаи судӣ;

3) Баррасии арзу шикоятҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти прокуратураи болоӣ новобаста аз марҳилаи он.

4. Воситаҳои таъсиррасонии назорати прокурорӣ бобати риоя ва иҷрои қонунҳо вобаста ба истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ чораҳои таассури прокурорӣ, аз ҷумла, бекор намудани қарори қабулкардашудаи МАФОҶ, таҳқиқбаранда ва муфаттиш, оғози парвандаи ҷиноятӣ, оғози истеҳсолоти интизомӣ, эътироз овардан, ба шумор меравад. Дар маҷмуъ чораҳои мазкур ба прокурор ҷиҳати таъмини назорати риоя ва иҷрои қонунҳо вобаста ба истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ ваколати васеъ медиҳанд.

.

# ХУЛОСА

Дар натиҷаи таълифи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи “Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” мо ба хулосаҳои дахлдори ниҳоӣ расидем, аз қабили:

1. Натиҷаҳои ФОҶ – дастовардҳои ҳуҷҷатноккардашудаи мақомоти амаликунандаи фаъолияти мазкур мебошанд, ки мутобиқи қонунгузории оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ марбут ба ҷинояти дар марҳилаи тайёршавӣ, содиршавӣ ё анҷомдода ва иштирокчиёни он, инчунин шахсоне, ки аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пинҳон гардидаанд, ҷамъ оварда шудаанд [3-М].

2. Истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ – амали мақомоти тафтишоти пешакӣ, прокурор, судя (суд) бо маводи оперативии ғайримахфигардида ва пешкардашудаи МАФОҶ, ҷиҳати санҷишу баҳогузории асоснок ва қонунии онҳо ва истифодабариашон дар ҷараёни исбот бо парвандаи ҷиноятӣ, мебошад [3-М].

3. Раванди ташаккулёбӣ ва инкишофи асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ, инчунин дар ин ҷараёни таъсиси механизми устувори амалигардонии он дар таҷрибаи мурофиаи судии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат мекунанд, ки дар натиҷаи тадбирҳо дар ин самт андешидашуда, институти истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи низоми муқовимат ба ҷинояткорӣ ба вуҷуд омадааст. Таърихи институти мазкур, ки дар кишварамон зиёда аз ним аср давом дорад, зарурату самаранокии онро тасдиқ мекунад, зеро иқтидори МАФОҶ дар натиҷаҳои он инъикосгардида тавассути механизми истифодабариашон дар рафти мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ихтиёри мақомоти тафтишоти пешакӣ, прокурор ва судя (суд) дастрас шуда, ба онҳо имконият медиҳад уҳдадорӣ ва вазифаҳояшон дар сатҳи талабгардидаи қонун иҷро намоянд [1-М; 3-М].

4. Институти истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ҷойи муқаррарро ишғол карда, аҳаммияти дахлдор дорад, бо ҳамин дурнамои рушдро дастрас намудааст ва бо вуҷуди камбудиҳои назаривӣ ва амалӣ ҷиҳати функсиягардониаш дар низоми мазкур ва зуҳуроти зудтағйирёбии замони муосир бо хатару окибатҳояш, масъалаи мукаммалнамоии институти номбурда ҳадафи аввалиндараҷаи давлат ба шумор меравад [4-М].

5. Ҷамъоварии натиҷаҳои ФОҶ – маҷмуи чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад, ки дар рафти гузарониданашон мақомоти ваколатдори оперативӣ-ҷустуҷӯӣ иттилооти барои пешгирӣ, ошкор ва тафтиши ҷиноят, инчунин муайян ва дастгир намудани иштирокчиёни он ва шахсони аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пинҳонгашта аҳаммиятдоштаро, бо риояи талаботи қонунгузории оперативӣ-ҷустуҷӯӣ барои пешниҳод кардан ба мақомоти тафтишоти пешакӣ, прокурор ва судя (суд) дастрас намуда, барасмият даровардааст.

6. Вобаста ба ин, хусусияти марҳилаи то оғози парвандаи ҷиноятӣ дар он мебошад, ки давраи мазкур дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ибтидоӣ буда, ҳангоми он ҷамъоварии натиҷаҳои ФОҶ аз ҷониби мақомоти амаликунандаи фаъолияти мазкур мустақилона ё бо супориши мақомоти ҳифзи ҳуқуқи дахлдор дар ҳолати оғоз набудани парвандаи ҷиноятӣ тавассути чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ нисбати ҷиноятe, ки дар ҷараёни тайёрӣ, содиршавӣ ё хотимаёфта қарор дорад ва шахсони дар он шомилбуда, баргузор мешаванд ва натиҷаҳояш метавонанд баъди пешкаш намуданашон ба мақомоти тафтишоти пешакӣ, асос барои оғози парвандаи ҷиноятӣ гарданд [3-М].

7. Хусусияти хоси марҳилаи тафтишоти пешакӣ барои истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар он мебошад, ки он бо парвандаи ҷиноятии оғозгардида ҷараён мегирад ва дар давараи мазкур қисми зиёде амалҳои тафтишотӣ бо мақсади исбот гузаронида мешаванд ва ҳамзамон бо ҳамин гуна ҳаракатҳо ва чорабиниҳои санҷишӣ барои

мурофиаи судии минбаъда таҳкурсии исботро ташкил дода мешавад. Асосан, дар ин ҷараён муфаттиш ва таҳқиқбаранда, бояд тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҳама чораҳои пешбининамудаи онро баҳри ошкору тафтиши ҷиноят, муқаррар намудани ҳақиқат ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони гунаҳгор андешида, бо парвандаи ҷиноятӣ қарори қонунӣ қабул намоянд [4-М; 1-М].

8. Истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ ҳангоми тафтиши парвандаи ҷиноятӣ аз тарафи муфаттиш ва таҳқиқбаранда бо санҷиши (тафтиши) ва баҳогузории асоснокӣ ва қонунӣ будани ин маводи пешкашгардидаи МАФОҶ оғоз мегардад. Агар натиҷаҳои ФОҶ ба талаботи қонунгузории оперативӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ мувофиқ бошанд, онҳо метавонанд дар раванди исботи парвандаи ҷиноятӣ истифода шаванд. Ин натиҷаҳо тавассути амалҳои махсуси тафтишотӣ ба далелҳои расмии исботкунанда табдил дода шуда, баъдан якҷо бо дигар далелҳои аз ҷониби мақомоти тафтишот пешкашшуда ба мурофиаи судӣ пешниҳод карда мешаванд [4-М].

Вобаста ба ин хусусияти баррасии натиҷаҳои ФОҶ дар марҳилаи тосудӣ дар он мебошад, ки дар аксари ҳолатҳо онҳо аввалин маротиба ба саҳми муфаттиш ва таҳқиқбаранда пешниҳод мегарданд ва дар марҳилаи мазкур масъалаи “тақдири” минбаъдаи онҳо ҷиҳати коршояму кофӣ ва дурнамои судӣ доштанашон аз ҷониби шахсони мансабдори зикргардида ва дар ҳолатҳои пешбинигардидаи қонун – прокурору судя, ҳал карда мешаванд [3-М].

9. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон суд ҳокимияти давлатии мустақил буда, адолати судиро аз номи давлат амалӣ менамояд. Инчунин суд ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ дохил намегардад ва холисона тибқи принсипҳои пешбининамудаи қонун оид ба парвандаҳо ва маводи мавриди пешбурдашон мавҷудбуда қарори дахлдор мебарорад. Дар соҳаҳои ФОҶ ва мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон суд яке аз

субъектҳои истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ мебошад. Вазифаи мазкурро суд дар асоси Конститутсия, қонунгузории дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунӣ (аз ҷумла Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерқонунӣ (аз ҷумла Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон) амалӣ мегардонад.

10. Мурофиаи судӣ баъди тафтишоти пешакӣ баргузор гардида, дар мурофиаи судии ҷиноятӣ мавқеи марҳилаи асосӣ ва хотимавиро ишғол менамояд. Маҳз дар ҳамин давра суд маводи ҷамъовардашудаи мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакиро баррасӣ менамояд ва бар замми ин тафтиши судиро анҷом медиҳад. Ҳамзамон, суд тибқи муқаррароти қонунгузории мурофиавӣ натиҷаҳои ФОҶ дар ҳалли масъалаҳои пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ, хусусан ҷараёни исбот истифода мебарад. Бинобар ин, аҳаммияти мурофиаи судӣ ҳамчун марҳилаи охирин дар тафтиши парвандаи ҷиноятӣ, ки бо қабули қарорӣ хотимавии пешбиникардашудаи қонун анҷом дода мешавад, басо назаррас аст. Камбудиҳо, норасогиҳо ва хатогиҳое, ки дар марҳилаи тосудӣ, яъне пеш аз оғози парвандаи ҷиноятӣ ва ҳангоми тафтиши он вобаста ба натиҷаҳои ФОҶ ва истифодабарии онҳо дар мурофиаи судии ҷиноятӣ роҳ дода шудаанд ва саривақт бо механизми назоратбарии идоравӣ ва назорати прокурорӣ бартараф нашуда бошанд, дар суд бояд ошкор шуда, оид ба ислоҳ кардани онҳо чораҳои мушаххас андешида шаванд [2-М; 3-М].

11. Суд дар се ҳолати мурофиавӣ парвандаи ҷиноятиро баррасӣ менамояд:

1) Дар давраи тосудии тафтиши парвандаи ҷиноятӣ дар ҳолатҳои зарурат бо ташаббуси мақомоти тафтишбаранда (муфаттиш, таҳқиқбаранда) барои гирифтани иҷозат оид ба гузаронидани амалу чораҳои тафтишии пешбининамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд тариқи хаттӣ муроҷиат намуда, ба саҳми судя (суд) парвандаи ҷиноятӣ ва маводи дахлдорро пешниҳод

менамояд. Феълан суд дар марҳилаи мазкур суд функсияи назоратбарӣ ва иҷозатдиҳиро иҷро мекунад;

2) Ҳангоми мурофиаи судӣ, ки дар он парвандаи ҷиноятӣ мавриди баррасӣ қарор дошта, аз тафтишоту музокираи судӣ гузашта, ба баровардани ҳукм мерасад. Дар мурофиаи мазкур суд ба ҳайси мақомоти тафтишкунандаи парвандаи ҷиноятӣ ва оид ба он қабулкунандаи қарори адолат муқаррар баромад мекунад;

3) Амалӣ суд ба ҷавоби арзу шикоятҳои шаҳрвандон оид ба вайронкунии реҷаи қонуният, хусусан поймолкунии ҳуқуқҳояшон ҳангоми мурофиаи судии ҷиноятӣ. Дар мавриди мазкур шаҳрвандон ташаббускори амалҳои минбаъда суд мегарданд. Фаъолияти суд ҳамчун мақомоти ҳалкунандаи баҳсу даъвоҳои мурочиаткунандагон тавсиф додан мумкин аст.

12. Таҳлили асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ нишон медиҳад, ки бо вуҷуди он дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон функсияи “назоратбарии судӣ” вуҷуд надошта бошад ҳам, фаъолияти суд оид ба иҷрои вазифаҳои муқарраргардидаи қонун функсияи назоратбариро низ дар бар мегирад. Дар марҳилаҳои таҳқиқу тафтиши пешакӣ ва мурофиаи судӣ мақомоти суд назоратбарии судиро тавассути ваколатҳои зерин ба амал мебарорад:

1) Санҷиши асоснокӣ ва қонунӣ будани маводи пешниҳодкардашуда бо парвандаи ҷиноятӣ ҳангоми ҳалли масъалаи додани иҷозат оид ба гузаронидани чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва амали тафтишотии ба нақшагирифташудаи мақомоти ваколатдор (амаликунандаи ФОҶ, таҳқиқ, тафтиши пешакӣ);

2) Пешбурди мурофиаи судӣ, муҳокимаи судӣ оид ба парвандаи ҷиноятие, ки бо он таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ анҷом дода шудааст ва он бо фикри айбдоркунӣ тавассути прокурори ваколатдор ба суд ирсол карда мешавад. Дар ин ҳангом суд парвандаи ҷиноятиро баррасӣ

намуда, далелҳои пешниҳодкардашудаи тарафҳои айбдоркунанда ва ҳимояро месанҷад, натиҷаҳои ФОҶ дар рафти тафтиши парвандаи ҷиноятӣ истифодабурдашударо барои қобили қабул кардан ба сифати далели исбот тафтишу баҳогузорӣ менамояд ва бо ин ҳаракатҳо назоратбариро амалӣ менамояд;

3) Баррасии муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, арзу шикоятҳояшон вобаста ба вайронкунии ҳуқуқу манфиатҳои қонуниашон дар рафти ФОҶ, тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ва мурофиаи судӣ ва ҳалли масъалаҳои ба онҳо дахлдор феълан назоратбарии судиро ба вуҷуд меорад [3-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Сарчашмаи мушкилоти асосии истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ камбудиҳои зерин таъсис менамоянд:

1) Ҳолатҳои номутобиқ будани ҳуҷҷатгузорӣ ва тарзи расмият додани натиҷаҳои чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯии гузаронидашуда ба талаботи қонунгузории дахлдор;

2) Ҳолатҳои вайрон кардани қонунгузорӣ дар рафти ФОҶ, ки боиси эътироф нагардидан ё беэътибор шудани натиҷаҳои бадастомада мегарданд.

Ҳолатҳои зикргардида метавонанд ҷиҳати ҷараёни истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ мушкилӣ ба миён оранд ё ин ки тамоман истифодабарии натиҷаҳоро ғайриимкон намоянд дар фаъолияти мақомоти амаликунандаи ФОҶ [3-М].

2. Мушкилот вобаста ба истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар мурофиаи ҷиноятӣ шартан ба ду гуруҳ таҷзия менамоем:

1) Масъалаҳое, ки бевосита ба ҷараёни тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ва баррасии он дар мурофиаи судӣ мансуб мебошанд, хусусан таҷрибаи истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар марҳилаҳои мазкур;

2) Масъалаҳои ташкилу танзими мурофиаи судии ҷиноятӣ, хусусан механизми натиҷаҳои истифодабарии ФОҶ дар тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ва мурофиаи судӣ, ки аз назарияи ФОҶ ва мурофиаи ҷиноятӣ ва қонунгузории соҳавии амалкунанда ба вуҷуд омадаанд [4-М].

3. Назоратбарии идоравӣ воситаи муҳимми таъмини қонуният на танҳо дар ФОҶ, балки дар мурофиаи судии ҷиноятӣ аҳаммияти дахлдор дорад. Хусусияти назоратбарии идоравӣ дар он тавсиф меёбад, ки вазифаи мазкур аз ҷониби МАФОҶ сурат мегирад. Яъне ин функсия феълан худназоратбарӣ мебошад, зеро он дар дохили идора – МАФОҶ баргузор мегардад. Аз матни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” бар меояд, ки назоратбарии идоравӣ аз

тарафи роҳбарони амаликунандаи ФОҶ барои риояи қонуният ҳангоми ташкил ва гузаронидани чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ иҷро мешавад. Бо дарназардошти оне, ки ба ғайр аз ин муқаррарот дар Қонуни мазкур ҷиҳати назоратбарии идоравӣ дигар муқаррарот дида намешавад ва сохтори МАФОҶ ба инобат гирифта, роҳбарони онро ба ду зина ҷудо кардан мумкин аст: роҳбарони бевоситаи воҳиди оперативӣ ва роҳбарияти мақомоте, ки дар сохтораш воҳиди оперативӣ вуҷуд дорад.

Назоратбарии идоравӣ яке аз вазифаҳои роҳбарикунандаи МАФОҶ ба шумор меравад. Бинобар он, ки мақомоти мазкур ҳангоми ФОҶ тарзу усулҳо ва воситаҳои ғайриошкоро истифода мебарад, маълумот оид ба рафти ҷорабиниҳои он ва натиҷаҳояшон тибқи талаботи қонун барои атрофиён ноайён ва пӯшида мебошад. Аз ин ру, эҳтимолияти вайронкунии қонун дар ҷараёни ФОҶ аз ҷониби воҳидҳое, ки чорабиниҳои онро амалӣ менамоянд, меафзояд. Маҳз ин ҳолат назоратбарии идоравиро ҷиҳати ФОҶ ва, хусусан, истифодабарии натиҷаҳои он аз ҷониби мақомоти амаликунандаи фаъолияти мазкур талаб менамояд [3-М].

4. Хусусияти хоси ФОҶ, ки дар низоми махфӣ ва пӯшида инъикос мегардад барои назорати прокурорӣ ва назоратбарии судӣ мушкилӣ ҷиҳати дастрасии ҳуҷҷатҳои оперативӣ ва маълумотҳо вобаста ба чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба миён меорад. Мақомоти суд ва прокуратура ҳангоми амалҳои пешбиникардашудаи қонунгузории соҳавӣ оид ба дастрас кардани ҳуҷҷату маълумоти оперативии мазкур на дар ҳама ҳолатҳо натиҷаҳои дилхоҳ ноил мегарданд, зеро МАФОҶ манфиати идоравиро дастгирӣ карда метавонад асоснок ё бе асоси кофӣ ба ҳадафи онҳо мамоният гузорад. Дар ҳолати пешбининамудаи қонунгузории соҳавӣ, ҳадди назорати прокурорӣ ва назоратбарии судӣ ба прокуратура (прокурор) ва суд (судя) маҳдудият муқаррар менамояд

ва назоратбарии идоравӣ ба он қисми ФОҶ назоратнашударо (аз ҷониби прокурору судя) паҳн мегардад ва онро пурра дар бар мегирад.

5. Прокуратура дар мурофиаи ҷиноятӣ функсияҳои таъқиби ҷиноятӣ, айбдоркунии давлатӣ ва назорати прокурориро вобаста ба пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ ва ФОҶ, хусусан, истифодабарии натиҷаи онро иҷро мекунад. Предмети назорати прокурорӣ на ин ки ФОҶ, балки иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ" мебошад. Яъне, ҷараёни иҷрои Қонуни мазкур предмети назорати прокурориро ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, механизми назорати прокурорӣ ба ФОҶ тавассути ҷараёни иҷрои Қонуни мазкур, ки онро ба танзим медарорад, амалӣ мегардад. Мантиқан иҷрои Қонун дар рафти ФОҶ ва ФОҶ як механизмро ташкил медиҳанд ва таваҷҷуҳи назорати прокурорӣ танҳо ба мувофиқат кардани ФОҶ ба талаботи Қонуни зикргардида равона мебошад.

6.1. Назорати прокурорӣ ба ФОҶ бо риояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандоне, ки дар асоси қарордод бо МАФОҶ ҳамкорӣ менамоянд ва бо дарназардошти нигоҳ доштани сирри махфият роҷеъ ба тарафи тактикии гузаронидани чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор маҳдуд мешавад. Ҳадди назорати прокурорӣ бо тасаввуроти зарурати функсияи он аз ҷониби қонунгузор муқаррар шудааст, ки мантиқан унсурҳои ФОҶ дар зери назорати прокурор қарор надошта, бояд ҷиҳати риояи қонуният аз тарафи МАФОҶ ба тариқи иҷрои мунтазами талаботи қонун аз ҷониби кормандони оперативӣ ва назоратбарии идоравии роҳбарияти мақомоти мазкур таъмин карда шавад [3-М].

6.2. Истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ ҳангоми тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ва муҳокимаи он дар мурофиаи судӣ пурра дар зери назорати прокурорӣ қарор дорад. Аз ин лиҳоз назорати прокурории босифат

